С. ДАВЛАТЗОДА, Л. НАЗИРӢ, А. МИРАЛИЕВ

# АСОСҲОИ ИНТИХОБИ КАСБ

Китоб барои дарсҳои тарбиявии
хонандагони синфҳои 10 –11-уми
муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

**Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тавсия кардааст**

**Душанбе
Маориф
2017**

**ББК Я 73 74.200. 52 (2тоҷик)**
**Н-19**

**Н-19. Давлатзода С., Назирӣ Л., Миралиев А. Асосҳои интихоби касб.** Китоб барои дарсҳои тарбиявии хонандагони синфҳои 10 –11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017. 232 саҳ.

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси додару хоҳаронатон гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**© Маориф, 2017**
**Моликияти давлат**

**ISBN 978-99947-1-447-6**

## ПЕШГУФТОР

*Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бе халал хоҳӣ амал,*
*Мева бенуқсон бувад, чун аз ниҳоли навбар аст.*

**Абдурраҳмони Ҷомӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти касбиро ба сифати яке аз ҷузъҳои муҳимми низоми маориф арзёбӣ мекунад, ки он иқтисодиёти миллиро бо мутахассисони баландихтисоси коргарӣ таъмин карда, дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани некуаҳволии шаҳрвандони он саҳми арзанда мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид кардаанд: «Дар хотир бояд дошт, ки танҳо миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо кунад».



Омода кардани кадрҳои коргарӣ масъалаи муҳим буда, заминаҳои он аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оғоз мешавад. Наврасону ҷавонон бояд донанд, ки дар дунё беш аз 50 ҳазор намуди касб мавҷуд аст. Баробари тараққиёти босуръати илму техника, иқтисоди бозаргонӣ, талаботи бозори кор ва пешравии ҷомеа намудҳои касб рӯз аз рӯз зиёд шуда, касбҳои нав ва ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат ба миён меоянд. Оё интихоби касб дар байни ҷавонон аз рӯйи хоҳиш ва қобилияташон ба роҳ монда шудааст? Оё ҷавонон худ малакаву қобилияти интихоби дурусти касбро доранд? Барои ба ин саволҳо ҷавоб пайдо кардан муҳим аст, ки аз овони наврасӣ дар бораи касбу ҳунар маълумот пайдо кунем. Зеро интихоби касб масъалаи муҳим ва зарури ҳаётӣ буда, зери назорат ва тавсияҳои омӯзгорон ва калонсолон рушд мееёбад. Маҳз омӯзгор метавонад майлу хоҳиш, қобилият ва шавқу ҳаваси хонандаро ба инобат гирифта, дар қалби ӯ нисбати касби дӯстдоштааш меҳру муҳаббатро бедор кунад. Бо ин мақсад бояд дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ гӯшаҳои интихоби касб бо унвони «Ҳамаи касбҳо хубанд», «Касби ман – ифтихори ман», «Кӣ шудан мехоҳӣ?» ва ғайра ташкил карда, бо кормандони соҳаҳои гуногун мунтазам вохӯриву суҳбатҳо гузаронида шавад.

Ҷавонон дар интихоби касб ба иштибоҳу шитобкорӣ бояд роҳ надиҳанд. Онҳо касберо интихоб кунанд, ки ба дониш, шавқу рағбат ва маҳораташон мувофиқ бошад.

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани машварати касбӣ дар байни наврасону ҷавонон Вазорати маориф ва илм тасмим гирифтааст, ки китоби таълимии «Итихоби касбу ҳунар»-ро барои дарсҳои тарбиявии хонандагони синфҳои 10 –11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси таҳлили вазъи бозори кор омода кунад, зеро пешравии илму техника, рушди бемайлони муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ тарзу усулҳои нави корбарии ҷавобгӯ ба талаботи бозори кор (меҳнат)-ро талаб мекунад. Имрӯз бозори кор ба кадрҳои тахассусӣ ба-

рои истеҳсолот бештар ниёз дорад. Ба роҳ мондани омӯзиши касбҳои гуногун дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ тибқи талаботи бозори меҳнат мувофиқи мақсад аст. Дар ҷумҳурӣ ҷавонони боҳунари худомӯз бисёранд, вале маълумот ва шаҳодатномаи касбӣ надоранд ва дар бозори кор низ ниёз ба ин ашхос нест. Аз ин рӯ, гирифтани маълумоти тахассусӣ дар пешбурди фаъолияти кории шумо нақши калон дорад.

Дар айни замон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти муосир, муҷаҳҳаз гардонидани озмоишгоҳҳо, кабинетҳои таълимӣ, инчунин омода кардани кадрҳои илмӣ аз ҳисоби ҷавонони болаёқат чораҳои мушаххас меандешад, яъне наврасону ҷавонони болаёқат метавонанд, ки дар корҳои илмию тадқиқотӣ шуғл варзида, ҳаёти худро ба корҳои илмию омӯзишии соҳаҳои мухталиф равона созанд.

Умед дорем, ки ин дастури таълимӣ ба шумо бо ёрии омӯзгорон, падару модар ва калонсолон дар интихоби касб ва тахассусатон кумак мерасонад. Ба шумо дар интихоби



## ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТ

**Ихтисос** – соҳаи мушаххаси кор дар чаҳорчӯби касби муайян, ки дониш, маҳорату малакаи махсусро талаб мекунад.

**Касб** – намуди муайяни фаъолияти меҳнатӣ, ки омодагии муайяни касбиро тақозо мекунад.

**Омодагии касбӣ** – ҳолати субъекивии шахсият, ки худро барои иҷрои фаъолияти муайяни касбӣ қодир ва омода меҳисобад.

**Самти касбӣ** – самту тамоюли шахс ба намуди муайяни донишу малакаҳои касбӣ, омодагии касбӣ.

**Ташаккули касбият** – раванди тағйири шахсият таҳти таъсири вазъияти иҷтимоии касбӣ, фаъолияти касбӣ ва худзоҳирсозӣ дар ҷараёни кор.

**Фаъолияти касбӣ** – раванди фаъолияти бошуурона, мақсаднок ва эҷодкоронаи одамонро мегӯянд, ки онҳо дар ҷараёни он арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ба вуҷуд оварда, талаботи хешро аз ин ё он ҷиҳат қонеъ мегардонанд.

**Намуди фаъолияти касбӣ** – намуди фаъолияти меҳнатӣ, ки аз рӯйи ихтисос (тахассус) ва дараҷаи ихтисос муайян карда мешавад.

**Фарҳанги касбӣ** – чораҳо, тарзҳои худзоҳирсозии фаъолиятҳои гуногуни касбӣ ва муошират, ки ба фарогирӣ ва эҷоди арзишҳои касбӣ ва технология равона шудааст.

**Таҳсилот** – раванди пайдарпайи таълиму тарбия, ки мақсад аз он ноил шудан ба сатҳи баланди инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии аъзои ҷамъият мебошад.

**Самти таҳсилот** – зернизоми соҳаи таҳсилот, ки номгӯйи он ба воситаи навъҳои фаъолияти касбии ба ҳам наздик муайян карда мешавад ва он, дар навбати худ, ихтисосҳои зиёди ба ҳам монандро аз рӯйи нишонаҳои муайян дар бар мегирад.

**Таълими касбӣ** – раванд ва натиҷаи омодагии мақсадноки мутахассисони касбӣ дар муассисаҳои махсуси таълимӣ.

**Муассисаҳои таълимии касбӣ** – муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки барномаҳои таълими касбиро ба хотири омодасозии коргарони тахассусӣ ва коргароне, ки тибқи номгӯйи касбу ихтисос мувофиқ шудаанд, амалӣ месозанд.

**Таҳсилоти олии касбӣ** – дараҷаи таҳсилотест, ки шахс дар муассисаи олии таълимӣ дар натиҷаи раванди пайдарпай, бонизом ва ҳадафманди фарогирии мазмуни таълимӣ ва он ба таҳсилоти миёнаи умумӣ асосёфта соҳиб мешавад бо дарёфти тахассуси муайян аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсияи давлатӣ ба анҷом мерасад.

**Низоми таҳсилоти касбӣ** – маҷмӯи стандартҳои таълимӣ, барномаҳо ва дастурҳо роҷеъ ба омодасозии мутахассисони касбӣ.

**Вазифа** – мақоми хидматии корманд, ки он аз доираи уҳдадориҳо, ҳуқуқҳои вазифавӣ ва хусусиятҳои масъулият вобаста аст.

**Худомӯзӣ** – дониши инсон, ки дар натиҷаи фаъолияти мустақили омӯзиши курси махсус ё фаъолияти мақсадноки инсон ба ҷустуҷӯ ва фарогирии донишҳои муайян нигаронида шудааст.

**Сотсиализатсия (иҷтимоишавӣ)** – фард, шахсияти ташаккулёфта, ки зимни ин раванд ба арзишҳои иҷтимоӣ, таҷриба ва фарҳанги мавриди назар ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ шинос ворид мешавад.

**Тафаккури эҷодӣ** – қобилияти инсон барои мустақилона фаро гирифтани донишҳое, ки қаблан барои ӯ номаълум буданд. Ҳамчунин, ҷустуҷӯ кардани роҳҳои амалиёт ё донишҳое, ки мазмун ва мундариҷаи фаъолияти муайянро ташкил медиҳанд.

**Донишазхудкунӣ** – фаъолияти маърифатӣ, ки барои мустаҳкам аз худ кардани дониш, маҳорат, малакаҳо нигаронида шудааст.

**Китобхонаи электронӣ** – манбаъҳои иловагии иттилоотии воситаҳои таълим, ки фарогири акс, сабти овоз ва дигар маводди омӯзишӣ мебошад.

**Почтаи электронӣ** – таҳвили маълумот бо ёрии воситаҳои электронӣ ба нишониҳои мушаххас.

**Консепсияи «Ман»** – низоми даркшудаи тасаввуроте, ки инсон дар бораи худ дорад ва дар асоси он фаъолият, ҳамкорӣ ва муносибати худро бо дигарон ташкил мекунад.

**Мутахассиси ҷавон** – шахсе, ки баъд аз хатми мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус аз рӯйи роҳхати муассисаҳои мазкур ба ташкилот ба кор қабул мешавад.

**Довталаб** – шахсе, ки ба курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиши дохилшавӣ дорад ва барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) бо тартиби муқаррааргардида ба қайд гирифта шудааст.

**Авлавияти интихоб** – тартиби бартарии хоҳиш, ҷой, мақоми ихтисос ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии интихобкардаи довталаб.

**Гурӯҳи ихтисосҳо** (кластер) – ихтисосҳои мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аз рӯйи фанҳои имтиҳонии монанд ё ба ҳам наздик ба гурӯҳҳо тақсим карда шудааст.

**Қисм (компонент)** – бахши таркибии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ буда, маҷмӯи фанҳои имтиҳониеро дар бар мегирад, ки аз рӯйи хусусиятҳо (А-умумӣ ва Б-ихтисосӣ) муттаҳид шудаанд.

**Варақаи ҷавобҳои тест** – варақаи махсусест, ки довталаб ҷавобҳои худро ба саволу масъалаҳои тестӣ дар он ишора мекунад.

**Имтиҳони умумӣ** – имтиҳонест, ки барои муайян кардани дараҷаи дониши функсионалӣ ва иҷтимоии довталаб барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад ва барои ҳар як довталаб ҳатмӣ аст.

**Холҳои аввалия (хом)** – барои ҳар фанни имтиҳон вобаста ба миқдор ва навъи саволу масъалаҳои тест миқдори аз ҳама баланди хол муайян шудааст.

**Интихоби довталаб** – изҳори хоҳиши довталаб ҳангоми муайян кардани ихтисос, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, шакл, намуд ва забони таълим.

**Нуқтаи бақайдгирӣ** – макони бақайдгирии довталабон, ки дар биноҳои муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои интихобии ҷумҳурӣ ташкил карда мешавад.

**Субтест** – як бахши тест, як саволномаи тест вобаста ба фанҳои имтиҳон, ки аз чанд бахш иборат аст. Дар имтиҳони умумӣ (қисми А) саволномаи тест аз бахшҳои забони тоҷикӣ (давлатӣ), математика, таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ иборат аст. Ҳар яки ин бахшро субтест меноманд.

**Тест** – воситаи стандартишудаи арзёбии дастовардҳо (дониш ва малакаю маҳорат)-и довталаб аст, ки маҷмӯи саволу масъалаҳо ва дастурамалҳоро оид ба тартиби иҷрои он дар бар мегирад.

**Балли умумӣ** – дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ истифодаи шкалабандии холҳо ба роҳ монда шудааст. Холҳои аввалияи довталаб аз ҳар фанни имтиҳон ба шкалаи мувофиқ баргардонида мешавад. Тибқи тартиби шкалабандӣ барои ҳар фанни имтиҳон балли аз ҳама баланд муайян шудааст. Балли умумии довталаб бо ҷамъи баллҳои ҳар фанни имтиҳон ҳисоб карда мешавад.

**Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ** – низоме, ки имтиҳонҳои қабулро ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Имтиҳони ихтисос** – имтиҳонест, ки барои муайян кардани дараҷаи дониши довталаб барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) вобаста ба гурӯҳи ихтисосҳо (кластер)-и интихобшуда аз рӯйи ихтисос гузаронида мешавад.

**Маркази имтиҳон** – макони баргузории имтиҳонҳо, ки аз рӯйи тартиби муқарраршуда дар биноҳои муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои интихобии ҷумҳурӣ ташкил карда мешавад.

## Боби 1.
## Низоми танзимкунандаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи таҳсилоти касбӣ.

2. Низоми омодасозии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*Зинаҳои таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:*

– таҳсилоти ибтидоии касбӣ (литсейҳои касбӣ);

– таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо);

– таҳсилоти олии касбӣ (донишгоҳҳо ва донишкадаҳои олӣ);

– таҳсилоти касбии баъдидипломӣ (муассисаҳои баландбардории маҳорати касбӣ).

3. Моҳият, мақсад ва мазмуни тарбияи касбӣ. Унсурҳои асосии системаи тайёрии касбӣ. Касб ва ихтисос. Ихтисос чист? Вазифаҳои асосии фанни этикаи касбӣ.

4. Ҳуқуқ ба кор (меҳнат) ва интихоби дурусти касб.

5. Аз даст додани қобилияти меҳнатӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии он.

## Боби 2.
## Меҳнат – асоси рушди камолоти инсон

6. Меҳнат – омили асосии рушди инсон ва шаҳрванд.

7. Интихоби бошууронаи касб – омили пешрафт ва ташаккули шахс.

8. Нақшаҳои ҳаётӣ ва касбмуайянкунии ҷавонон.

9. Маркази Миллии Тестӣ – дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ

## Боби 3.
## Касбу ҳунарҳои бозори дохилии кишвар

10. Педагогика (касбҳои омӯзгорӣ):

– омӯзгори фанҳои таълимӣ;

– омӯзгор ва мураббии муассисаҳои таълимию тарбиявии махсусгардонишуда (олигофренопедагогика, сурдопедагогика, логопед, дефектолог);

– мураббӣ – омӯзгори муассисаҳои томактабӣ;

– психологи мактабӣ.

11. Муассисҳои таҳсилоти касбии нигоҳдории тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

– кори иҷтимоӣ;
– табиб (духтур);
– кори момодоягӣ;
– кори умумитиббӣ;
– кори дорушиносӣ;
– ташхисгар;
– касбҳои тиббӣ-лабораторӣ

12. Сохтмон ва хоҷагии манзилӣ

– муҳандисӣ;
– меъморӣ;
– сохтмончӣ;
– кандакорӣ дар чӯб;
– дуредгарӣ;
– челонгарӣ;
– харротӣ.

13. Саноати сабук ва хидмати маишӣ:

– муҳосиб бо донистани компютер;
– санъати дизайн, тасвирӣ ва ороишӣ-амалӣ;
– оператор-танзимгар;
– коргузорӣ;
– дӯзандагӣ;
– заргарӣ;
– қолинбофӣ;
– атласбофӣ
– фурӯшандагӣ;
– пешхидматӣ;
– менеҷери тарабхона;
– ороишгари мӯй.

14. Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ:

– нонпазӣ;
– қаннодӣ;
– технологи истеҳсоли консерва;

15. Тарбияи ҷисмонӣ, сайёҳӣ ва меҳмондорӣ.

16. Техника, технология ва таҷҳизот:

– радиофизик, техники микро ва наноэлектронӣ;

– техникаи ҳисоббарор, воситаҳои математикӣ ва барномасозӣ;

– автомобил, трактор, воситаи нақлиёти рӯйизаминӣ;

– челонгари таъмири автомобил;

– нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, обӣ;

– металлургия ва энергетика.

17. Саноати ҷангал. Захира ва коркарди чӯбу тахта. Полиграфия. Нашриёт ва истеҳсоли полиграфӣ.

18. Саноати кӯҳӣ ва иктишофи маъданҳои фоиданок.

19. Кафшергари газию барқӣ:

– устои таъмиргари таҷҳизоти сардкунанда.

20. Фермер – соҳибкор:

– кишоварзӣ;

– чорводорӣ;

– занбӯри асалпарварӣ.

21. Муҳосиб:

– баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит;

– андоз ва андозбандӣ;

– кори бонкӣ;

– иқтисоди байналмилалӣ;

– молия;

– менеҷмент;

– менеҷер.

22. Ҳуқуқшинос:

– ҳуқуқи байналмилалӣ;

– ҳуқуқи иқтисодӣ;

– фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;

– идоракунии давлатӣ .

23. Идораи қисмҳои ҳарбӣ ва таъмини намуди қӯшунҳо.

24. Амнияти давлатӣ.

25. Бехатарии иттилоотӣ.

# БОБИ 1. НИЗОМИ ТАНЗИМКУНАНДАИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Мавзӯи 1. САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМКУНАНДАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар солҳои 2008–2015 ва як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба рушди таҳсилоти касбӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба раванди омода кардани мутахассисони ҷавон вобаста ба талаботи соҳаҳои гуногуни кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар давоми солҳои истиқлолият барои дастгирии ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманд тадбирҳои назаррасро анҷом медиҳад. Ҳамчунин иштироки ҳамаҷонибаи ҷавонони кишварро дар раванди ободкориву созандагии Ватан ҳамеша дастгирӣ карда, барои беҳтар гардонидани шароити зиндагиву таҳсил, касбомӯзӣ ва фаъолияти босамари шаҳрвандон тамоми тадбирҳои заруриро андешида истодааст. Шумораи умумии қувваи қобили меҳнати мамлакат аз ҳисоби ҷавонон зиёд шуда, теъдоди ҷавонони синну соли қобили меҳнат беш аз 50 фоизи аҳолии мамлакатро ташкил медиҳад. Раванди боз ҳам беҳтар кардани шароити таҳсилу касбомузӣ ва муҳайё кардани ҷойи нави кор, пеш аз ҳама, барои ҷавононро дар ҷумҳурӣ вусъат бахшида, ба масъалаи тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз ҳисоби ҷавонон аҳамияти махсус дода мешавад.





*1. Санадҳои меъёрии танзимкунандаи таҳсилоти касбӣ ва раванди фаъолияти кориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар кунед.*

*2. Масъалаи ҷобаҷогузории кадрҳо аз ҳисоби ҷавонон дар кадом санадҳои меъёрӣ дарҷ ёфтааст?*

## Мавзӯи 2. НИЗОМИ ОМОДАСОЗИИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳадафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз имкониятҳои коллеҷу литсейҳои касбиву техникӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи умумӣ марказҳои таълими калонсолон, инчунин курсҳои омӯзиши касбу ҳунарро ҳарчи бештар ба роҳ монда, аҳолии қобили меҳнат ва тахассусмандро омода кардан аст. Масъалаи истифодаи самараноки неруи созандаи ҷавонону духтарон, тарбияву интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз ҳисоби ҷавонон ва духтарону бонувони лаёқатманд ва донишманду соҳибмаърифат масъалаи муҳим буда, дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Барои дуруст ба роҳ мондани кор дар ин самт ташвиқи наврасону ҷавонон ба донишандӯзӣ, аз худ кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим муҳим аст.

Роҳҳои омода намудани хонандагон барои гирифтани таҳсилоти касбӣ, омода кардани кадрҳои коргарӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва бунёд кардани заминаҳои моддию техникӣ, таълимӣ ва кадрӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат дар кишвар масъалаи асосӣ буда, ҳаллу фасли дурусти он ба мактабу маориф вобастагии зич дорад.

## ЗИНАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Таҳсилоти ибтидоии касбӣ (литсейҳои касбӣ)

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст: «Зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар шароити кунунӣ яке аз зинаҳои афзалиятноки таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ буда, барои баланд бардоштани иқтидори захираҳои инсонӣ ва соҳибкасб намудани шаҳрвандон саҳми босазо мегузорад».

Таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки ҷомеа, агар бо мутахассисони салоҳиятнок, соҳиби дониш, маҳорат, малака ва қобилияти корӣ таъмин бошад, метавонад ба иқтисодиёти кишвар даромади зиёд ворид кунад. Яке аз вазифаҳои муҳимми таҳсилоти ибтидоии касбӣ баланд бардоштани омодагии касбӣ мебошад. Дар муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ аз рӯйи касбу ҳунарҳои гуногун кадрҳои коргарӣ омода мекунанд.

Дар ҷумҳурӣ 61 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (11-то дар шаҳри Душанбе, 17-то дар вилояти Хатлон, 22-то дар вилояти Суғд, 1-то дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 10-то дар ноҳияҳои тобеи марказ) фаъолият мекунанд.

Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи 14 самт ва 96 ихтисос барои иқтисодиёти миллӣ мутахассис тайёр мекунанд. Муҳлати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 2 сол буда, хонандагон пас аз хатми онҳо метавонанд ба курси дуюми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил шаванд.

Имрӯзҳо талабот ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ торафт афзуда теъдоди хоҳишмандоне, ки тавассути зинаи таҳсилоти касбӣ хоҳиши омӯхтани ин ё он касбу ҳунарро доранд, сол то сол зиёд мешавад.

### Таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо)

Таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз зинаҳои муҳимми соҳаи маориф буда, ба омода кардани мутахассисони касбӣ равона

карда шудааст. Дар ҷумҳурӣ 66 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷ), аз ҷумла 54 муассисаи таълимии давлатӣ, 12 муассисаи таълимии ғайридавлатӣ, инчунин гурӯҳҳои мақсадноки тиббӣ ва омӯзгорӣ низ фаъолият мекунанд. Таҳсил дар муассисаҳои миёнаи касбӣ аз рӯйи 6 равия ба роҳ монда мешавад. Таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи таҳсилоти асосӣ (синфи 9) ва дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11) ҷорӣ карда мешавад.

### Таҳсилоти олии касбӣ

Таҳсилоти олии касбӣ – зинаи таҳсилотест, ки дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ё тариқи идомаи таҳсил дар заминаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом) дар бораи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаҳои таҳсилоти олии касбии нопурра, бакалавр (пурра) ва магистр муайян карда шудааст.

*Зинаи якуми таҳсилоти олии касбӣ* – таҳсилоти олии касбии нопурра маҳсуб ёфта, он бояд аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи як қисми барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда шавад.

*Зинаи дуюми таҳсилоти олии касбӣ* – таҳсилоти олии касбие мебошад, ки он бояд дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда шуда, омодагии хатмкунандаи дорои дараҷаи академии «бакалавр»-ро таъмин кунад.

*Зинаи сеюми таҳсилоти олии касбӣ* – таҳсилоти олии касбие мебошад, ки он дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбии таъминкунандаи омодагии хатмкунандаи дорои дараҷаи академии магистр ба роҳ монда мешавад.

Дар шароити кунунӣ гирифтани маълумоти олӣ бисёр муҳим аст, вале мутаассифона, на ҳама шахси соҳибмаълумот соҳибкасб шуда метавонад. Масалан, донишгоҳҳои олии кишварро ҳамасола садҳо ҷавонон бо касби ҳуқуқшинос хатм

мекунанд ва ҳамагӣ даҳ фоизашон метавонанд аз рӯйи ихтисос бо ҷойи кор таъмин шаванд, зеро бозори меҳнат ба ин касб ниёзи бештаре надорад. Дар сурати пайдо шудани ягон масъалаи баҳсноки ҳуқуқӣ метавон бо харҷи каму босифат ва дар муҳлати кӯтоҳу бе мушкилӣ онро тавассути ҳуқуқшиносони касбӣ ҳал кард. Дар бозори меҳнат аз хидматрасониҳои ҳуқуқшиносони навкор қариб, ки истифода бурда намешавад. Имрӯз талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои тахассусӣ барои истеҳсолот бештар аст. Барои ин аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта истифода кардан ҳам ба манфиати шахс ва ҳам ҷомеа мебошад. Дар аксари давлатҳо гирифтани таҳсилоти олӣ барои ҷавонон «мӯд» нест, балки гирифтани ихтисос ва касбҳои гуногун дар коллеҷу муассисаҳои касбомӯзӣ тибқи талаботи бозори меҳнат ба роҳ монда шудааст.

Наврасон ва ҷавонон бояд бидонанд, ки таҳсилоти олии касбӣ ба мақсади тайёр кардани мутахассисони баланди касбӣ, омодасозии насли нави эҷодкору навовар дар истеҳсолот, соҳаи идоракунӣ ва иҷтимоиёту фарҳанг равона карда шудааст.

Барномаҳои татбиқшаванда дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ чунин аст:

– бакалавриат;

– магистратура;

– мутахассис;

– интернатура;

– ординатура (резидентура);

– аспирантура (аз ҷумла бо гирифтани унвони доктори фалсафа (PhD));

– докторантура;

– таҳсилоти иловагӣ (илова ба олӣ).

Бояд донед, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ манбаи муҳимми омода кардани кадрҳои баландихтисоси кишвар мебошанд ва аз хоҳишмандони ба ин зинаи таҳсилот рӯоваранда талаб карда мешавад, ки бо баҳои хубу аъло хонанд, дар озмуну олимпиадаҳои фаннӣ иштирок карда, лоиҳаи эҷодии навоварии худро дар озмунҳо пешниҳод кунанд.

**Таҳсилоти касбии баъдидипломӣ**

Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ – зинаи таҳсилотест, ки дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олӣ ва додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом) дар бораи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешавад.

Илова бар ин, Вазорати маориф ва илм, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дар сохтори худ садҳо марказҳои таълимии калонсолон, коллеҷҳо ва литсейҳои касбиву техникӣ доранд, ки аз имконияти онҳо барои тарбияи кадрҳои коргарӣ, ба ҷавонони бекор омӯзонидани касбу ҳунари зарурӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин кардани аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон бо шуғли доимӣ васеъ истифода кардан зарур аст.

Ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни наврасону ҷавонон низ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, зеро наврасону ҷавонон ҳар қадар солиму бардам бошанд, давлат ва миллат низ ба ҳамон андоза неруманд мегардад.



***Интихоби касби оянда – кори шавқовар ва арзишмандест, ки:**

- ба ташаккули шахсияти хатмкунанда ёрӣ мерасонад;
- ӯро соҳиби накуаҳволии моддӣ мегардонад;
- хатмкунанда ба воситаи он мустақилияти иқтисодиро ба даст меорад.



*1. Низоми омодасозии касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар кунед.*

*2. Таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ чӣ тавр ба роҳ монда мешавад?*

*3. Таҳсилоти баъдидипломиро шарҳ диҳед.*

## Мавзӯи 3. МОҲИЯТ, МАҚСАД ВА МАЗМУНИ ТАРБИЯИ КАСБӢ

*Бикун ту ҷаҳд, то дониш пазирӣ,*
*Ки нодон хезию нодон намирӣ.*

Яке аз хусусиятҳои муҳим ва тавсифдиҳандаи шахс равия ва устуворӣ мебошад, ки тавассути он инсон барои иҷрои мақсадҳои дар наздаш гузошта саъю кӯшиш мекунад. Маромҳои ташаккулдиҳандаи инсон шавқу ҳавасест, ки одам дар фаъолияти худ онҳоро ба асос мегирад, пеш меравад ва мавқеи худро дар ҷомеа пайдо мекунад.

Фаъол будан – хусусияти муҳимми шахс буда, дар раванди фаъолият, муносибати ӯ бо атрофиён ва худ зоҳир мешавад. Инсонро ба фаъолият талабот водор мекунад ва роҳҳои расидан ба мақсад аз ҷаҳонбинӣ, доираи донишҳо, ирода ва устувории инсон вобаста аст. Талаботҳои инсонӣ гуногун мебошанд. Талаботҳои муҳимтарин ва асосии инсон, талаботҳои табиӣ мебошанд, ки онҳо мавҷудияти одамро таъмин мекунанд. Талабот ба хӯрок, либос, ҷойи истиқомат, аз хунукӣ ва гармӣ ҳимоя кардан мисоли талаботҳои табиӣ мебошанд. Ҳамчунин талаботҳои инсон маҳсули тараққиёти таърихӣ – ҷамъиятӣ низ мебошад. Баробари тараққиёти таърихӣ-ҷамъиятӣ талаботҳои табиӣ ва талаботи иҷтимоӣ тағйир ёфта, мураккаб мешаванд.

Шакли зохиршавии талабот аз маърифати инсон ва шавқу ҳавас сарчашма мегирад. Шавқу ҳаваси инсонро барои аз худ кардани дониш, васеъ кардани ҷаҳонбинӣ водор мекунад ва хонанда дар доираи шавқу ҳавасҳои донишандӯзӣ аз душворӣ ва монеаҳо наҳаросида, роҳҳо ва тарзҳои омӯхтани донишҳоро фаъолона ҷустуҷӯ мекунад. Ҳамин тавр, дар муносибати касбӣ низ шавқу ҳавас мавқеи муҳим дорад.

Шавқу ҳавас, рағбат нисбат ба касби муайян ва интихоби дурусти касб боиси он мегардад, ки ҷавонон аз рӯйи касби интихобкардаашон фаъолият кардаву ба кор дилгармӣ пайдо карда, корашон самари хуб медиҳад. Чунин муносибат боиси он хоҳад шуд, ки ҳам натиҷаи кор хуб мешавад ва ҳам

шахс дар пайдо кардани мавқеи худ дар ҷомеа ва пешрафти касбӣ муваффақ мегардад. Ҷавонон бояд донанд, ки касб аз ҳунар фарқ дорад. Равоншиносон муайян кардаанд, ки дар интихоби касб ҷавонон одатан ба хатоҳо роҳ медиҳанд. Чунин хатоҳо одатан дар интихоби касб бо таъсири падару модар, рафиқон ва муҳити иҷтимоӣ, аз ҷиҳати зоҳирӣ интихоб кардани касб ва бе мақсад интихоб кардани он зоҳир мешаванд. Дар интихоби дурусти касб падару модар, омӯзгор ва калонсолон бояд нақши асосӣ бозанд. Онҳо бояд имконияту қобилияти наврасону ҷавононро ба инобат гирифта, дар ҳамкорӣ бо равоншиносон дар интихоби дурусти касб кумак расонанду маслиҳат бидиҳанд.



## Чӣ гуна метавон касбро дуруст интихоб кард?

Одатан, баъзе хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ибтидоиву миёнаи касбӣ барои пайдо кардани ҷойи кори мувофиқ ва шуғли муайян душворӣ мекашанд. Сабаби чунин ҳолат, на танҳо дар надоштани омодагии касбӣ, балки дар мувофиқат накардани тахассуси онҳо ба талаботи бозори меҳнат мебошад. Бинобар ин бояд касбу ҳунарҳое интихоб карда шаванд, ки дар бозори меҳнат ба онҳо талабот бештар ва мувофиқ ба ихтисосу касби интихобкарда кор пайдо кардан мумкин аст. Чунин муносибат дар наврасону ҷавонон бояд аз зинаи мактабӣ самаранок ба роҳ монда шуда, хонандагони босавод ба мактаби олии касбӣ ва аз мактаби олӣ ба истеҳсолот фиристода шаванд. Дар баробари донистани забони давлатӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ ва кор бо технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ аз ҷониби ҷавонон муҳим буда, боиси сари вақт ба кори дилхоҳ машғул шудани онҳо мегардад. Дар Ҷумҳурӣ курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забонҳо ва касбу ҳунарҳои мардумии зиёд фаъолият мекунанд, бинобар ин падару модарон, калонсолон ва омӯзгоронро зарур аст, ки сари вақт навра-

сону ҷавононро ба чунин курсҳо ҷалб карда, барои ояндаи онҳо роҳ кушоянд. Зеро ҷавонон зимни таъкидҳои пайвастаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату ҷомеа, сарчашмаи ташаббусҳо ва захираи тиллоии миллату давлат ба шумор меравандд. Ҷавонон ҳамчун насли ояндасози Ватан бояд ҳамеша дар пайи ҷустуҷӯйи илму дониш, азхудкунии касбу ҳунарҳои муосир ва омӯзиши забони давлативу забонҳои хориҷӣ бошанд. Ҳар як ҷавон бояд огоҳ бошад, ки дар оянда танҳо тавассути аъло донистани забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, алалхусус забонҳои русиву англисӣ, инчунин истифодаи технологияҳои муосири коммуникатсионӣ метавонад зиндагии худро пеш барад ва дар ҷомеа мавқеъ пайдо карда, ҳамчун шахс ташаккул ёбад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз мулоқотҳояш қайд карда буд: «Агар аз ман пурсанд, ки дар бораи ояндаи Тоҷикистон чӣ андеша дорам, ҷавоби ман чунин хоҳад буд: Ман ояндаи Тоҷикистонро хамчун як кишвари ободу пешрафта ва озоду демократӣ мебинам, ки мояи ифтихори ҳар як фарди ҷомеа бошад”.



**✱ Касб (ихтисос)**



Дӯст доштану ҳифз кардани ин сарзамини аҷдодӣ, ободу зебо гардонидани ватани биҳиштосо, неруманду пуриқтидор сохтани давлати тоҷиконро бояд ҳар як фарзанди бонангу номуси ин марзу бум вазифаи имониву виҷдонии худ шуморад ва дар хама ҷой бо сарбаландӣ изҳор кунад, ки “Ман тоҷикам! Ман вориси Исмоили Сомониву Балъамӣ, Рӯдакиву Фирдавсӣ, Хайёму Ҳофиз, Ибни Синову Мавлоно, Саъдиву Камол, Имом Ғазоливу Имоми Аъзам ва садҳову ҳазорон фарзонаҳову алломаҳо ҳастам. Ман Ватани зебо ва давлати обод дорам, ки номи муқаддаси он Тоҷикистони озод аст. Ман аз ин Ватан ифтихор дорам, онро соҳибӣ мекунам ва обод месозам. Ман ҳастии худро, ҷони худро барои ин миллат, Ватан ва давлат мебахшам!”

Чунин муносибат ба Ватан-Модар имконият медиҳад, қи ҳар як нафар ҷавон пеш аз ҳама, масъулиятшинос ба воя бирасад ва барои пайдо кардани мақому манзалати худ аз беҳтарин имконият истифода карда, дар рушди шахсӣ кӯшиш кунад.



*1. Тарбияи касбӣ аз кай огоз меёбад?*

*2. Фарқи байни касб ва ҳунарро шарҳ диҳед.*

*3. Нақши касбу ҳунар дар ҳаёти инсон аз чӣ иборат аст?*

*4. Забономӯзӣ дар рушди инсон чӣ аҳамият дорад?*

*5. Масъулиятшиносии инсон чӣ тавр зоҳир мегардад?*

## Мавзӯи 4. ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ВА ИНТИХОБИ ДУРУСТИ КАСБ

Муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобастаи шахсони воқеӣ, ки тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар ташкилоту муассисаҳои ҳама гуна шакли моликият кор мекунанд, бо санадҳои **қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон** ва дигар **санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон** оид ба меҳнат танзим мегардад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар шахс кафолат ба меҳнат, интихоби касб, кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ аз бекориро медиҳад.




**МЕХОҲАМ** – ***хоҳиш, шавқу ҳавас, саъю кӯшиш***

\+

**МЕТАВОНАМ** – ***қобилият, ҳолати тандурустӣ***

\+

**ЗАРУР АСТ** – ***вазъи бозор, масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа***

=

**КАСБ**, ***ки пайванди ҳар се меъёри зикршударо ифода мекунад***

Ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касб ба инсон имконият медиҳад, ки талаботи моддии худро қонеъ гардонад, касби дилхоҳашро интихоб ва кор кунад ва мувофиқ ба кораш музди меҳнат бигирад. Ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касб ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд буда, озодии меҳнат, ҳуқуқ ба интихоби касб, ҳуқуқи ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқ ба шароити хуби меҳнатӣ, ҳуқуқи нафақа ва ғайраро дар бар мегирад.

Ҳамаи шаҳрвандон дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳуқуқ имконияти баробар доранд. Ҳама гуна фарқгузорӣ, иҷозат надодан ва ё қабул накардан ба кор аз рӯйи аломатҳои мансубияти миллӣ, нажодӣ, ранги пӯст, ҷинсият, синну сол, дин, ақидаи сиёсӣ, маҳалли таваллуд, баромади хориҷӣ ё иҷтимоӣ, ки баробарии имкониятро дар соҳаи меҳнат барҳам мезанад, манъ аст. Дар моддаи 35 Конститу-

тутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст: «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад». Барои таъмини иҷрои моддаи мазкур бояд ҳар як шаҳрванд меҳнатро ҳамчун асоси зиндагӣ ва пешрафти он, таъмин кардани эҳтиёҷоти меҳнатӣ ва табиии худ қабул карда, дар интихоби касбу ҳунар ва шуғли арзанда фаъолона ва бошуурона муносибат кунад.

Манбаъҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва самтҳои танзимкунандаи фаъолияти меҳнатӣ ва як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст.

Давлат ба ҳар як корманд ҳуқуқи хидматрасонии бепул барои интихоби касб, омодагии касбӣ, ба таври одилона қадр кардани меҳнат ва сари вақт пардохтани музди он; муҳайё кардани кори мувофиқ ба муҳлати на камтар аз се сол барои мутахассисони ҷавон – хатмкунандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ, ки бо дархости корхонаҳо ба кор омадаанд; аъзо шудан дар иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳое, ки манфиати кормандон ва коллективҳои меҳнатиро ифода мекунанд, медиҳад.

Корманд низ дар навбати худ вазифадор аст, ки мутобиқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ вазифаи бар уҳда гирифташро софдилона иҷро кунад; интизоми меҳнатӣ ва технологияро риоя намояд; бо амволи муассиса ва корфармо эҳтиёткорона муносибат кунад.

Шахсоне, ки дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ҳуқуқи худро поймолшуда меҳисобанд, метавонанд бо аризаи дахлдор ба суд муроҷиат кунанд.

Интихоби бошууронаи касб муҳим ва зарур буда, инсон тавассути он метавонад худро дар ҷомеа дуруст муаррифӣ кунад, корҳои хубро дар доираи тахассус ва салоҳияти касбӣ ба анҷом расонад. Ҷавонон бояд донанд, ки интихоби бошуу-

ронаи касб замоне сурат мегирад, ки агар шахс вобаста ба доираи дониш, шавқу ҳавас, қобилият, вазъи саломатӣ онро интихоб кунад, яъне таҳлилу худбаҳодиҳӣ нисбат ба касби интихобкардааш ва мазмуну муҳтавои фаъолияти иҷрошавандаро дар доираи касби интихобкардааш хуб донад.



*1. Ҳуқуқи инсон ба меҳнат ва интихоби касб ба кадом ҳуқуқ алоқаманд аст?*
*2. Кадом маҳдудиятҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба меҳнатро медонед?*
*3. Мафҳуми «меҳнати маҷбурӣ»-ро шарҳ диҳед.*
*4. Роҳҳои интихоби дурусти касб кадомҳоянд?*

## Мавзӯи 5. АЗ ДАСТ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ МЕҲНАТӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ОН

Корфармо барои корманд шароити бехатар ва гигиении ҷавобгӯ ба талаботи меҳнатро бояд муҳайё кунад. Талаботи ҳифзи меҳнат ва бехатарии ҳаёти корманд дар доираи санади меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Корфармо барои риоя накардани талаботи ҳифзи меҳнат ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд барои кормандон шароити мусоиди истеҳсолӣ фароҳам оварда шуда, риоя кардани қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, санитарияи истеҳсолӣ ва ҳимоя аз сӯхтор таъмин карда шавад. Ҳангоми ба фаъолияти корӣ машғул шудан, корфармо бояд музди кори кормандонро сари вақт пардохт карда, онҳоро бо шароити хуби корӣ ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин намояд.

Ҷавонон бояд донанд, ки ҳамаи шаҳрвандон дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ имконияти баробар доранд. Ҳама гуна фарқгузорӣ, иҷозат надодан ва ё қабул накардан ба кор аз рӯйи аломатҳои мансубияти миллӣ, нажодӣ, ранги пӯст, ҷинсият, синну сол манъ аст.

Фарқ дар соҳаи меҳнат вобаста ба талаботи баъзе навъи муайяни кор ва ё вобаста ба ғамхории махсуси давлат нисбат

ба шахсоне, ки муҳтоҷи ҳимояи хоси иҷтимоӣ мебошанд, ба монанди занон, ноболиғон, маъюбон поймолкунии ҳуқуқ ба ҳисоб намеравад. Ин бори дигар аз ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар нисбат ба қишрҳои махсус шаҳодат медиҳад.

Иттифоқи касаба шаҳрвандонро аз ҷиҳати манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни худ ҳифз ва ҳимоя мекунад. Дар ҳолати аз даст додани қобилияти корӣ ва маъюб шудан дар ҷойи кор ё сафарҳои хидматӣ ҳуқуқи корманд тибқи қонунгузорӣ ҳифзу ҳимоя ва дар доираи имконият дастгирии иҷтимоии ӯ таъмин карда шуда, ҷуброни он ба шаҳрванд баргардонида мешавад. Ҷуброн одатан ба чунин зарарҳо пардохта мешавад:

– ҷуброни хароҷоти моддӣ барои кӯчидан ба ҷойи нави истиқомат ва кор тибқи муқаррароти қонунҳо;

– ҷуброни зарари вобаста ба кор, ки ба саломатӣ ё амволи ӯ расидааст;

– ёрдампулӣ мувофиқи суғуртаи иҷтимоӣ дар ҳолатҳои муваққатан гум кардани қобилияти меҳнатӣ ва дигар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун.



* Шароити меҳнат – маҷмӯи омилҳои муҳити истеҳсолӣ, ки дар раванди меҳнат ба тандурустӣ ва қобилияти кории инсон таъсир мерасонад.



*1. Талаботи ҳифзи меҳнат ва бехатарии ҳаёти корманд дар кадом санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи меҳнат муайян карда шудааст?*

*2. Ӯҳдадорӣ ва вазифаи корфармо дар ташкилот, корхона, муассиса чӣ тавр муқаррар карда мешавад?*

*3. Вазифаи корманд дар корхона аз чӣ иборат?*

*4. Ҳангоми дар корхона гирифтани зарари ҷисмонӣ, маъюбӣ он чӣ тавр ҷуброн карда мешавад?*

# БОБИ 2. МЕҲНАТ АСОСИ РУШДИ КАМОЛОТИ ИНСОН

## Мавзӯи 6. МЕҲНАТ – ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

*Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,*
*Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.*
*Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,*
*Дар дидаи мардумон азиз аст.*

Мегӯянд, ки меҳнат одамро аз се мушкилии бузург мераҳонад: дармондагӣ, фисқ ва эҳтиёҷ. Агар кас пешаи дурустро интихоб карда кор кунад, пас ӯ ҳамеша ҳама гуна дарду ранҷро аз сари худ дур карда, ба зиндагии шоиста мерасад.Бояд донист, ки касбу ҳунари хуб давлати поянда ва чашмаи афзоянда буда, ба шахс роҳату манфиат, хушбахтӣ ва ободиву нур меорад.

Кор (меҳнат) – воситаи асосии инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият мебошад. Меҳнат инсонро чун шахси баркамол муаррифӣ карда, маҳз тавассути кӯшишу ғайрат ва талошҳои шабонарӯзӣ ӯро ба қуллаи баланди мақсуд мерасонад, яъне инсон дар ҷараёни кор мавқеи худро дар ҷомеа пайдо карда, ташаккул меёбад.

Аз бар кардани илм ва ҳунар барои ҳар як инсон зарур аст. Ҳанӯз классикони адабиёти тоҷик барои аз бар кардани касбу ҳунар ва илм таъкидҳо кардаанд. Масалан, тарғиби аз худ кардани илму ҳунар, аз ҷанбаҳои асосии афкори педагогии мутафаккири тоҷик Саъдии Шерозӣ мебошад. Ба андешаи Саъдӣ, олимон дорои неруе мебошанд, ки тавассути он инкишофи ҷамъият ва ташаккули симои маънавии инсон таъмин мешавад. Илму ҳунар зимни таълиму тарбия ба даст оварда мешавад. Илмро назди устоди комил омӯхтан зарур аст. Устоди сахтгиру серталаб шогирдро ба мақсуд мерасонад, мегӯяд Саъдӣ.

Дар айни замон Саъдии Шерозӣ талқин мекунад, ки илмро туфайли баҳс метавон инкишофу такмил бахшид,

зеро се чиз бе се чиз пойдор намемонад: «мол бе тиҷорат, илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат».

Ҳунарро Саъдии Шерозӣ аз ҳама молу бойигарӣ боло дониста мегӯяд, ки «Туро пурсанд, ки ҳунарат чист, нагӯянд, ки падарат кист?». Бинобар ин, масъалаи касбинтихобкунӣ аз паҳлуҳои дигари андешаҳои педагогии мутафаккир ба ҳисоб меравад. Ба қавли ӯ, ҳамаи касбу ҳунарҳо хубанду шарифанд ва шахс бояд пешаи худро дошта бошаду бо лаёқаташ мувофиқат кунад, зеро касе, ки ба кори намедонистааш даст мезанад, ҳатман зиён ба худ ва ҳам ба атрофиён меоварад.

Абдураҳмони Ҷомӣ таъкид кардааст, барои он ки инсон хор нагардад ва дар роҳи зиндагӣ ба сарсониҳову нобасомониҳо дучор нашавад, бояд касб ё ҳунар дошта бошад. Воқеан касб ё ҳунар инсонро ҳамеша сарбаланд мегардонад ва ба касе муҳтоҷу мунтазир намекунад.

Ҳанӯз дар замони худ Низомии Ганҷавӣ таъкид карда буд, ки маҳз тавассути донишомӯзӣ сатҳи олами маънавӣ ва хулқу одоби инсон ташаккул ёфта, обрӯ ва эътибори вай дар рафти тарзҳои муоширати иҷтимоӣ ба зинаи баланд мебарояд. Ба фикри Низомии Ганҷавӣ, ҳар қадаре ки хонанда дар зинаи мактабӣ соҳиби илму маърифат гардад ва дар айни замон ба ӯ дар интихоби касбу ҳунар ёрӣ расонда шавад, ҳамон қадар зудтар ӯ ба мартабаи баландтар мерасад, вале барои соҳибилму соҳибҳунар шудан бештар илм омӯхтан, саъю кӯшиши зиёд кардан лозим аст. Барои он ки шахс сазовори ҳурмату эҳтироми мардум гардад, бояд вақташро беҳуда нагузаронида, бештар ба омӯзиши илму ҳунар машғул шавад.Ва ӯ ин гуфтаҳояшро ба риштаи назм кашидааст:

*Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,*
*Чун гул ба чаман ҳавола будӣ*
*В-акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,*
*Чун сарв бар авҷ сар кашидӣ.*

*Ғофил манишин, на вақти бозист,*
*Вақти ҳунар асту сарфарозист.*
*Дониш талабу бузургӣ омӯз,*
*То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.*

Агар ба ашъори адибони классику муосир назар андозем, мебинем, ки ҳар кадоме аз онҳо одамро барои аз пайи як луқмаи нони ҳалол шудану меҳнатро барои худ шараф донистан таъкид кардаанд.

Аз ин рӯ, хеле муҳим аст, ки шумо дар синну соли наврасӣ ва ибтидои ҷавонӣ ҳарчи бештар фаъол шавед, то мавқеи ҷамъиятиатон тағйир ёбад. Бо ин мақсад, иштироки шумо дар корҳои ҷамъиятӣ боиси фаъолшавии бештар ва рушди ҷаҳонбиниатон хоҳад гардид. Аз тарафи дигар, ин гуна фаъолият мавқеи иҷтимоии шуморо дар коллектив барҷастатар мекунад.

Дар синну соли наврасӣ ва ибтидои ҷавонӣ дар баробари таҳсили хубу аъло, дар ҳаёти шумо интихоби касбу ҳунар мавқеи муҳимро ишғол мекунад, чунки қисме аз шумо пас аз хатми синфи 9-ум ба омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ё ба истеҳсолот ба кор меравед.

Бояд бидонед, ки пешравии ҷомеа, рушди самтҳои мухталифи он низ аз кадрҳо ва мутахассисони босалоҳият вобастагии ногусастанӣ дорад, яъне бо ибораи дигар, сарбаландии ҳар як қавму миллат натиҷаи кору заҳмат ва дастовардҳои шаҳрвандони ӯст. Вале мутаассифона, баъзе наврасону ҷавонон баъди хатми мактаби миёна барои идомаи таҳсил ва соҳиби касбу ихтисос шудан кӯшиш намекунанд, ва дар натиҷа бе шуғл мемонанд, ки ин омилҳо боиси пайвастани онҳо ба равияҳои бегона мегардад. Аз таҳлилу мушоҳидаҳо маълум мешавад, ки баъзе хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ибтидоиву миёнаи касбии мамлакат дар пайдо кардани ҷойи кори мувофиқ ва шуғли сазовор душворӣ мекашанд.

Ҷавононро зарур аст, ки оид ба касбҳои бозори меҳнат дар дохил ва хориҷи кишвар маълумот дошта бошанд.

Имрӯзу ояндаи худро ба фаъолиятҳои муайян равона созанд, зеро маҳз тасаввури ояндаи наздику дури худ ба инсон имконият медиҳад, ки дар зиндагии шахсӣ мақомеро пайдо кунад. Камолоти иҷтимоии инсонро метавон бар асоси муносибати ӯ ба ояндааш муайян кард. Бидуни муносибати бошуурона ба оянда, дарки баланди масъулияти касбӣ ба даст овардани муваффақият мушкил аст. Инсон маҳз тавассути шинохти ояндаи наздику дур метавонад ба комёбиву пешрафт дар зиндагӣ ноил гардад.

Истиқлолияти давлатӣ ҳамон вақт устувору пойдор мегардад, ки ҳар як фарди ҷомеа ба қадри он расад ва онро ҳамчун дастоварди бузурги таърихӣ ҳифз карда, озодиву соҳибихтиёрии миллиро асоси хушбахтии худ ва наслҳои ояндаи миллат шуморад.



*1. Мафҳуми «меҳнат»-ро шарҳ диҳед.*

## Мавзӯи 7. ИНТИХОБИ БОШУУРОНАИ КАСБ – ОМИЛИ ПЕШРАФТ ВА ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

*Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,*
*Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.*

***Сайидои Насафӣ***

Интихоби касб масъалаи муҳимму ҳаётӣ буда, ба имконияту қобилият, донишу хоҳиши шахс, шавқу ҳавас ва майлу рағбати инсон мувофиқат карда, хусусиятҳои табиии он дар замири шахс дар давраи муайяни синнусолӣ пайдо мешавад.

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд.*

Бояд донист, ки интихоби дурусти касб роҳи минбаъдаи зиндагии шахсро муайян мекунад. Интихоби дуруст ва бошууронаи касб барои ҳар як инсон ва хусусан ҷавонон хеле муҳим аст. Ҷавонон бояд донанд, ки дар интихоби касб




роҳҳои гуногун истифода бурда мешавад ва маъмултарин роҳи интихоби касб усули санҷиш мебошад, яъне шахс худро дар соҳаҳои гуногун месанҷад, то он даме дарк кунад, ки кадом ихтисос ба ӯ мувофиқ аст ва аз ҷараёни иҷрои кори муайян қаноатмандӣ ҳосил мекунад. Роҳи дигар шиносоӣ бо олами касбҳо мебошад, ки дар ин самт майлу рағбат, шавқу ҳавасу лаёқат ва дигар хусусиятҳои рӯҳии инсон ба касби интихобкардашуда бояд мувофиқ ояд. Шахс бояд пешакӣ донад, ки бо интихоби касби муайян кадом фаъолиятро иҷро мекунад, дар ин намуди кор чӣ гуна талабот ва меъёрҳои корӣ мавҷуд аст ва кадом хислатҳои инсонӣ ба касби интихобшуда бояд мувофиқ ояд. Баҳисобгирии чунин имкониятҳо ва хусусиятҳои психикӣ имкон медиҳад, ки интихоби касб дуруст ва бошуурона ба роҳ монда шавад. Интихоби касб аз омилҳои зерин вобаста аст, ки ба ҳисоб гирифтани онҳо дар ҳаёт муҳим мебошад:

– шавқу ҳавас, майлу рағбат ва хоҳиш дар интихоби касб;

– касби интихобкарда ба қобилият, имконият ва саломатӣ мувофиқат кунад;

– ба талаботи бозори меҳнат дар дохил ва хориҷи кишвар ҷавобгӯ бошад.

Дар интихоби касб бояд бештар ба соҳаҳое рӯ овард, ки дар бозори меҳнат дар дохил ва хориҷи кишвар рақобатпазиранд ва барои баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат мусоидат мекунанд. Дар шароити пешрафти илму техника, истифодаи бемайлони интернет ҷавонон бояд доир ба касбу кори гуногун маълумот бигиранд ва интихоби дурусту бошууронаи касбро барои худ қабул кунанд, зеро интихоби дуруст ва бошуурона шахсро ба орзуҳояш расонда метавонад. Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани ҷобаҷогузории кадрҳо ҷомеа хубтару беҳтар фаъолият карда, ба пешрафт мерасад.

Имрӯз дар дунё беш аз 50 ҳазор намуди касб мавҷуд аст. Баробари тараққиёти босуръати илму техника, иқтисоди бозоргонӣ, талаботи бозори меҳнат ва пешравии ҷомеа 500 намуди касб аз байн рафта, дар айни замон зиёда аз он касбҳои наву ҷавобгӯйи талаботи давру замон ба миён омадаанд. Оё ҷавонони имрӯза касбро аз рӯйи хоҳиш ва қобилияти худ интихоб мекунанд? Кадом касбро интихоб кунам? Оё донишу қобилият ва имконот барои гирифтани касби заруриам мувофиқат мекунад? Баробари ҷавоб ҷустан ба ин саволҳо, бояд донист, ки ҳар як инсон фикру ақидаи худро доир ба интихоби касби ояндааш дорад.

Ба масъалаи интихоби дурусти касб бояд бо дурандешиву ҷиддӣ ва таҳаммулпазирӣ нигарист, зеро барои омӯхтану соҳибкасб шудан машаққати зиёд пеш меояд. Шахси сабуксору бетаҳаммул баосонӣ соҳибкасб намешавад. Ин гуна одамон аз аввалин мушкилӣ, нофаҳмӣ ба гирдоби андеша афтода, аз касб ва роҳи интихобкардаашон даст мекашанд. Аммо шахсони ботаҳаммул, пуртоқат, заҳматкаш, меҳнатдӯст ва барнодилро ҳеҷ гуна мушкилӣ садди роҳ намегардаду ба ҳар гуна душворӣ нигоҳ накарда, ҳунар меомӯзанд ва бо пешаи интихобкардаашон устуворона қадам монда, бошарафона кор мекунанд.

Муайян кардани нақшаи касбӣ ё образ аз характер ва

таҷрибаи андухтаи инсон ва донишу маълумоти ӯ вобаста буда, ҷавононро зарур аст, ки пайваста дар бораи пайдо кардани маълумоти зарурӣ аз калонсолон, омӯзгорон машварату дастур бигиранд.

Ҷавонон метавонанд нақшаи касбиро дар шакли зерин тарҳрезӣ кунанд: «мехоҳам», «метавонам», «лозим аст».

**«Мехоҳам»** – ба ман маъқул аст, бароям аҷиб аст, шавқу ҳавасҳои касбӣ, майлу хоҳишҳо маро барои аз худ намудани касби интихобкардаам ҷалб мекунанд;

**«Метавонам»** – ман қобилият дорам, метавонам малака пайдо кунам ва қобилияту вазъи саломатиям барои расидан ба ҳадафҳои меҳнатӣ имконият медиҳанд;

**«Лозим аст»** – ба меҳнат машғул шудан, эҳтиёҷоти бозори меҳнати касбиро бо мутахассис таъмин кардан, ниёзмандии ҷомеа ба мутахассисон зарурати рӯз аст.

Ҳамин тавр, шумо метавонед нақшаи шахсии касбии худро тарҳрезӣ кунед ва чунин тарзи муносибат бароятон дар ташаккули нақшаи воқеӣ ва асоснокшудаи касбӣ ёрӣ хоҳад расонд.

Шумо бояд донед, ки ҳадафҳои касбӣ унсурҳои зеринро дар бар мегиранд:

- *мушаххасӣ*;
- *воқеият*;
- *дар заминаи донишҳо*;
- *вобаста ба талаботи бозори дохилӣ*.

Барои расидан ба мақсадҳои дар наздатон гузошта бояд роҳҳои расиданро ба он ҷустуҷӯ кард, яъне тарҳрезӣ кардани вазифаҳои наздиктарин ва дуртарин: дар куҷо таҳсил бояд кард, чиро бояд омӯхт, бо кадом роҳҳо малака ва маҳорати касбиро бояд баланд бардошт, чӣ тавр ҷойи кор пайдо кард ва ғайра. Яке аз роҳҳо ва воситаҳои ноил шудан ба мақсадҳои наздик суҳбат бо калонсолон, мутахассисони соҳаҳои мухталиф, санҷиши донишҳо, худомӯзӣ, омӯзиши адабиёти роҳнамо, дохил шудан ба муассисаҳои таълимии касбӣ, иштирок дар курсҳои омӯзишӣ. таҷрибаомӯзӣ ва ғайра мебошад.

Бояд донист, ки бе доштани тасаввурот дар бораи роҳи

ояндаи ҳаёт, қадамҳои устувор гузоштан мушкил аст, зеро инсон бе дарку шинохти амиқи наздику ояндаи худ наметавонад ба комёбиҳои зиндагӣ умедвор бошад.



**Ихтисос**

як навъи фаъолият мебошад, ки дар чорчӯбаи касб мушаххас мегардад.

Ихтисосро метавон ҳамчун яке аз самтҳои касб ҳисоб кард.



*1. Нақши тарбияи касбӣ дар ҳаёти инсон аз чӣ иборат аст?*

*2. Барои интихоби дурусти касб кадом омилҳоро ба назар гирифтан муҳим аст?*

*3. Чаро касби худро дуруст ва бошуурона бояд интихоб кард?*

## Мавзӯи 8. НАҚШАҲОИ ҲАЁТӢ ВА КАСБМУАЙЯНКУНИИ ҶАВОНОН

Яке аз хусусиятҳои муҳимми айёми ҷавонӣ ба нақша гирифтани ҳаёти минбаъда ва интихоби касб мебошад. Ба нақша гирифтани ҳаёти минбаъда, худмуайянкунии касбӣ ва интихоби бошууронаи касбу ҳунар муҳим буда, ба ҳаёти ояндаи инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеа вобаста аст. Дар синну соли наврасӣ зери мафҳуми нақшаҳои ҳаётӣ одатан орзуҳое тасаввур мешаванд, ки ба ҳақиқат табдил ёфтани онҳо баъзан ғайриимкон аст. Вале дар синну соли ибтидои ҷавонӣ, ки ба синфҳои 10-11-ум рост меоянд, муносибат ба интихоби касб ва муайян кардани роҳи минбаъдаи ҳаёти бошуурона ба роҳ монда мешавад.

Бояд донист, ки нақшаҳои ҳаётӣ аз орзуҳо фарқ мекунанд. Нақшаҳои ҳаётӣ бо интихоби бошууронаи касб алоқаманд мебошанд. Интихоби касб барои наврасон ва ҷавонон масъалаи маънавӣ низ ба ҳисоб меравад. Ин ваҷҳи иҷти-

моӣ-маънавӣ буда, ба ҷавонписарон ва духтарон хос мебошад. Дар боби 4-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки ҷавонписарон ва ҷавондухтарон на танҳо ба меҳнат, инчунин ба интихоби касб, машғулияти дилхоҳ, корҳое, ки қобилияти тайёрии касбӣ, маълумот ва ба ҳисобгирии талаботи ҷамъиятӣ дошта, ҳуқуқ доранд.

Равоншиносии синну соли худмуайянкунии касбӣ ба якчанд давраҳо ҷудо мешавад:

– давраи якум фаъолияти бозӣ мебошад, ки кӯдакон тавассути бозӣ ба худ касбҳои гуногунро интихоб карда, нақшеро иҷро мекунанд. Мисол, кӯдак ронанда шуда мошинро меронад, табиб шуда ба беморон сӯзандору мегузаронад, фурӯшанда шуда ба харидорон маводди хӯрокӣ медиҳад ва ғайра;

– давраи дуюм орзуҳои хаёлии наврасон буда, онҳо худро дар симои қаҳрамонҳои кино ва ё театр тасаввур карда, орзуҳои зиёде ба ин ё он касб мекунанд. Масалан, фикр мекунанд, ки кайҳоннавард шудаанд ё ихтироъкори машҳуре шудаанд, ки бо ихтирои худ ҳамаро ба ҳайрат мегузоранд ва ғайра.

– давраи сеюм синну соли наврасӣ ва қисман айёми ҷавониро дар бар гирифта, дар ин давра наврасон ва ҷавонон касбу ҳунари гуногунро интихоб мекунанд. Намудҳои гуногуни фаъолият ҳаваси касбии наврасонро ба вуҷуд меорад. Масалан, шумо андеша доред, ки «ман риёзиётро хуб медонам ва ба омӯзиши он ҷиддӣ машғул хоҳам шуд, зеро дар оянда ман иқтисодчӣ хоҳам шуд» ё «барои он ки хонасоз ё муҳандис шавам, бояд муассисаи таҳсилотро интихоб кунам» ва ғайра.

– давраи чорум давраи қарори қатъӣ қабул кардан буда, он аз ду ҷузъиёти асосӣ иборат аст: муайян кардани дараҷаи таснифи фаъолияти меҳнатӣ, ки дар оянда зарур мешавад ва ба ҳаҷму давомнокии фаъолияти меҳнатӣ худро тайёр кардани ҷавонон. Дар ин давра ҷавонписарон ва ҷавондухтарон аввал соҳаи фаъолиятро (мисол, омӯзгорӣ) муайян мекунанд ва баъд дараҷаи онро бо гурӯҳҳо ҷудо мекунанд: омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, омӯзгори фанни таърих мешавам ё барь-

акс аввал дараҷаи фаъолиятро муайян карда, баъд касбро нишон медиҳанд, (ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон меравам, баъд ягон касб интихоб мекунам).

Аз рӯйи тадқиқотҳо маълум мешавад, ки ҷавонон пеш аз ҳама барои интихоб кардани касб ба мактабҳои олӣ ё касбӣ рафта, баъд касбро интихоб карданӣ мешаванд. Масалан, ба Донишкадаи омӯзгорӣ дохил шуданиам, вале ба кадом факултет то ҳол муайян накардаам ва баъдтар дақиқ мекунам.

Хонандагон дар охири синфи 9-ум бояд дақиқ муайян кунанд, ки таълимро дар синфи 10-ум давом медиҳанд ва ё ба мактабҳои махсуси касбӣ мераванд ва ё ба истеҳсолот ба кор рафта, хонданро дар мактабҳои коргарҷавонон, мактабҳои ғоибона давом медиҳанд.

Барои дуруст интихоб кардани касб, ки он ба шавқу ҳавас вобаста аст, омодагии ҷиддӣ, дониши хуб, ҳолати саломатӣ ва дигар омилҳоро ба ҳисоб гирифтан муҳим аст. Он хонандае, ки таълимро дар мактабҳои махсуси касбӣ идома медиҳад ё ба кор ба истеҳсолот меравад, бояд пешакӣ муайян кунад, ки ба кадом муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил шуданӣ аст ё ба кадом кор машғул мешавад.

Барои рушду камоли истеъдод ва такмили малакаҳои касбии худ хонандагон метавонанд аз таълим ҷудо нашуда, донишу маҳорат ва малакаи касбии худро дар рафти таълими фанҳо дар мактаб баланд бардоранд. Аз тарафи дигар, хонандагон метавонанд берун аз соатҳои дарсӣ, яъне дар вақтҳои холӣ барои рушди камолоти қобилияти касбии худ дар маҳфилҳои назди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ иштирок карда, ҳунарҳои гуногунро омӯзанд, ки ба ин маҳфилҳои хаттотӣ, кандакорӣ, наққошӣ, гилкорӣ ва кулолӣ; маҳфилҳои мусиқӣ; шашмақомхонӣ, фалаксароӣ; заргарӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, зардӯзӣ ва ғайра мисол шуда метавонанд. Ба роҳ мондани маҳфилҳои гуногун ба тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касбу ҳунари хонандагон мусоидат мекунад.

Интихоби касб ба наврасон ва ҷавонон имконият ме-

диҳад, ки онҳо дар бораи олами касбҳо, талаботи ҷомеа ба ин касбҳо, фаъолияти касбии онҳо дар оянда ба чӣ равона мегардад, маълумот пайдо кунанд. Онҳо таҳлил кунанд, ки воқеан муносибаташон ба касби интихобкардаашон ҷиддӣ аст, оё аз уҳдаи иҷрои фаъолияти минбаъда дар истеҳсолот баромада метавонанд ё не.



**Касб**

**Касб** навъи фаъолияти меҳнатӣ аст, ки донишҳои махсус ва амалкардро талаб намуда, шароити ҳаёти инсонро таъмин мекунад.

Қобили қайд аст, ки шумо – хонандагони синфҳои болоӣ ба интихоби касбу ҳунар ба таври интихобӣ муносибат мекунед. Мутаассифона, одатан хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ихтисосҳои соҳаи физика, химия, биология, математика, ҳавопаймоӣ, техника, санъат кам аҳамият медиҳанд, вале ба ихтисосҳои соҳаи хидмати маишӣ (фурӯшанда, хӯроки умумӣ, муассисаҳои коммуналӣ, дӯзандагӣ ва ғайра) инчунин, ихтисоси ҳуқуқшинос, иқтисодчӣ, табиб, муносибатҳои байналхалқӣ аҳамияти бештар медиҳанд. Бояд бидонед, ки дар ҷомеа ҳамаи касбҳо муҳим ва заруранд. Бояд бештар касбҳоеро интихоб кард, ки дар бозори меҳнат заруранд ва ҷойи кор низ пайдо кардан осон аст.

Агар аз шумо, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хоҳиш кунем, ки ба қимати иҷтимоии як қатор ихтисосҳо баҳо дода, онҳоро интихоб кунед, бо эътимод метавон қайд кард, ки ихтисоси челонгарӣ ва васлкунанда-

ро дар ҷойи аз ҳама охирон мегузоред.

Бояд гуфт, ки на ҳамаи хонандагони муассисаи таҳсилотро хатмкарда, ихтисосеро дуруст ва бошуурона интихоб мекунанд. Аз рӯйи маълумоти ба даст омада маълум мешавад, ки қисми зиёди хонандагон дар интихоби ихтисоси ояндаашон ноустуворӣ зоҳир карда, ақидаашонро дигар мекунанд. Масалан, тасаввуроти хонандагон дар бораи касбу ҳунар бисёр хира аст: «Ман намедонам кадом ихтисос хуб аст, зеро дар хусуси ягонтои онҳо тасаввуроти казоӣ надорам», «Минбаъд хонданро идома медиҳам, вале дар куҷо бояд хонам, то ҳол муайян накардаам», «Кадом ихтисос хуб аст, то ҳол намедонам», «Ҳамаи касбҳо хубанд, вале ба куҷо равам? Интихоб бароям мушкил аст» ва ғайра.



* **Вазифа**

ухдадории хидматиест, ки инсон онро дар муассиса ё корхона бо донистани ҳама гуна ихтисос иҷро карда метавонад.

Барои интихоби дурусти касб машварати омӯзгорон ва дараҷаи маълумотнокии падару модарон хеле муҳим аст. Ҳар қадаре ки волидон бомаърифат бошанд, ба фарзандонашон барои расидан ба касби интихобкардааш ёрӣ расонда, идомаи таълими фарзандонашонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ё олии касбӣ амалӣ мегардонанд.

Интихоби касб масъалаи муҳим буда, дар доираи илмҳои гуногун мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Агар аз назари илми равоншиносӣ ба он нигарем, пеш аз ҳама бояд дар интихоби касб ба хусусиятҳои фардӣ-психологӣ аҳамият дода шавад ва баъдан аз қобилиятҳои шахс, ки кадом сифатҳо дар ӯ бештар ташаккул ёфтааст ва дар ҳолати сеюм ба ягонагии шуур ба фаъолияти шахс вобастагӣ дорад.

Барои дуруст ва бошуурона интихоб кардани касб нақши маълумотдиҳӣ оид ба касбҳои дохил ва хориҷи бозори меҳнат аҳамияти калон дорад, зеро шумо, ҷавонон дар бораи доираи касбҳо маълумоти мушаххас надоред ва то чӣ андоза ба ҷомеа муҳим будани интихоби бошууронаи касбу ҳунарро ҳанӯз дарк накардаед.

Таҳлилҳо сабабҳои ба саҳву хато роҳ додани ҷавононро муайян кардааст, ки омилҳои асосии онро чунин шарҳ додан мумкин аст: дар хусуси олами касбу ҳунар ва дониш тасаввуроти пурраю амиқ надоранд; аҳамияти иҷтимоӣ ва зарурати ин ё он касбу ҳунарро хуб дарк карда наметавонанд; душворию мушкилоти ҳар як касбу ҳунарро дуруст ва бошуурона муайян карда натавонистаанд; имконоту лаёқат, қобилият, шавқу ҳавас ва ваҷҳҳои касбии худро ба ҳисоб нагирифтаанд; ба моҳияти дохилии ихтисос сарфаҳм нарафта, бештар ба ҷиҳати зоҳирии он нигоҳ карда, касбро интихоб мекунанд; дар зери таъсири ҳамсолон, калонсолон ва волидон касберо интихоб мекунанд.

Албатта, барои дуруст ба роҳ мондани интихоби касбу ҳунар дар байни ҷавонон дастгирӣ, кумак ва машварати намояндагони касбу кори гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, инчунин оилаю мактаб калон аст. Барои ҳалли масъалаи мазкур ҳамкориҳо лозиманд.

Дар ҷумҳурӣ талабот ба кадрҳои коргарӣ хеле меафзояд. Барои он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷумҳурии аз ҷиҳати иқтисодӣ ва саноатӣ пешрафта табдил ёбад, муҳим аст, ки вобаста ба талаботи хоҷагии халқ, кадрҳои коргарӣ омода карда шаванд. Омода кардани муҳандисону коргарон дар соҳаи саноати сабук ва вазнин, муҳандисону ва кадрҳои баландихтисос дар соҳаи танзими барқ, дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ ҳавопаймоҳо, бортинженерҳо, механикҳо; дар соҳаи кишоварзӣ агрономҳои баландихтисос, тухмшиносон, байторҳо (духтурони ҳайвонот); дар соҳаи маъданҳои зеризаминӣ муҳандисони баландихтисос, маркшейдерҳо, геологҳо ва ғайра муҳим аст.

Дар баробари интихоби касбу ҳунар, омодагӣ ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ низ яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳаёти шахс ба ҳисоб меравад. Зарур аст, ки шумо, ҷавонон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ, ба вазифаи зану шавҳарӣ, падарию модарӣ омода шуда, дар бораи оила ва муносибатҳои оилавӣ-никоҳӣ маълумот дошта бошед, то дар интихоби ҳамсари худ ба хато роҳ надиҳед.

Мушоҳидаҳо собит мекунанд, ки қисме аз ҷавонон ба моҳияти оилаю оиладорӣ сарфаҳм намераванд, худро дар назди ҷамъият ва тарбияи кӯдак масъул намешуморанд, ба масъалаҳои хоҷагӣ-иқтисодии оила диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

*1. Нақшаҳои ҳаётӣ ва касбии ҷавонон аз кадом давраи ҳаёт огоз меёбанд?*
*2. Барои дуруст ба роҳ мондани машварати касбӣ кадом омилҳоро ба назар гирифтан муҳим аст?*
*3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом касбҳо бештар ниёз доранд?*

## Мавзӯи 9. МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ ВА РОҲҲОИ ДОХИЛ ШУДАН БА МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБӢ

Пешрафти босуръати илму техника, технологияҳои пешқадам, татбиқи усулҳои инноватсионӣ, рушди тафаккури илмиву иттилоотӣ ба сатҳу сифати тарбияи ҷавонони соҳибмаърифат ва донишманду нававар вобастагии зич дорад.

Ҷорӣ кардани меъёрҳои муосири таълиму тарбия, омода сохтани мутахассисони баландихтисосу соҳибмаърифат ва ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ навсозии низоми таҳсилоти касбиро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тақозо мекунад.

Қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо усулҳои инноватсионӣ барои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ба роҳ монда шудааст. Таҷрибаи кишварҳое, ки чунин тартиби қабули имтиҳонҳоро ҷорӣ кардаанд, нишон медиҳад, ки

низоми мазкур барои интихоби шогирдони воқеан сазовори номи донишҷӯй, баланд бардоштани сифати таҳсил ва сатҳи азхудкунии дониш, хулоса дар ҷодаи тарбияи кадрҳои баландихтисоси миллӣ нақши муҳим мебозад.

Тавассути Маркази миллии тестӣ ташкили имтиҳонҳои дохилшавӣ дар нуқтаҳои ба макони зисти довталабон наздик, шаффоф, объективона ва бо таъмини иштироки баробару озодона ба роҳ монда мешавад.

Моҳияти асосии низоми нав аз он иборат аст, ки дар баробари санҷиши дониши фаннӣ, инчунин барои довталабон имконият фароҳам оварда мешавад, ки онҳо дар равияҳои интихобкардаашон донишу малакаи худро озмуда, минбаъд камбудиҳои хешро ислоҳ кунанд.

Муҳимтарин ҷанбаи низоми нав дар он зоҳир мешавад, ки сарфи назар аз маҳалли ҷойгиршавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, раванди бақайдгирӣ ва имтиҳонҳои дохилшавӣ дар шаҳри Душанбе, марказҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳои Суғду Хатлон сурат мегирад, ки чунин шароит, пеш аз ҳама, ба манфиати довталабон ва волидони онҳо мебошад, зеро онҳо барои роҳкиро ва дигар хароҷоти иловагӣ маблағ сарф намекунанд. Имтиҳони тестӣ, ки тавассути технологияи компютерӣ гузаронида мешавад, нишондиҳандаи объективӣ будани арзёбии дониши хонандагон аст. Бо истифода аз компютер супоридани имтиҳон хеле самарабахш буда, коркарди компютерӣ нисбат ба имтиҳонсупор беғаразу бетараф мебошад.

Таъсисёбии Маркази миллии тестӣ талаби замони муосир буда, минбаъд ба сифати қабули донишҷӯён ва интихобу тарбияи мутахассисони боистеъдод бетаъсир намемонад, инчунин барои коҳиш додани дахолати инсонӣ ба раванди имтиҳон аз техникаву технологияҳои пешрафтаи муосир ҳамаҷонибаву самаранок истифода карда мешавад. Довталабон бояд роҳҳо ва меъёрҳои муайянкардаи Маркази миллии тестиро барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ донанд ва зимни он омодагии ҷиддӣ барои идомаи таҳсилро тарҳрезӣ кунанд.

ИМД (имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ) – низоми муҷаҳҳаз бо технологияи муосир аст, ки барои арзёбии холисона ва одилонаи дониши довталабон ва дастрасии баробари онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

*Имтиҳонҳои дохилшавӣ аз 2 қисм иборат аст:*

–қисми А (имтиҳони умумӣ);




–қисми Б (имтиҳони ихтисос).

ҚИСМИ А. Тести қисми А аз фанҳои забони тоҷикӣ (давлатӣ), математика, таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ иборат аст. Имтиҳони умумӣ барои ҳамаи довталабон, сарфи назар аз забони таҳсил ва ихтисоси интихобкарда, имтиҳони ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

ҚИСМИ Б. Дар имтиҳони ихтисос (қисми Б) довталаб дар доираи гурӯҳи ихтисосҳои интихобкардааш аз се фан тест месупорад:




– **гурӯҳи ихтисосҳои 1** (табиӣ ва техникӣ): 1. Математика 2. Физика 3. Химия.




– **гурӯҳи ихтисосҳои 2** (иқтисод ва география): 1. Математика 2. География 3. Забонҳои хориҷӣ.




– **гурӯҳи ихтисосҳои 3** (филология, педагогика ва санъат): 1. Забон ва адабиёт 2. Таърих 3. Забонҳои хориҷӣ.




– **гурӯҳи ихтисосҳои 4** (ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ): 1. Таърих 2. Ҳуқуқи инсон 3. Забонҳои хориҷӣ.




– **гурӯҳи ихтисосҳои 5** (тиб, биология ва варзиш): 1. Химия 2. Биология 3. Физика.

Ҳар як довталаб метавонад мустақилона ё бо ёрии омӯзгор аз саволномаҳои Маркази миллии тестӣ истифода бурда, барои амалӣ кардани нақшаҳои минбаъдаи худ тадбирҳои саривақтӣ биандешад.

## ИМТИҲОНҲОИ ЭҶОДӢ ВА МАҲОРАТ

Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро довталабоне месупоранд, ки аз рӯйи талаботи қоидаҳои қабул барои дохил шудан ба ин ихтисосҳо омодагии эҷодӣ ва маҳорат доранд ва ин кор барои онҳо ҳатмӣ мебошад. Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро комиссияҳои қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо фармоиши ректорони муассисаҳои таълимии мазкур таъсис дода мешаванд, дар асоси аризаи шахсӣ ва варақаи бақайдгирӣ, ки аз тарафи нуқтаи бақайдгирии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) ба довталаб дода шудааст, дар макони

ҷойгиршавии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баргузор мекунанд. Меъёри баҳогузорӣ ба имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад. Довталабон, пас аз супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат, имтиҳонҳои марказонидаро месупоранд. Барои иштирок дар озмун довталаб бояд холи гузаришро аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат соҳиб шавад.

## САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТЕСТ

***Саволҳо бо интихоби як ҷавоби дуруст.*** Дар ин навъ барои ҳар саволу масъалаи ҷорӣ варианти ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктоаш дуруст аст. Ҷавоби дуруст интихоб карда дар варақаи ҷавобҳо ишора мешавад.

***Саволҳо барои муайян кардани мувофиқат.*** Дар чунин навъи саволу масъалаҳо ба калима ва ҷумлаҳо (ва ё формулаҳо, функсияҳо), ки дар сутуни якум дода шудааст, аз сутуни дуюм ҷавоби мувофиқ ва дуруст интихоб карда мешавад.

***Саволҳои кушода бо ҷавоби кӯтоҳ.*** Ҷавоби ҳар як саволу масъалаи ин навъ бо адади бутун дар хоначаҳои махсуси варақаи ҷавобҳо навишта мешавад.

## БАҚАЙДГИРӢ

Бақайдгирии довталабон аз 1-уми март то 15-уми апрел дар нуқтаҳои бақайдгирии ба макони зист наздик ба роҳ монда мешавад. Бақайдгирии довталаб бо иштироки шахсии ӯ бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин сурат мегирад:

– шиноснома ё ҳуҷҷати суратдори тасдиқкунандаи шахсият, ки сохтори ваколатдори давлатӣ тасдиқ кардааст;

– маълумотномаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар хусуси таҳсилоти хатмкунанда;

– гувоҳномаи тиббӣ (№ 086/у);

– расид (квитансия) дар бораи пардохти маблағ дар Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ва филиалҳои он барои иштирок дар имтиҳон;

–ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи имтиёз.

## ДАЪВАТНОМА

Даъватнома тавассути шуъбаҳои минтақавии ММТНПҶТ, раёсат, идора ва шуъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ шахсан ба довталаб ва ё наздикони ӯ (бо пешниҳод кардани варақаи бақайдгирӣ ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият) супорида мешавад. Нусхаи электронии даъватнома дар ҳуҷраи шахсии довталаб дар сомонаи ММТНПҶТ (www.ntc.tj) ҷойгир карда мешавад. Дар ҳолати гум шудани даъватнома ва ё дастрас нашудани он, то 31-уми майи соли имтиҳон довталаб метавонад, ки шахсан даъватномаи худро аз сомонаи ММТНПҶТ (www.ntc.tj) чоп кунад ё бевосита ба шуъбаҳои минтақавӣ ё ММТНПҶТ муроҷиат кунад. Барои ворид шудан ба маркази имтиҳон довталаб бояд бо худ даъватнома ва шиноснома (ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият) дошта бошад.

## ТАҚВИМИ ДОВТАЛАБ

1. Бақайдгирӣ
2. Фиристодани даъватнома
3. Баргузории имтиҳонҳо
4. Натиҷаи имтиҳонҳо
5. Апеллятсия
6. Тақсимот ба МТОК
7. Дар МТОК аз қайд гузаштан

# БОБИ 3. КАСБУ ҲУНАРҲОИ БОЗОРИ ДОХИЛИИ КИШВАР

## 10. ПЕДАГОГИКА (Касбҳои омӯзгорӣ)

– омӯзгори фанҳои таълимӣ;
– омӯзгор ва мураббии муассисаҳои таълимию тарбиявии махсусгардонишуда: олигофренопедагогика, сурдопедагогика, логопед, дефектолог;
– мураббӣ-омӯзгори муассисаҳои томактабӣ;
– психологи мактаб;
– ҳуҷҷатнигор.

**Омӯзгор**

*Агар садсола гардад ҳам фаромӯшаш нахоҳам кард,*
*Ҳамон шахси азизеро, ки рахшон пеши роҳам кард.*

***Аҷзӣ***



Вақте ки мафҳуми омӯзгор-муаллимро ба забон меорем, пеш аз ҳама омӯзонандаи илму дониш, фарҳангу адаб ва таърихи иқтисодиёти кишвар ба назар мерасад. Омӯзгор ва касби омӯзгорӣ ба доираи касбии «одам – одам» рост омада, фаъолияти асосии ин касб ба омӯзонидани илму адаб ва тарбияи инсон равона карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон аз рӯйи зиёда аз 3000 касбу ихтисос фаъолият мекунанд. Касбҳо дар навбати худ ба ихтисосҳо ҷудо мешаванд: Масалан, касби омӯзгорӣ ихтисосҳои зиёдро ба монанди: омӯзгори фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, омӯзгори фанҳои гуманитарӣ, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва ғайра дар бар мегирад.



Касби омӯзгорӣ касби бошараф аст ва омӯзгор баробари падару модар дар таълиму тарбияи инсон масъулият дорад. Ӯ ба хонандагон олами маънӣ меомӯзонад. Дар раванди таълиму тарбия накши омӯзгор бисёр калон аст.

*Ҳаққи устод аз падар беш аст,*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*

Маҳз тавассути заҳмати омӯзгор хонанда роҳу мақоми худро дар ҷомеа пайдо мекунад.

*Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.*
*Ҳеҷ Мавлоно нашуд мавлои Рум,*
*То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.*

Аз Искандар (Қаҳрамони достони «Хираднномаи Искандарӣ»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ) мепурсанд, чаро устоди худ – Арастуро аз падар бештар ҳурмату эҳтиром мекунӣ? Дар ҷавоб мегӯяд:

*Зад ин нақши обу гилам,*
*В-аз он тарбият ёфт ҷону дилам.*
*Аз ин шуд тани ман пазирои ҷон,*
*В-аз он омадам зиндаи ҷовидон.*
*Аз ин по кушодан зи қайди адам,*
*В-аз он рӯ ниҳодам ба мулки қидам.*

Ба ақидаи Ҷомӣ, ҳар касе устод дорад, то охири ҳаёташ бояд ӯро ҳурмату эҳтиром кунад, зеро қадри омӯзгор аз падар бештар аст.

Касби омӯзгорӣ ниҳоят душвору масъулиятнок буда, инсонро тарбия мекунад, донишу илм меомӯзад ва насли наврасро барои ташаккулёбии шахсияташ ва пайдо кардани ҷою мавқеаш дар ҳаёт роҳнамоӣ мекунад.

Омӯзгор, ба қавли бузургон, муҳандиси рӯҳи инсон аст. Тавре ки муҳандис нақша ё лоиҳаеро тарҳрезӣ мекунад, омӯзгор низ аз рӯзи аввал ба шогирдон адаб меомӯзад ва онҳоро барои ҳаёти солими оянда омода месозад.

Омӯзгорӣ касби пуршараф буда, омӯзгор касест, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварист ва барои тарбия ёфтан, ба камол расидан ва бузург шудани ҳар як шогирдаш кӯшиши беандоза мекунад, зеро шогирди хуб ифтихори омӯзгор мешавад.

**Касби ҳуҷҷатнигор**

Ҳуҷҷатнигорон бо кори ҳуҷҷатнигорӣ машғул мешаванд. Фаъолияти ҳуҷҷатнигоронро ба якчанд марҳалаҳое, ки бо ҳам алоқаманданд, ҷудо кардан мумкин аст: омода кардани ҳуҷҷат, ба қайд гирифтан, коркард, муҳофизат ва нигоҳ доштани он. Ҳуҷҷатнигорон мактубҳои ба корхона ва ё ташкилот воридшавандаро қабул карда, онҳоро ба шахсони масъуле, ки ба ин ҳуҷҷатҳо вобаст карда шудаанд, ирсол мекунанд, гардиши ҳуҷҷатҳо ва иҷрои дастурҳои дар онҳо қайдшударо назорат мекунанд. Онҳо дар кори худ дастгоҳҳои гуногуни техникиро аз қабили телефон, факс, дастгоҳи нусхабардорӣ, принтер ва сканер истифода мебаранд.

Ҳуҷҷатнигор бояд бо асосҳои андоз, молия, судӣ ва дигар қонунгузорие, ки ӯ бо он сарукор дорад, шинос бошад. Дар ширкатҳои хурд аксар вақт вазифаи ҳуҷҷатнигорро котиб низ иҷро мекунад. Дар корхона ва ташкилотҳои калон ба вазифаи ҳуҷҷатнигор шахсе таъйин карда мешавад, ки маълумоти касбӣ дорад. Мутахассиси ин соҳа метавонад дар ташкилотҳои бонуфуз ва корхонаҳои давлатие, ки қабули шаҳрвандонро пеш мебаранд ва гардиши муҳимми ҳуҷҷат доранд, кор кунад. Дар чунин корхонаю ташкилот мутахассис метавонад аз рӯйи мансаб боло равад, ки ин ба сифатҳои касбии худи ҳуҷҷатнигор ва муваффақияти кори ӯ вобаста аст. Мутахассисони соҳибтахассуси ин соҳа дар бозори меҳнат талабгорони зиёд доранд. Ҳуҷҷатнигор чунин вазифаҳоро иҷро мекунад: ҳуҷҷат, мактуб ва дигар коғазҳои кориро қабул мекунад, ба хелҳо ҷудо мекунад; ҳисоб ва назорати онҳоро дар журналҳои махсус қайд мекунад; маводро барои роҳбар омода месозад. Ҳуҷҷатнигор дар корхона ва ташкилотҳои калон ҳуҷҷатҳоро аз рӯйи доираи масъалаҳои маҳдудшуда коркард мекунад ва дар мавриди зарурӣ бо дигар ҳуҷҷатнигорон ҳамкорӣ мекунад. Талабот ба махсусиятҳои ҳуҷҷатнигор: қобилияти мутамарказонии дурударози диққат; хотираи дурудароз ва зудамали хуб; пуртоқатии эмотсионалӣ; пуртоқатӣ ба душвориҳо, таҳаммулпазирӣ.



*



**Касб ва саломатӣ**

Барои он ки одамон бахти худро дар касбашон пайдо кунанд, бояд се шароит муҳайё бошад: аз уҳдаи кор бароянд, он набояд тоқатфарсо бошад, муваффақият бояд ҳамсафари кор бошад.

***Ҷ. Рескин***

# 11. МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ НИГОҲДОРИИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ

– кори иҷтимоӣ;
– табиб (духтур);
– кори момодоягӣ;
– кори умумитиббӣ;
– кори дорушиносӣ;
– ташхисгар;
– касбҳои тиббӣ-лабораторӣ

Яке аз ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани солимии оила, модару кӯдак, насли наврас ва дар маҷмӯъ аҳолии кишвар мебошад. Барои нигоҳ доштани солимии аҳолӣ хизматрасонии тиббӣ ва таъмини муассисаҳои хизматрасонию ташхиси тиббии муосир зарур аст. Бо ин мақсад дар хидмати соҳаи тиб қарор додани технологияҳои инноватсионӣ тақозои давру замон аст. Солҳои охир дар муассисаҳои тиббӣ таҷҳизоти замонавӣ васеъ ворид шуда, ба ин восита сатҳи ташхису табобати беморон беҳтар шудааст. Вале бояд донист, ки барои пурра ва босамар истифода кардани технологияҳои муосири тиббӣ ихтисосмандони касбӣ муҳиманд. Мутаассифона, то имрӯз шумораи чунин мутахассисон дар кишвар нокифоя аст. Наврасон ва касоне, ки мехоҳанд фаъолияти касбии худро ба риштаи тиб бипайванданд, бояд донишҳои амиқи фаннию технологӣ дошта бошанд. Бояд донист, ки масъалаҳои тандурустӣ ва омода кардани мутахассисони касбӣ, яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз буда ва таъминоти ҷумҳурӣ бо кадрҳои тиббӣ дар ҷойи аввал меистад.

Вазъи таъминот бо кадрҳои тиббӣ дар ҷумҳурӣ якранг набуда, дар қисме аз минтақаҳои ҷумҳурӣ ташвишовар боқӣ мондааст. Масалан, дар вилояти Хатлон, ки аҳолиаш беш аз 3 миллион нафарро ташкил медиҳад, ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 11,3 нафар табиб рост меояд, ки дар муқоиса бо дигар вилояту шаҳрҳои кишварамон ин нишондиҳанда нокифоя

аст. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Душанбе беш аз 77 нафар, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 23 ва вилояти Суғд 20 нафар мебошад.

Вазъияти баамаломадаро Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба назар гирифта, дар вилояти Хатлон Донишгоҳи тиббии Хатлонро барои омода кардани кадрҳои тиббӣ мавриди истифода қарор дод. Соли 2016 дар ин муассиса бори аввал қабули довталабон ба роҳ монда шуд ва сентябри ҳамин сол таҳсил дар Донишгоҳ оғоз шуд. Ин тадбир ба он хотир андешида шуд, ки Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, ки дар мамлакат ягона буд, имконияти тибқи талабот омода кардани кадрҳоро надошт. Наврасону ҷавонон бояд донанд, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, коллеҷҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ мутахассисони аввалияи соҳаи тиброо омода мекунанд. Маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол зиёд шуда, соли 2016 ба 1 миллиарду 300 миллион расонида шуд, ки ин рақам нисбат ба соли 2005 14 баробар зиёд мебошад. Боиси сарфарозист, ки мутахассисони соҳаи тибби кишварамон бо истифода аз имкониятҳо баъзе самтҳои корҳоро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба роҳ мондаанд. Дар натиҷа, имрӯз барои ташхис ва табобат ба кишварҳои хориҷӣ рафтани шаҳрвандони мо хеле кам шудааст. Онҳо ташхис ва табобати заруриро дар ватан мегиранд. Барои омода кардани мутахассисони касбӣ наврасону ҷавононро зарур аст, ки аввал меҳри касбро дар дил ҷо дода бошанд. Баъдан вазъи саломатию донишҳои заминавӣ ва шавқу ҳаваси худро ба ҳисоб гирифта, бо дастгирии устодон барои дохил шудан ба муассисаҳои касбӣ омода шаванд, зеро надоштани донишҳои заминавӣ барои омода шудан ба касб мушкилотро ба миён меорад.

**Касби духтурӣ**

*Биёед аввал муайян мекунем, ки табиб кист? Духтур шахсест, ки саломатии инсон аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти ӯ вобаста аст. Ҳаёти инсон аз он вобаста аст, ки табиб бо чӣ ӯро*



*табобат мекунаду кадом усули муоличаро интихоб мекунад.*

Аз ин рӯ, барои табиб шудан пеш аз ҳама сифати инсондӯст будан ва нисбати организми зинда, алалхусус организми инсон, дониши зарурӣ доштан – шарти ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин табибони оянда аз ҳама зиёд таҳсил мекунанд. Агар барои омӯзгор ё муҳандис шудан таҳсили 4-5-сола дар донишгоҳи олӣ кифоя бошад, барои табиби ҳақиқӣ шудан 8 сол (6 сол – таҳсил дар донишгоҳи тиббӣ, 1 сол – таҳсил дар ординатура ва 1 соли кори мустақилона барои табиби мустақил шудан) лозим аст.

Дар ҷумҳурии мо Маркази миллии тестӣ амал мекунаду натиҷаҳои имтиҳони ягонаи давлатӣ аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ ҳамчун натиҷаи имтиҳони давлатӣ аз ин ё он фан қабул карда мешаванд, раванди тайёрӣ ба донишгоҳҳои олӣ назди довталабон талаботҳои навтареро мегузорад.

Бинобар ин зарур аст, аз рӯйи сатҳи тафаккур ва дараҷаи инкишофи зеҳнии хонандагон ва дониши мушаххаси математикӣ, химиявӣ, биологӣ муайян карда шавад. Хонандагони азиз, фаромӯш накунед, ки ёрдамчии аз ҳама ғамхору беғараз ва зарури шумо КИТОБ аст. Ҳамеша аз пайи омӯзиш ва ҷустуҷӯ шавед, зеро табиб ба ҳаёти инсон сару кор дорад. Касби табибӣ муҳим, зарур ва масъулияти баландро талаб мекунад.

Касби табибӣ як қатор ихтисосҳоро дар бар мегирад: табиби чашм. дандонпизишк, ҷарроҳ, табиби бемориҳои занона, табиби бачагона ва ғайра. Ҳар як ихтисоси касби табибӣ дар ҷомеа зарур буда, барои солим нигоҳ доштани ҳаёти ин-

сон хидмат мекунад. Касби табибӣ баробари пайдоиши инсон пайдо шуда, дар ибтидо дар асоси таҷрибаҳои ҳаётӣ аз гиёҳу рустаниҳои табиӣ барои рафъи бемориҳо, захмҳо истифода карда мешуд, ки онро ҳоло тибби халқӣ меноманд. Дар замони имрӯза низ аз хидмат ва табобати тибби халқӣ, ки одатан аз гиёҳу табобати мардумӣ иборат аст, ба таври васеъ истифода мебаранд. Табибони халқӣ дар муассисаҳои ҳукумат ба қайд гирифта шуда, доштани донишҳои касбӣ барои онҳо низ муҳим аст. Табибони халқӣ дар натиҷаи худомӯзӣ ва таҷриба донишашонро мустаҳкам карда, мактаби Синои бузургро идома медиҳанд.

Абӯалӣ ибни Сино бузургтарин симои олами тибби ҷаҳонӣ мебошад. Ӯ беш аз 450 рисолаи илмӣ навиштааст, ки то замони мо танҳо 240-тояш расидааст. Ин рисолаҳо қариб тамоми соҳаҳои илмро фаро гирифта, 150 адад ба илми фалсафа ва беш аз 40-тои дигар ба илми пизишкӣ тааллуқ доранд. Маъруфтарин асарҳояш китобҳои «Шифо» ва «Ал-Қонун» мебошанд, ки бузургтарин донишномаҳои илмӣ ва фалсафии ҷаҳон ба шумор мераванд. Абӯалӣ ибни Сино дар ҷаҳон пурмаҳсултарин олим ва адиб эътироф шудааст. Фаъолияти эҷодии вай аз 17-18-солагиаш дар солҳои 996-997 шурӯъ шуда, 40 сол давом кардааст.

Абӯалӣ ибни Сино дар рушди илми тиб саҳми бениҳоят арзанда гузоштааст. Вай дар пешрафт ва тараққиёти дигар соҳаҳои илми тиб низ хидмати босазо анҷом додааст. Ӯ усулҳои набзшиносӣ, табшиносӣ, бавлшиносӣ ва вабошиносиро нишон дода, роҳҳои муолиҷаи чунин бемориҳоро тавсия кардааст. Хидматҳои ҳаким Сино дар соҳаи дорушиносӣ ва дорусозӣ низ беҳамто мебошанд.

Имрӯз дар Тоҷикистон ба эҳтироми ин ҳакими бузург хиёбоне дар пойтахт номгузорӣ шуда, ба муносибати 1000-солагии зодрӯзаш дар маркази шаҳр муҷассамааш афрохта шуд. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон низ имрӯз номи ӯро дошта, ба номаш Мукофоти давлатӣ таъсис дода шудааст.

## 12. СОХТМОН ВА ХОҶАГИИ МАНЗИЛӢ

– муҳандис;
– меъмор;
– сохтмончӣ;
– монтёри барқ;
– кандакорӣ дар чӯб;
– дуредгар;
– челонгар;
– харрот.

**Касби харротӣ**

Бо махсусияти ин касб аввалин маротиба дар мактаби миёна дар дарсҳои технология шинос шудан мумкин аст.Кори харрот тавассути буридан, тарошидани маҳсулоти нимтайёри металлӣ ва аз он тайёр кардани маҳсулот ба шакли зарурӣ иборат мебошад. Қисматҳои зиёди ҷузъҳои ашё ва механизмҳои гуногун дар замони мо дар коргоҳҳои харротӣ истеҳсол карда мешаванд.

Аввалин дастгоҳҳои харротӣ ҳанӯз дар асри VII то солшумории мелодӣ истифода мешуданд. Барои коркарди ашёи сахттар чунин дастгоҳҳо, албатта қодир набуданд. Дар асри XVI нахустин бор дар Фаронса чархи обие, ки имконияти ташкил кардани қувваи ҳаракатовар (муҳаррик)-ро барои кор дар рӯйи металл ба миён овард, ихтироъ карда шуд. Бо вуҷуди ин, ба харротон лозим меомад, ки ҷуфт-ҷуфт кор кунанд ва ё дастгоҳро бо пояшон чарх занонанд. Дар охирҳои асри XIX дастгоҳҳои харротӣ бо муҳаррики электрикие, ки ҳамчун асоси таҷҳизоти замонавӣ ба ҳисоб меравад, сохта шуд.

Хидматрасонии харротон дар ҷамъият муҳим аст. Онҳо дар бисёр муассисаҳои саноатӣ, коммуналӣ, васлкунӣ, таъмиру тармим ва ғайра фаъолият мекунанд. Барои харрот шудан фанҳои химия, математика, геометрия, информатика ва технологияро донистан зарур аст.

**Касби сохтмончӣ**

**Сохтмон** – кисми мустақили иқтисодиёти мамлакат буда, мутахассиси ин соҳа барои сохтани биноҳои нав, таҷдид (реконструксия), васеъкунӣ, таъмир ва таҷҳизонидани биноҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ истифода мешавад. Сохтмон бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт (асосан бо саноат) алоқаи зич дорад. Саноат сохтмонро бо мошинҳо, масолеҳ, конструксияҳо, энергияи барқ ва дигар маводди зарурӣ таъмин мекунад. Масалан, барои ҳосил кардани маҳсулоти ниҳоии сохтмон қариб 70 соҳаи хоҷагии халқ маҳсулот мефиристанд.

Сохтмончӣ асосан ба иҷрои шаклҳои гуногуни корҳои сохтмон ва ё таъмир, аз қабили рӯйбасткунӣ, рангмолӣ ва андова, инчунин омехта кардани як қатор ухдадориҳо бо касбҳои дуредгарӣ ва харротӣ шуғл меварзад.

Дар сохтмонҳои шаҳрӣ, деҳаҳо ва обод кардани мавзеъҳои истиқоматӣ, корхонаҳои маъмурию саноатӣ ва иншоотҳо сохтмончӣ хеле зарур аст. Талабот ба сохтмончиён дар бозори меҳнат баръало эҳсос мешавад, чунки имрӯз сохта ба истифода додани иншоот ва биноҳои гуногуни истиқоматию маъмурӣ хеле рушд ёфтааст.

**Монтёри барқ**

Аҳамияти барқ дар ҳаёти инсон басо зарур аст. Дар ҷомеа талабот ба касби монтёри барқ дар ҳамаи давру замон буд ва боқӣ мемонад. Касоне, ки ба касби монтёрӣ машғул мешаванд, бояд эҳтиёткору аз ҷиҳати ҷисмонӣ хеле обутобёфта бошанд. Сол то сол талаботи ҷомеа ба касби монтёри барқ зиёд мешавад. Бунёди истгоҳҳои барқ, таъмини онҳо бо таҷҳизоти муосир ва мутахассисони монтёри барқ аз вазифаҳои муҳимми имрӯза ба шумор меравад. Аз сифати корҳои баанҷомрасондаи мутахассисони монтёри барқ кори мунтазами корхонаю муассисаҳо ва биноҳои истиқоматӣ вобастагӣ дорад. Музди кори кормандони ин соҳа сол ба сол зиёд шуда, барояшон шароити беҳтар ва имтиёзи иловагӣ пешниҳод карда мешавад.

Монтёри барқро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаю олии касбӣ ва курсҳои касбомӯзӣ тайёр мекунанд.



**Типи равонӣ** – ***сохтори васеи шахс аст, ки хусиятҳои инсонро муайян месозад.***

Сохтори равонии инсон аз 16 намуди асосӣ иборат аст ва ин фарқи бунёдиро дар равони одамони типҳои гуногун муайян мекунад. Ҳар инсоне, ки типи равонии худро медонад, ҳаргиз дар ӯ саволе пайдо намешавад, ки бо чӣ кор машғул шавад – бо геология ва тиб, бинокор шавад ё ба таълими кӯдакон шуғл варзад, бо пурбин кор кунад ва ё асбоби



мусиқӣ навозад, ҳавопайморо идора кунад ё ҳаёти худро ба омӯхтани Коинот бубахшад.

Илме, ки ба омӯзиши типҳои равонӣ машғул аст, сотсионика ном дорад. Офарандаи сотсионика муҳаққиқи беҳамтои литвонӣ Аушра Аугустинавичюте мебошад.



*1. Фаъолияти мутахассиси монтёри барқ аз чӣ иборат аст?*
*2. Махсусияти касби монтёри барқ аз чӣ иборат аст?*
*3. Хавфҳои касби монтёри барқ дар чӣ ифода меёбад?*
*4. Эҳтиёҷоти касби монтёри барқ дар ҷомеа дар кадом сатҳ аст?*

## 13. САНОАТИ САБУК ВА ХИДМАТИ МАИШӢ

– санъати дизайн, тасвирӣ ва ороишӣ-амалӣ;
– оператор-танзимгар;
– коргузор;
– дӯзанда;
– бофанда;
– заргар;
– қолинбоф;
– фурӯшанда;
– пешхидмат;
– менеҷери тарабхона;
– ороишгари мӯй.

Саноати сабук ва хидмати маишӣ таърихи куҳан дошта, фаъолияти он дар шаклҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Доираи фаъолияти касбҳои ин соҳа барои ташкили ҷойи нави кор, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, рушди соҳибкорӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат, ки яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар мебошад, мусоидат мекунад.

Дар соҳаи савдо маҳсулоти гуногун дар шаклҳои мухталиф омода карда, ба фурӯш бароварда мешавад. Маҳсулоти озуқаворӣи гӯштӣ, моҳӣ, ширинӣ, қаннодӣ, сабзавот, меваҷот ва ғайра тарзи махсуси нигоҳубин ва ба фурӯш бароварданро дорад, ки аз фурӯшанда муносибати махсусро талаб мекунад.

**Касби фурӯшанда**

Касби фурӯшанда чӣ гуна касб аст ва вазифаи фурӯшанда аз чӣ иборат аст? Касби фурӯшанда дар доираи муносибатҳои истеҳсолкунандаи маҳсулот ва харидор шинохта шудааст. Дар шароити имрӯза касби фурӯшанда ба яке аз касбҳои серталаб мубаддал шудааст, зеро теъдоди корхонаю марказҳои савдо рӯз аз рӯз афзоиш меёбад. Ба касоне, ки касби фурӯшандаро интихоб мекунанд, зарур аст, ки ҳолати равонии харидорро донанд, бодиққат ва эҳтиёткор бошанд, бояд хушмуомилаю кушодачеҳра бошанд.

Касоне, ки ба касбҳои муомилотӣ, савдо ва тиҷорат машғул мешаванд, зарур аст, ки пеш аз ҳама масъулиятшиносу бодиққат бошанд, зеро ҷавобгарии молиявиро бар дӯш доранд, сарбории вазнини ҷисмонӣ ва баъзан кор бо ашёю молҳои ба саломатӣ хатарнокро низ иҷро мекунанд. Касоне, ки ин касбҳоро интихоб мекунанд, бояд маҳорати хуби гуфтугӯ кардан бо атрофиёнро дошта бошанд ва дизайнери касби худ, яъне зебо ороиш додани ҷойи кор ва маҳсулоти ба фурӯш баровардашударо донанд.

Барои интихоби ин касб пеш аз ҳама доштани донишҳои зарурӣ аз фанҳои математика, химия, адабиёт, технология (таълими меҳнат) ва технологияи иттилоотӣ, ҳуқуқ, равоншиносӣ, этика, техникаи бехатарӣ, расонидани ёрии аввалияи тиббӣ муҳим аст.



*1. «Фарҳанги муносибати корӣ»-ро шарҳ диҳед.*
*2. Зери мафҳуми «Одоби касбӣ» чиро мефаҳмед?*
*3. Дар касбҳои гурӯҳи «Инсон-инсон» чаро одоби муошират муҳим аст?*
*4. Аҳамияти гигиенаи шахсии кормандони соҳаи маишӣ ва иҷтимоиро шарҳ диҳед.*
*5. Ҳолатҳои заҳролудшавии маводди хӯрокиро номбар кунед.*
*6. Муҳлати нигоҳдории маводди хӯрокӣ ва ғизоҳои зудвайроншаванда чӣ қадар аст?*
*7. Талаботи санитарии мавқеи хизматрасонӣ чӣ гуна аст?*
*8. Фурӯшандаи маҳсулоти озуқаворӣ чиро бояд донад ва ба кадом талабот ҷавобгӯ бошад?*
*9. Кадом намуди маҳсулот одатан дар бозор рақобатпазир мебошанд?*
*10. Ҳисоботи хоҷагӣ ва мавқеи он дар савдо чӣ гуна аст?*
*11. Мафҳуми савдои чакана ва яклухтро шарҳ диҳед.*

## САНЪАТИ ДИЗАЙН, ТАСВИРӢ ВА ОРОИШӢ-АМАЛӢ

**Дизайнер** (ороишгар) – мутахассисест, ки ба фаъолияти бадеӣ-техникӣ дар доираи соҳаҳои гуногун: саноат, наклиёт, мебел, сарулибос, хона, типография ва ғайра сарукор дорад. Асосан ба масъалаи дизайнерӣ дар соҳаи рушди истеҳсолоти саноатӣ дар миёнаи асри XIX зарурат ба миён омад ва аввалин бор лоиҳаҳои дизайн пешниҳод карда шуданд. Нахустин мактабҳои дизайнерӣ дар солҳои 20-уми асри XX пайдо шудаанд.

Ба касби дизайнерӣ касоне машғул шуда метавонанд, ки дар заминаи тасаввуроти бадеии худ табъу завқ ва малакаи махсуси зебоипарастӣ ва зебоиофарӣ дошта бошанд. Ба хадамоти дизайнерӣ дар ҳама давру замон талабот мавҷуд буд ва ҳамин тавр боқӣ мемонад. Махсусияти ин касб дар он аст, ки ҳангоми хидматрасонии дизайнерӣ ба ҳисоб гирифтани хоҳиши муштариён ва дархосткунандагон ҳатмист.

Дизайнери хуб ё мутахассиси хуби соҳа на танҳо ранг, шакл, балки кӯшишҳои эҷодии худро вобаста ба хоҳиши корфармо метавонад истифода барад.

Касби дизайнерӣ дар литсейҳои касбӣ, коллеҷҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омӯзонда мешавад. Ҳангоми омода кардани лоиҳаи эҷодӣ-дизайнерӣ аз донишҳои фанни таърих, технологияи иттилоотӣ, технологияи кор, этика ва эстетика, эҷодиёти халқ, расму оинҳои миллӣ истифода бурдан дуруст аст.



*1. Дизайнерӣ чист ва дизайнер кист?*
*2. Хадамоти дизайнерӣ дар куҷо истифода бурда мешавад?*
*3. Барои дизайнери хуби касбӣ шудан аз худ кардани кадом фанҳо муҳим аст?*
*4. Ҳунари эҷодкорӣ, офаридани образҳои бадеӣ модарзодист ё дар натиҷаи омӯзиш пайдо мешавад?*
*5. Қолинбофӣ чист ва ин ҳунар кай пайдо шудааст?*
*6. Зарурати рушди ҳунарҳои қадимии мардумиро дар чӣ мебинед?*
*7. Шумо дар кадом мавзӯъ лоиҳаи эҷодӣ офарида метавонед?*

**Касби дӯзандагӣ**

Касби дӯзандагӣ хеле маъмул аст. Инсон дар ҳаёти худ ҳамеша ба сарулибос ва ороиши гуногун ниёз дорад. Барои омодагӣ ба чорабиниҳои гуногун, аз қабили ҷашни арӯсӣ, иду маросими миллӣ ба сарулибос талабот бештар мешавад. Бо тағйироти мӯд намудҳои нави матоъ ба фурӯш мебароянд, ки дӯзанда барои дӯхтани онҳо бояд маҳорати хуби дӯзандагӣ дошта бошад. Барои ҳар як чевару дӯзанда сифати хуби кор муҳим аст, чунки дидани либоси бенуқсон ва шунидани сухани миннатдорӣ ба кас ҳаловати зиёд оварда, аз касби интихобкардааш ифтихор мекунад.

Дӯзанда бояд технологияи истеҳсолоти дӯзандагӣ: шаклҳои матоъ, махсусиятҳои дӯхтани онҳо; усулҳои махсуси конструктивӣ: принсипҳои кори таҷҳизоти хидматрасон, қоидаҳои нигоҳубини онҳо, интихоби сӯзан ва ришта; кашида шудани риштаҳоро ба танзим дарорад, дарозии кӯк, ба тартиб даровардани суръати мошинаи дарздӯзӣ ҳангоми иҷрои шаклҳои гуногуни дӯхт, пора кардани либос, санҷидани сифати он, пайваст кардани ҷузъҳои маҳсулот бо ёрии дарзҳо, тоза ва омода кардани мошини дӯзандагӣ, равған кардан ва нигоҳубини он, бартараф кардани норасоиҳоро донад. Агар дӯзанда дар корхонаи дӯзандагӣ кор кунад, пас вай ба ҳайати эҷодӣ дохил мешавад ва ҳар як аъзои гурӯҳ уҳдадорӣ ва вазифаи худро дорад. Баъзе дӯзандаҳо кори дастиро бо ёрии сӯзан, қайчӣ, пораи бӯр анҷом медиҳанд, баъзеи дигарашон дар мошинҳои дӯзандагӣ ҷузъҳои либосро бо ёрии дарз ва кӯкҳо мепайванданд, баъзеҳо ба дарзмол кардани сарулибоси дӯхташуда машғул мешаванд. Муҳиммаш ин ки чизи фармоишгарро омода кунанд. Дар фабрика теъдоди зиёди либос дӯхта мешавад, мӯдро мӯдшиносон муқаррар мекунанд. Матои порашударо ба бригада пешниҳод мекунанд: баъзеҳо онро паҳн мекунанд, баъзеи дигарашон медӯзанд ва баъзеашон онро дарзмол мекунанд. Дараҷаи музди кори дӯзанда бевосита ба чунин омилҳо – маҳсулоти омодакардашуда, сифат ва суръатнокии иҷрои кор, сатҳи касбият, шакл ва нуфузи корхонае, ки мутахассис он ҷо кор мекунад, вобаста аст.

*Дӯзанда бояд чунин сифатҳои шахсӣ дошта бошад:* пуртоқатӣ; шавқу рағбат дар иҷрои амалиёти якранг ва дилгиркунанда; ақидаи устувор; ботаҳаммул будан; покизакорӣ. *Ба сифатҳои муҳимми касбии дӯзанда инҳо дохил мешаванд:* биниши аъло, назари дақиқ ва ҳаҷмдор; мутобиқати хуб, чолокӣ ва чобукии дастон, ҳисси баланди ламси ангуштон, хотираи аёнии образнок, тобоварии ҷисмонӣ. Касби дӯзанда ба касоне, ки ҳаракати дастонашон вайрон шуда, васеъшавии варикозии рагҳо, харобии системаи асаб, бемории кухнашудаи системаи роҳи нафас, ҳассосият ба чангу хок, маҳсулоти ҳайвон ва рустаниҳоро доранд, тавсия дода на-

мешавад. *Талабот ба омодагии касбӣ:* дӯзанда бояд маҷмӯи маҳсулоти дӯзандагӣ ва хусусияти матоъҳо, усул ва роҳҳои иҷрои амалиёт оид ба дӯхтани либос аз матоъҳои гуногун ва махсусиятҳои сохти мошинаҳои хидматрасонро донад. *Соҳаҳои истеъмолӣ.* Дӯзандаҳо-операторони таҷҳизоти дӯзандагӣ дар корхонаҳои саноати сабук, дар истеҳсолоти дӯзандагӣ, трикотажӣ, мӯина, истеҳсоли намад, маснуоти саноати бофандагӣ кор мекунанд. Ба онҳо инчунин дар толорҳо ва ателе, дар шуъбаҳои матои мағозаҳо талабгоранд. *Шароити кор:* Дӯзанда метавонад мустақилона ва ё дар бригада фаъолият кунад; тамоми силсилаи корҳои дӯзандагиро ба иҷро расонад; дар биноҳои махсуси истеҳсолии корхонаҳои дӯзандагӣ кор кунад, ё метавонад дар хона кор кунад.

*Ҷойи кори дӯзанда* метавонад мизи маснуот, таҷҳизоти он, асбобҳои иловагӣ, курсӣ, ҷойи нигоҳ доштани маҳсулоти нимтайёр ва омодашуда бошад. Ҷойи кор бояд равшану барҳаво бошад. *Либоси махсуси дӯзанда:* хилъати ҳифзкунандаи либос аз чангу ғубор, сарандоз ва дастандоз. *Хатари касбӣ:* Барои мутахассисони соҳаи истеҳсолоти дӯзандагӣ хатари гирифтор шудан ба бемории системаи нафаскашӣ вуҷуд дорад, зеро як қатор равандҳои технологӣ ба пайдо шудани буғ ва чангу ғубори зараровар алоқаманданд. *Ҳолати корӣ,* яъне дурудароз нишастан низ метавонад ба бемориҳои ба пушт ва гардан вобаста оварда расонад. Тарроҳон (буррандагони тарҳи либос) зуд-зуд ба дарди буғумҳои даст гирифтор мешаванд. Сарбории чашм дар вақти кор хеле баланд аст, махсусан, агар вақти иҷрои амалиёти технологӣ маҳдуд бошад. *Маълумоти касбӣ:* Барои мутахассиси истеҳсолоти дӯзандагӣ шудан бояд соҳиби омодагии касбӣ шавед. Омодагии касбиро дар марказҳои таълимии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз худ кардан мумкин аст. Дӯзанда танҳо ба таври механикӣ супоришҳоро иҷро намекунад, балки фикр карданро меомӯзад, аз баровардани қарор наметарсад, вақти кор, матоъ, масолеҳро оқилона истифода мебарад, ба корҳои истеҳсолӣ мутобиқ мешавад,

пайдарҳамии амалиётро ба нақша мегирад, рафти корро назорат ва иҷро мекунад.

*1. Дӯзанда кист?*
*2. Хусусияти касби дӯзандагӣ.*
*3. Робитаи дӯзанда бо мӯдшиносон.*
*4. Сифатҳои муҳимми касби дӯзандагӣ.*
*5. Техникаи бехатарӣ ва ҳолати кории дӯзанда.*

**Касби бофанда**

Бофтани матоъ дар дастгоҳҳои бофандагии механикӣ ва автоматӣ сурат гирифта, яке аз ҳунарҳои қадимӣ ба шумор меравад. Шахсе, ки ба касби бофандагӣ машғул аст, бофанда номида мешавад. Пайдо шудани дастгоҳҳои бофандагӣ барои истеҳсоли матоъҳои баландсифат имкон фароҳам овард. Дар асрҳои XIX-XX бофандагӣ яке аз машғулиятҳои маъмули хонагии мардумони як қатор кишварҳо ба ҳисоб мерафт. Бофандагон асосан аз матоъҳои катонӣ ва канабӣ сарулибос, аз моҳут палто ва либоси гарм, инчунин миёнбанд истеҳсол мекарданд.

Анъанаҳои бофандагии пурнақшу нигори миллӣ дар шароити имрӯза аз ҷониби ҳунармандон, наққошон, бофандагони моҳир, аз ҷумла дар муассисаҳои касбу ҳунарҳои мардумӣ рӯ ба инкишоф овардааст.

Маҳсулоти бофандагии дастӣ дар шакли инфиродӣ ва дар коллективҳои ҳунарӣ омода карда шуда, дар намоишгоҳҳо, чорабиниҳо ва ҷашну маросим барои тамошо ва фурӯш бароварда мешавад. Бофандагӣ асосан касби занон буда, бофандагон дар дастгоҳҳои бофандагии механикӣ ва автоматӣ кор мекунанд. Бофанда якбора кори якчанд дастгоҳи бофандагиро ба низом медаророад, онҳоро ба кор омода месозад, моку ва ресмонҳоро иваз мекунад, кашиши риштаҳоро назорат мекунад, риштаҳои кандашударо васл ё барканор мекунад.

Сифати муҳимми касбии бофанда аз чолокии ангуштон, шунавоии хуб, тобоварии ҷисмонӣ ва маҳорати хуби эҳсоси зебоипарастӣ иборат аст.

Касоне, ки касби бофандагиро интихоб мекунанд, бояд малакаи зарурии кор дар дастгоҳи бофандагиро дошта бошанд, сохти дастгоҳҳо, махсусияти наххҳои истифодашаванда ва матоъҳои истеҳсолшавандаро донанд; ба омӯзиши фанҳои химия, биология, математика, санъати тасвирӣ ва технологияи иттилоотӣ ҷиддӣ машғул шаванд.



*1. Бофанда кист?*
*2. Махсусияти касби бофандагиро шарҳ диҳед.*
*3. Сифатҳои муҳимми касби бофандагӣ кадомҳоянд?*
*4. Бофанда бояд кадом донишҳоро дошта бошад?*

**Заргарӣ**

Аз қадимулайём маҳсулоти заргарӣ-ороишӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад ва ин ҳунар касби пурифтихор мебошад. Нахустин ороиши заргарӣ ҳангоми кандани пирамидаи фиръавн Ҷосер (солҳои 3200-2800 то солшумории мо) ёфт шудааст. Барои заргарони Мисри қадим гӯшвора, гарданбанд, ангуштарии тиллоӣ махсус буданд. Дар шароити имрӯза дар соҳаи ин касб, усул, техникаи нави ороишоти заргарӣ ва сангҳои қиматбаҳо рушд кардааст.

Касби заргарӣ аз инсон сабру таҳаммули махсусро талаб мекунад. Мутахассисони ин касбро дар литсейҳои махсуси касбии техникӣ, муассисаҳои таълимӣ, ки барои омода кардани мутахассисони соҳа замина доранд, тайёр мекунанд. Заргар бояд хусусияти филиз (металл)-ҳои истифодашаванда, сангҳои қиматбаҳо, усулҳои коркарди санг, талаботи техникӣ. усулҳои нақшофарӣ, пардоздиҳӣ, навъҳои нақшу нигор, қоидаҳои нақшкашӣ, омода кардани асбобу анҷоми кории худро донад.

Дар фаъолияти заргарон асосан, филизҳои қиматбаҳо ва ранга, наққошӣ, намунаи расм ва нақшҳо муҳимманд, ки барои тайёр кардани ороиши гардан, курта, дастҳо, ашё барои зинат додани миз, сохтани гулдон, туҳфаҳо истифода мешаванд.

Ҷавононе, ки ба ин касб машғул мешаванд, бояд техноло-

гияи амалиёти омодагӣ, усулҳои асосии кор, ҳисоби асосии маводди зарурӣ барои истеҳсол кардани маҳсулоти заргарӣ, амалиёти ороишӣ, васлкунӣ ва ғайраро донанд.

*1. Маҳсулоти заргариро тасниф диҳед.*
*2. Маҳсулоти ороишӣ чӣ гуна бастабандӣ карда мешаванд?*
*3. Хусусиятҳои касби заргариро шарҳ диҳед.*
*4. Навъҳои маҳсулоти ороиширо номбар кунед.*

**Қолинбофӣ**

Ҳунари қолинбофӣ дар асри XVII ба вуҷуд омада, аслан дар Эронзамин, Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ривоҷ ёфтааст. Бо қолин хонаро гарм мекарданд, оро медоданд. Ба касби қолинбофӣ асосан занҳо машғул мешуданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба рушди қолинбофӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2014 барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 қабул шуд. Барномаи мазкур рушди соҳаи қолинбофиро дар кишвар тавассути истифодаи технологияи нав ва муҳайё кардани ҷойи нави кор дар бар мегирад.

Касоне, ки ба ин касб машғул мешаванд, бояд таҷҳизоти коргоҳи қолинбофӣ, технологияи қолинбофӣ, расмкашӣ, нақшофарӣ, асосҳои соҳибкорӣ ва дигар талаботи касби қолинбофиро донанд ва риоя кунанд.

*1. Дар бораи қолинбофӣ ҳамчун касб чиро медонед?*
*2. Кадом маснуоти қолинбофиро медонед?*
*3. Қолини патдор аз бепат чӣ фарқ дорад?*
*4. Нахи табиӣ чист?*
*5. Нахи сунъӣ чист?*
*6. Тарзи нусхабардории гулҳои ба талаботи бозори имрӯза ҷавобгӯ аз чӣ иборат аст?*
*7. Нақшу нигори геометрӣ чист?*
*8. Дар бораи техникаи нисбатан маъмули қолинбофӣ чиро медонед?*

**Пардозгар**

Ҳар як давраи таърихӣ ба касби пардозгар ё ороишгари мӯй талаботи махсус дорад, ки ороишгарон вобаста ба он хусусиятҳои худро ворид мекарданд. Масалан, сокинони Мисри араби қадим яку якбора якчанд парикро мепӯшиданд, занон мӯйҳояшонро зери китфпӯш панаҳ мекарданд.

Мутахассиси ороиши мӯй асосан ба ороиши мӯй сарукор дорад. Кори ороишгари мӯй хидматрасонӣ оид ба кӯтоҳ, ранг кардани мӯй, ороиш ва ба тартиб даровардани он ва корҳои дигар мебошад. Ороишгари мӯй бояд аз технологияи муосири ороишӣ огоҳ бошад. Мутахассисон – ороишгарони мӯй дар бозори кор талабгори зиёд доранд. Аз ин рӯ, онҳо бояд аз интихоби тарзи ороиши мӯй, шустушӯ, қайчӣ задан, тарзи ба тартиб даровардани мӯй, ранг кардани мӯй бо истифода аз усулҳои химиявӣ ва электрикӣ тағйир додани шакли мӯй, нигоҳубини он (солимгардонӣ: табобат, масҳ, ниқобҳои гуногун ва ғайра) ба таври васеъ истифода бурда тавонанд.

*Сифатҳои муҳимми касбии соҳа* – қобилияти инкишофи чолокии даст, қобилияти ба як объект дуру дароз кор кардан, қобилияти бадеӣ, пуртоқатӣ ба садоҳои баланд ва пуртоқатии ҷисмонӣ мебошад. Дар баробари шавқу майл, боз пуртоқативу покизакорӣ, эҷодкориву дақиқкорӣ, серғайратӣ, боодобӣ ва дар муносибат бо одамон меҳрубонӣ – хусусиятҳои хос ва муҳимми ин касб мебошанд.

Мутахассисони ороиши мӯй дар толорҳои зебоӣ, хонаҳои мӯд ва утоқҳои алоҳидаи корхонаю ташкилотҳо фаъолият мекунанд.

Мутахассиси соҳаи ороиши мӯй бояд донишҳои хуби химиявӣ дошта бошад, таркиб ва хусусияти моддаҳои химиявӣ, меъёри харҷи моддаҳои химиявӣ, вақт барои иҷрои кор, технологияи муосири тағйир додани мӯй (ҳамвор, ороиш ё ҷингила кардан)-ро хуб донад.

Дар ҷомеа мутахассисони соҳаи ороиши рӯй, нохун, пардози чеҳра низ ба таври васеъ талабгор доранд. Ороишгар мутахассиси соҳаи оро додани рӯй ва нохун, сохтани образ бо ёрии воситаҳои ороишдиҳандаи санъати ороишӣ мебошад. Вази-

фаи асосии ороишгар на танҳо сохтани образи муайян, балки махсус қайд кардани эътибору обрӯйи инсон ва пинҳон кардани норасоиҳои ҷисмонии ӯ низ мебошад. Бо рӯй ва нохуни инсон кор карда, ороишгар бояд махсусиятҳои табиии муштариро ба назар гирад, донад, ки чиро бо ёрии ороиш додан ошкор ва чиро пинҳон бояд кард. Мутахассис бояд донад, ки кадом ранг ва таркиб ба тарҳи сару либос ва симои муштарӣ, фасли сол ва ҳодисаву чорабинӣ мувофиқат мекунад. Ороишгар рассом аст, вале ӯ дар коғаз не, дар чеҳраи инсон «расм мекашад». Ороишгар шахсест, ки малҳам, махсусияти пӯстро медонад, ӯ на танҳо оро дода метавонад, балки мутахассиси ороиш аст. Ороишгарон рассоми сарулибос низ мебошанд.

Ғайр аз ин, ороишгар бояд пеш аз ҳама, равоншинос бошад. Ӯ бояд дар як вақти кӯтоҳ рӯҳу равони муштариро эҳсос кунад ва ба ӯ беҳтарин чизеро пешниҳод кунад, ки муштарӣ онро қабул карда тавонад. Агар шахс инсондӯст, хушахлоқ набошад, диққатро ба худ ҷалб накунад, шояд ороишгари хуб шуда натавонад. Ороишгар бояд технологияи ороишӣ, кори ороишӣ, психология, санъати тасвирӣ, химия, биология ва анатомияро то андозаи зарурӣ бидонад. Ороишгари мӯй ва нохун метавонад дар толорҳои зебои ширкатҳои мӯд, киностудия, телевизион, театр ва дигар ҷойҳо кор кунад.



*1. Моҳият ва аҳамияти иҷтимоии касби ороишгари мӯй аз чӣ иборат аст?*

*2. Нақши истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти касбии ороишгари мӯй дар чист?*

*3. Ҷиҳози устохонаи кории ороишгари мӯй аз кадом таҷҳизот иборат аст?*

*4. Оё технологияи ба таври химиявӣ тағйир додани ранги мӯйро медонед?*

*5. Қайчӣ кардан ва ба тартиб даровардани мӯй чӣ тавр амалӣ карда мешавад?*

**Пешхидмат**

Пешхидмат корманди қаҳвахона, ошхона ва ё тарабхона буда, ба муштариён хидмат мерасонад. Пешхидматӣ кори одӣ нест, балки ин мутахассис бояд дорои хусусиятҳои хос бошад. Пешхидмат бояд аз муштариён фармоишро дар сатҳи зарурӣ қабул кунад ва ба онҳо хидмати дуруст расонда тавонад. Муштариён гуногун мешаванд, бояд пешхидмат дар ҳама ҳолат пуртоқат ва бомулоҳиза бошад.

Аслан дар ин касб бояд писарон кор кунанд. Музди кори пешхидмат дар каҳвахона, ошхона ва тарабхона ба таври гуногун пардохт карда мешавад.

Касоне, ки мехоҳанд касби пешхидматро интихоб кунанд, метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, марказҳои омӯзиш ва курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ ин ихтисосро аз худ кунанд. Рӯзи кории пешхидмат хеле барвақт оғоз шуда, баъзан шабона низ кор кардан пеш меояд, махсусан дар рӯзҳои истироҳат ва ҷашну идҳо.

**Менеҷери тарабхона**

Менеҷер шахсест, ки бояд самтҳо ва паҳлуҳои мухталифи истеҳсолотро донад, идора ва назорат кунад, яъне менеҷер роҳбарест, ки барои кори самараноки самти муайяни фаъолият масъул аст.

Менеҷер дар фаъолияти худ ва идоракунии муассиса бояд кормандони касбиро ҷалб карда тавонад ва мунтазам онҳоро ҳавасманд кунад. Ин касб аз ҷиҳати эҷодкорӣ хеле шавқовар аст. Менеҷер бояд ташкилотчӣ, таҳлилгар, дақиқкор, пуртоқат, хушмуомила, меҳнатдӯст, зирак, уҳдабаро, мустақил ва ғайра бошад.



*1. Менеҷер кист?*
*2. Вазифаҳои менеҷер аз чӣ иборат аст?*
*3. Фаъолияти менеҷер дар куҷо ба роҳ монда мешавад?*
*4. Хислатҳои муҳимми касби менеҷер кадомҳоянд?*



**Барои ин қабл аз ҳама касбро бояд дуруст интихоб кард.**

- Имрӯз дар олам бештар аз 50000 касб мавҷуд аст.
- Ба ин анбӯҳи касбҳо сарфаҳм рафтан муҳим аст.
- Муҳтавои касбҳои гуногунро фаҳмидан лозим.
- Талабҳое, ки онҳо дар назди инсон мегузоранд.
- Ба инобат гирифтани майлу хоҳиш, қобилият ва имконияти худ.

## 14. ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ

– нонпаз;
– қаннод;
– ошпаз;
– технологи истеҳсоли консерва;
– технологи истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширу ҷурғот.

Омода кардани хӯрок дар тамоми давру замон маъмул буда, сирру асрори худро дорад. Истеҳсолкунандаи маҳсулоти хӯрокворӣ мутахассисест, ки донишу маҳорат, малака, технологияи омода кардан ва эҷодкорӣ дорад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ ба бунёди корхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ширинию қаннодӣ, меваю сабзавот ва зиёд кардани масоҳати гармхонаҳо, марказҳои логистикӣ, инчунин сардхонаҳои ҳозиразамон барои нигоҳдории меваю сабзавот диққати махсус дода мешавад.

Дар шароити мусоиди табиии кишварамон имконияти таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, яъне ҳалли масъалаи амнияти озуқаворӣ мавҷуд аст. Вале дар танзими фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ фаъолияти мутахассисони касбӣ бисёр муҳим ва зарур аст. Мутахассисони касбӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҷавонони боғайрату босалиқа ва донандаи технологияи муосир омода карда мешаванд. Онҳо заминаи донишҳои касбиро аз муассисаи таҳсилоти умумӣ гирифта метавонанд. Бинобар ин шумо – ҷавонон бояд ба ги-

рифтани донишҳои зарурӣ кӯшиш карда, малакаҳои ибтидоии кориро аз омӯзгорон биомӯзед, зеро ин маълумот дар оянда барои шумо ба кор меояд.

**Касби қаннодӣ**

**Қаннодӣ** истеҳсоли яке аз намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ буда, устоҳои моҳир дар ҳамаи давру замон маҳсулоти онро дар шаклҳои гуногун, бо таъми хос тайёр мекунанд. Қаннод аз калимаи арабии «қанд/қаннодӣ) гирифта шуда, маънои ҳалвогар, қандсоз, ширинипаз, ҳалво ё ширинифурӯшро дорад. Дертар ин калима ба Аврупо гузашта, дар шакли итолиёии «кандиере» ба кишварҳои дигар паҳн шудааст. Аврупоиҳо дар асри XVII маҳсулоти қаннодиро «кандир» нею «кондитер» номиданд, ки то имрӯз маъмул аст. Ҳангоми кофтукови бостоншиносӣ дар Мисри қадим намудҳои шириниҳое пайдо шуданд, ки аз хурмо сохта шуда буданд. Талабот ба қаннодӣ ҳама вақт дар инсонҳо ва ҷомеа вуҷуд дорад. На ҳама кас қанноди хуб шуда метавонад, зеро ин касб махсусияти худро дорад, ки пеш аз ҳама ба завқи баланд ва бадеии инсон вобаста аст.

Касби қаннодиро дар муассисаҳои махсуси касбӣ омӯхтан мумкин аст. Ғайр аз ин дар маҳалҳо, марказҳои касбомӯзӣ, муассисаҳои таълимӣ курсҳои омӯзишӣ ташкил карда шудаанд, ки барои хоҳишмандон касби қаннодиро меомӯзанд.



1. *Аҳамияти касби қаннодиро дар чӣ мебинед?*
2. *Махсусияти касби қаннодӣ дар чӣ зоҳир мешавад?*
3. *Санъати ороиши кулчақанд чӣ гуна аст?*
4. *Роҳҳои рушди малакаҳои асосии даромади молӣ ва ороиш додани кулчақанд чӣ тавр ташаккул дода мешавад?*
5. *Мастер-класс чист?*

**Ошпаз**

Ошпаз шахсест, ки ба омода кардани ғизо дар корхонаҳои хӯроки умумӣ машғул мешавад. Ошпаз бояд пеш аз ҳама кори худро дӯст дорад ва дар баробари ин соҳиби маҳорати хуби технологияи омода кардани хӯрок бошад. Ошпазҳо

на танҳо дар тарабхонаю ошхонаҳо заруранд, инчунин дар боғчаҳои бачагона, мактаб ва беморхона ва дигар муассисаҳои хидматрасонӣ низ фаъолият мекунанд.

Баъзе одамон бар ин ақидаанд, ки ошпазӣ кори осон аст ва ҳеҷ мушкил надорад. Дар асл ин касб аз инсон истеъдод, ҳиссиёти таъм ва маҳорати махсусро талаб мекунад. Ошпази моҳир бояд бодиққат, дақиққор ва хотираи қавӣ дошта бошад.

Ошпазӣ касби душвор аст. Баъзан соатҳои дароз, то нисфи шаб дар ҳолати омодагӣ буда ва бодиққат кор кардан лозим мешавад. Ғайр аз ин барои дар шароити ошхонаи гарм кор кардан бояд саломатии хуб дошта бошад. Иҷрои ин касб сарбории ҷисмонию равонӣ ва масъулияти баланд дорад.

Хоҳишмандон ин касбро метавонанд дар литсей, коллеҷҳои касбӣ, марказҳои касбомӯзӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ аз худ кунанд. Мутахассиси ин касб бояд дар соҳаи физиология, химия, санъати тасвирӣ дониши зарурӣ, инчунин ҳиссиёт ва завқи баланди бадеӣ дошта бошад.

**Ошпаз-қаннод** ба омода кардани навъҳои гуногуни ширинӣ машғул мешавад.

**Ошпаз-технолог** ашёи хомро қабул мекунад, сифати онро назорат, теъдоди зарурии маҳсулотро ба ҳисоб мегирад, инчунин ғизонокии маҳсулоти хӯрокиро назорат мекунад.

**Сарошпаз** вазифаи маъмурӣ ва дар айни замон вазифаи ошпазиро иҷро мекунад. Ӯ дар баробари тартиб додани рӯйхати хӯрокҳо, барои таҳияи ғизо мавод дархост ва омода мекунад, кори ошпазонро сардорӣ ва назорат мекунад. Сарошпаз мутахассиси сатҳи баланд буда, бояд бодиққат, пухтакор ва зираку ҳушёр бошад.

Касби ошпазӣ ба соҳаи хидматрасонӣ марбут аст. Соҳиби ин касб метавонад дар комбинати ғизо, фабрикаи қаннодӣ ва заводу корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳамчун ошпази хусусӣ кор кунад.

*1. Соҳаи фаъолияти ошпазро номбар кунед.*

*2. Шакл ва салоҳияти фаъолияти касбии ошпаз дар чӣ ифода меёбад?*

*3. Қоидаҳои беҳдоштӣ ва санитарӣ дар корхонаҳои хӯроки умумӣ аз чӣ иборат аст?*

*4. Қоидаҳои омода кардани ғизо кадомҳоянд?*

## 15. ТЕХНОЛОГИ ИСТЕҲСОЛИ ШИР ВА МАҲСУЛОТИ ШИРУ ҶУРҒОТ

Шир ва маҳсулоти ширӣ дар қатори дигар маҳсулоти хӯрокворӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Табиби машҳури олам Абӯалӣ ибни Сино ширро ҳамчун маҳсулоти шифоӣ, махсусан барои кӯдакони заиф эътироф кардааст. Нахустин мазае, ки кӯдаки навзод эҳсос мекунад, мазаи шир аст. Олимони рус И. П. Павлов ва С. П. Боткин низ бар ин ақидаанд, ки шир маҳсулоти беҳтарини табиӣ буда, барои меъда, гурда ва ҷигари бемор беҳтарин ғизо ба шумор меравад. Букрот онро барои беморони сил тавсия додааст. Таркиби шир зиёда аз 300 моддаи фоидаовар дорад.

**Технологи маҳсулоти ширӣ**

Технологи истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширу ҷурғотро мутахассиси зарурӣ ва серталаб шуморидан мумкин аст. Бар дӯши мутахассисоне, ки бо маҳсулоти шир сару кор доранд, масъулияти баланд меистад. Мутахассисоне, ки дар ин соҳа кор мекунанд, бояд хусусияти ширро аз микробиология то махсусиятҳои раванди технологии фаъолият хуб бидонанд.

Технологи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ раванди истеҳсоли шири пастеризатсияшуда, маҳсулоти ширу ҷурғот, творог, сметана, қаймоқ, панир ва консерваҳои шириро пеш мебарад ва корро дар корхонаҳои ширӣ ташкил карда, ба он роҳбарӣ мекунад. Маҳорати касбӣ ва донишҳо ба технолог имкон медиҳанд, ки ба дигаргуншавии ҳолатҳои истеҳсолӣ зуд мутобиқ шуда, дар амалиёти гуногуни истеҳсоли маҳсулоти ширӣ тағйирёбиро таъмин кунад.

– радиофизика, микро ва наноэлектроника;
– техникаи ҳисоббарор. Воситаҳои математикӣ ва барномасозӣ;
– автомобил, трактор, воситаҳои нақлиёти рӯйизаминӣ;
– челонгари таъмири автомобил;
– нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, обӣ;
– металлургия ва энергетика

Ҷомеаи муосирро бе техника, механизм ва асбобҳои гуногуни техникӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Тамоми истеҳсолоти саноатӣ ба истифодаи техника вобаста аст. Ҳатто корҳои хонаву рӯзгордориро бе техникаи ёрирасон, ба монанди чангкашак, мошини либосшӯйӣ, комбайнҳои ошхона, печҳои гуногун, дарзмол ва даҳҳо намуди дигар тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳама намуди техника нигоҳубин, таъмир ва хидматрасониро талаб мекунад.

Табиист, ки дар шароити имрӯза пешрафт ва бойигарии кишварҳоро на аз рӯйи шумораи аҳолӣ ва захираву сарватҳои табиӣ, балки аз рӯйи қобилияти зеҳнӣ, сатҳи маърифат ва огоҳиву дастрасӣ доштани аҳолӣ ба техникаву технологияҳои муосир ва истифодаи самараноки онҳо муайян мекунанд. Вобаста ба пешрафти босуръати илму техника бо донишҳои муосири илмиву техникӣ мусаллаҳ гардонидани ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи онҳо дар рушди ҷомеа ва давлат омили асосии рушди иқтисодии кишвар мегардад.

**Касби челонгарӣ**

Касби челонгарӣ пешаи маъмул аст ва челонгарон барои истеҳсолот заруранд. Челонгар ба монтаж, васлкунӣ, танзим, ба кор андохтан ва ташхиси механизмҳо сарукор дорад. Челонгар бояд донишҳои соҳаи физика, химия, технологияи истеҳсолӣ, хусусияти металҳо, равғанҳои молидании зиддикоррозия ва дар айни замон техникаи бехатариро риоя карда тавонад.

Ҷавононе, ки касби челонгариро интихоб мекунанд, бояд саломатии хуби қалб, системаи буғумҳо ва роҳи нафас, биниши хуб, қувваи ҳофиза дошта бошанд.

Касби челонгарӣ дар литсейҳои касбӣ, коллеҷҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбҳои коргарӣ омӯзонда мешавад. Челонгар бояд бо асбобҳои касбӣ дуруст муносибат карда тавонад, шустушӯй ва тоза кардан, муайян кардани нуқсонҳо, таъмир, васлкунии онҳоро донад, омода кардани таҷҳизот, асбобу анҷом, дастгоҳҳо ва дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани онро риоя кунад.



*1. Дар бозори меҳнати дохилӣ бештар ба кадом касбҳои коргарӣ ниёз ҳаст?*
*2. Челонгарӣ чӣ гуна касб аст?*
*3. Барои челонгар шудан кадом фанҳои таълимиро бояд донист?*
*4. Мутахассисони соҳаи челонгарӣ дар куҷо омода карда мешаванд?*

## АВТОМОБИЛ, ТРАКТОР, ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ РӮЙИЗАМИНӢ, НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН, ҲАВОӢ, ОБӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон диёри кӯҳсор буда, 93 дарсади онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ муҳим буда, омили асосии пешрафти иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Ба ҷумҳурӣ тавассути роҳҳо аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва хориҷаи дуру наздик мол ва таҷҳизоти ниёзи мардум бо воситаҳои нақлиёти боркашон оварда мешавад. Дар солҳои истиқлолият масъалаи таҷдиду бунёд ва ба истифода супоридани роҳҳои мошингард рушд ёфта, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуд.

Азнавсозии шоҳроҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода, шоҳроҳи Айнӣ – Панҷакент, шоҳроҳи Душанбе – Лахш – марзи Қирғизистон, роҳи мошингарди Восеъ – Ховалинг, роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа аз ҷумлаи дастовардҳои

ҷумҳурӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишварамон мебошад. Роҳи мошингарди Душанбе – Кӯлоб – Қалъаихумб – Хоруғ – Кулма ҷавобгӯ ба сатҳи байналмилалӣ буда, мавриди истифодаи аҳолӣ қарор дода шудааст. Роҳҳо имконият медиҳанд, ки ҷумҳурӣ пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ бароварда шуда, дар ҳама мавсимҳои сол робита ба гӯшаҳои дурдасти кишвар барқарор карда шавад.

Барои рушди босуръати сохтмони роҳҳо мутахассисони касбии ватанӣ лозиманд. Меҳри касби роҳсозӣ асосан дар раванди таълим ва шиносоӣ бо нозукиҳои касб, тавассути машварату маълумот пайдо мешавад. Барои роҳсозон, муҳандисони роҳсоз донишҳои амиқи математикӣ, физикиву химиявӣ ва табиатшиносӣ муҳим аст.

## МЕТАЛЛУРГИЯ ВА ЭНЕРГЕТИКА

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёмаш (2016) иброз доштааст: «Тавре ки таъкид шуд, инкишофи соҳаи саноат, дар навбати аввал, аз истеҳсоли неруи барқ вобаста мебошад. Вале бояд гуфт, ки то ба имрӯз ҳаҷми неруи барқи дар кишвар истеҳсолшаванда барои таъмин кардани инкишофи устувори иқтисодиёт кифоят намекунад. Аз ин хотир, моро лозим аст, ки дар баробари ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсоли неруи барқ истифодаи самараноки онро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда, махсусан, ба истифодаи техникаву таҷҳизоти каммасрафи барқӣ аҳамияти аввалиндараҷа диҳем».

Дар ҷумҳурӣ соли 2016 бояд дар ҳаҷми 300 мегаватт иқтидорҳои иловагии энергетикӣ ба истифода дода шаванд ва иқтидорҳои нави саноатӣ дар ҳаҷми 350 мегаватт ба нақша гирифта шуда, бояд ба кор дароварда шаванд.

Кишвари мо дорои захираҳои фаровони об мебошад, ин имконият медиҳад, ки тавассути мутахассисони касбӣ дастрасӣ ба энергия дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувори ҷомеа, хусусан дар минтақаҳои кӯҳистон, яке аз масъалаи муҳимтарини рӯз мебошад.

Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ аст. Ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва сармояи хориҷӣ маблағҳои зиёдро равона ва пайи татбиқиислоҳоти энергетикӣ сарф мекунад.

Дар ҷумҳурӣ сохтмону таҷдиди иншооти энергетикии зиёд ба нақша гирифта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки аҳолӣ ва соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллиамон пурра бо барқ таъмин шуда, барои содироти неруи барқи зиёдатӣ дар фасли тобистон ба кишварҳои минтақа шароит фароҳам оварда шавад. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда омода кардани мутахассисони касбӣ аз ҳисоби ҷавонони кишвар, ки донандаи технологияи муосир ва донишҳои амиқи соҳавӣ мебошанд, муҳим аст. Барои мутахассиси хуби касбии соҳаи энергетика шудан муҳим аст, ки фанҳои табиатшиносӣ, физика, химия, математика, нақша, технологияи информатсионӣ, биология, технология ва дигар фанҳо дуруст омӯхта шаванд.

## 17. КАФШЕРГАРИ ГАЗИЮ БАРҚӢ

**Кафшергарӣ**

Дар шароити имрӯза рушди шаҳрҳоро бе хонаҳои баландошёна ва биноҳои маъмурӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Сохтмони биноҳои баландошёнаро бе корҳои кафшергарӣ анҷом додан аз имкон берун аст. Касби кафшергарӣ пайваста рушд карда, моҳияти иҷтимоии он афзоиш мeёбад. Дар бозори кор талабот ба кафшергарон, махсусан кафшергарони газию барқӣ рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст.

Кори кафшергари газию барқӣ аз мутахассисон омодагии хуби физикиро талаб мекунад. Биниши хуб, тафаккури техникӣ ва тасаввуроти фазоӣ сифатҳои хуб ва касбии кафшергар ба ҳисоб меравад.

Кафшергари газию барқӣ бояд таркиб ва усули хидматрасонии дастгоҳҳои газию барқӣ, навъҳои сим ва нақшҳои кафшергарӣ, қоидаҳои пайваст кардани симҳо, қоидаҳои техникаи бехатариро хуб бидонад.



*1. Аҳамияти риояи техникаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат дар кори кафшергарӣ дар чист?*
*2. Таҷҳизотеро, ки дар кори кафшергарӣ истифода мебаранд, номбар кунед.*
*3. Мавқеъ ва вазифаҳои касбии кафшергар аз чӣ иборат аст?*
*4. Сифатҳои шахсии кафшергарро номбар кунед.*
*5. Барои кафшергари хуби касбӣ шудан аз худ кардани кадом корҳо муҳим аст?*

## 18. ФЕРМЕР-СОҲИБКОР

– чорводорӣ;
– занбӯриасалпарварӣ;
– тракторчӣ-машинист;
– кишоварз

**Фермерӣ – соҳибкорӣ**

Соҳаи фермерӣ-соҳибкорӣ яке аз соҳаҳои муҳим, даромаднок буда, дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо рушд карда, дар пешравии ҳаёти ҷомеа, баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат нақши худро дорад. Таҳлили ҳайати синнусолии соҳибкорони инфиродӣ нишон медиҳад, ки аз 189 ҳазор субъекти дар ин самт фаъолияткунанда қариб 51 ҳазори онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Дастгирии давлатии ҷавонони соҳибкор тадриҷан афзоиш ёфта, бо ин мақсад аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳандаи мамлакат ба соҳибкорони ҷавон бо фоизи кам маблағҳои зарурӣ карз дода мешавад.

Ташкили ҷойи нави кор, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, омода кардани коргарони соҳибмалака ва маҳорати баланди касбӣ, тафаккури муосири техникӣ-иқтисодии рушдёфта, аз ҷиҳати равонӣ ва ҷисмонӣ солимии рӯҳу тан хоси коргарони соҳаи соҳибкорӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ирти-

бот ба ин масъала қайд кардааст; «Таваҷҷуҳи соҳибкорони ватанӣ ба бунёди корхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир оид ба коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, зиёд кардани масоҳати гармхонаҳо, марказҳои логистикӣ, инчунин сардхонаҳои ҳозиразамон барои нигоҳдории меваю сабзавот равона карда шавад». Воқеан тибқи дастури мазкур садҳо соҳибкорони ватанӣ барои бунёди корхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияи муосир саҳм гузошта, барои шаҳрвандон ҷойҳои кори нави доимӣ муҳайё сохта истодаанд. Ҳамин тавр, солҳои охир афзоиши солонаи истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ зиёд шуда, ба ҳисоби миёна беш аз 7 фоиз ва дар соли 2015-ум 3,2 фоизро ташкил дод. Барои зиёд ва хушсифат шудани маҳсулоти бозори дохилии кишвар мутахассисони баландихтисос ва донандаи донишҳои касбӣ ва муосиру техникӣ зарур аст. Аз ин ҷо барои омода кардани мутахассисон ба истеҳсолот аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавассути аз бар кардани барномаи давлатӣ бояд заминаи ибтидоӣ гузошт. Ҷавонон бояд донанд, ки омодагии касбӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқ пеш аз ҳама аз инсон қобилияти баланди истифода карда тавонистани таҷҳизоти техникӣ ва технологияи нав, навоварӣ ва ихтироъкориро тақозо карда, дар ин замина рушди хислатҳои тоқатпазирӣ, меҳнатдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ барои инсон, хусусан ҷавонон муҳим аст. Дар шароити имрӯза захираҳои бозори истеъмолии кишвар аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ғанӣ шуда, талаботи мардум бо маҳсулоти худ қонеъ гардонида мешавад. Аз ин ҷо, рӯ овардан ба соҳибкорӣ, таъсиси хоҷагиҳои соҳибкорӣ ва муассисаҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки сатҳи зиндагӣ баланд ва бозори дохилии кишвар бо маҳсулоти босифат ғанӣ гардонда шавад. Барои соҳибкори хуб шудан ҷавононро зарур аст, ки ба асосҳои соҳибкорӣ ва гирифтани донишҳои муҳимми мувофиқ ба касб талош кунанд. Донишҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ асоси фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳад.

Соҳаи соҳибкорӣ манбаи тиҷорат буда, даромади устувор меорад. Дар шароити имрӯза барои омода кардани касбҳои фермерӣ-соҳибкорӣ диққати махсус дода мешавад. Тавассути курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо савияи дониш ва малакаю маҳорати касбии соҳибкорон такмил дода мешавад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати дастгирии соҳибкорон ва ҷудо кардани имтиёз барои рушди соҳибкорӣ қайд кардааст: «Давлат ва Ҳукумати кишвар таъмин намудани пешрафти соҳаи соҳибкориро яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти худ қарор дода, барои дастгирии соҳибкорон, таъмини шароити мусоиди ташаккули соҳа тавассути муқаррар кардани имтиёзҳои мухталиф дар соҳаи андозбандӣ, пардохти боҷи гумрукӣ, ҷорӣ намудани мораторий барои санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ тамоми чораҳои заруриро амалӣ месозад.

Бо мақсади рушди соҳибкории хурду миёна ва дастрасии соҳибкорон ба захираҳои қарзӣ мо аз ҳисоби буҷети давлатӣ Фонди дастгирии соҳибкориро таъсис додаем».

Дастуру таъкидҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи соҳибкорӣ дар кишвар шароит ва заминаи мусоид гузошт ва ҷалби ҷавонону хоҳишмандонро барои фаъолият дар ин самти хоҷагии халқ зиёд кард.

**Занбӯри асалпарварӣ**

Соҳаи занбӯри асалпарварӣ дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар хеле рушд карда, шахсони инфиродӣ ва корхонаҳои хусусии ватанӣ ба соҳаи занбӯри асалпарварӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, ба рушди он диққати ҷиддӣ медиҳанд.

Маҳсулоти асосии занбӯри асал – асал буда, дигар маҳсулоти он ба монанди мум, гарди гул ва заҳри занбӯр дар илми тиб ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Бори аввал соли 1814 занбӯрпарвари рус П.И. Прокопович усули дар қуттӣ парвариш кардани занбӯрро ҷорӣ карда буд. Занбӯрпарвари австриягӣ Додана Блата чорчӯбаи қуттии занбӯрро ихтироъ кардааст. Занбӯрпарвари олмонӣ Иоҳан Меринг мумвараќи хонаи занбӯрро соли 1857 ихтироъ кардааст.

Дар Тоҷикистон аввалин қуттиҳои занбӯри асал дар охири асри XIX пайдо шудааст. Ҳоло дар кишвари мо занбӯри асалпарварӣ хеле рушд кардааст.

Занбӯрҳо одатан аз нимаи дуюми моҳи феврал ба кор шурӯъ мекунанд. Дар давраи омодагӣ занбӯрпарварро зарур аст, ки асбобу анҷоми корӣ, чорчӯба, мумварақ, доруворӣ ва маводди хӯрокии занбӯрро омода кунад. Ҳамин ки ҳарорати ҳаво аз $12^{0}$С боло шуд, кори занбӯрҳо оғоз меёбад. Занбӯрпарвар бояд ба хӯрокдиҳӣ, беҳтар кардани шароити тухмгузории модарзанбӯр, тарзу усули зиёд кардани оилаҳои занбӯр, пешгирӣ кардани роҳҳои фирори занбӯрҳо, пешгирии беморӣ тадбирҳои амалӣ биандешад.

Доираҳои гуногуни аҳолӣ, касоне, ки ба занбӯрпарварӣ шавқу ҳавас доранд, ҷавонон, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилот метавонанд ба занбӯрпарварӣ машғул шаванд.

Ҷавононе, ки мехоҳанд ба ин кор машғул шаванд, барояшон доштани донишҳои заминавии фанҳои ботаника, биология, анатомия, химия, математика, технология ва ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва расонида тавонистани ёрии аввалияи тиббӣ ҳатмист.



*1. Фермер кист?*
*2. Хусусияти хоси касбии соҳибкориро шарҳ диҳед.*
*3. Зарурати рушди соҳибкорӣ дар ҷомеа аз чӣ иборат аст?*
*4. Донишҳои зарурӣ ва ҳатмии соҳибкорӣ дар заминаи омӯзиши кадом фанҳо рушд меёбад?*
*5. Занбӯри асалпарварӣ чӣ гуна шуғл аст?*
*6. Хусусиятҳои хоси рушди ин соҳа аз чӣ иборат аст?*
*7. Техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо занбӯр чӣ гуна аст?*
*8. Занбӯрпарварии фардӣ чист ва он чӣ тавр ба роҳ монда мешавад?*

**Тракторчӣ-машинист**

*Тавсифи касб.* Тракторчӣ-машинист техникаеро идора мекунад, ки дар кишоварзӣ ва саноат истифода бурда мешавад.

Фаъолияти тракторчӣ-машинист аз худ кардани донишҳоро дар соҳаи физика, биология, геометрия, технология, назарияи мошин ва механизмҳо, металшиносӣ, агротехника, истифодаи асбобҳои челонгарӣ, таҷҳизоти барқӣ талаб мекунад.

*Шаклҳои фаъолият.* Ба тракторчӣ-машинист ғайр аз идора кардани техника, инчунин назорат кардани ҳолати техникии ҷузъ ва қисмҳои мошин лозим аст. Ӯ бояд таъмири ҷориро анҷом дода тавонад ва азназаргузаронии техникии мошинҳоро сари вақт гузаронад.

*Ҷойи кор.* Тракторчӣ-мошинист яке аз касбҳои серталаби соҳаи кишоварзӣ ва саноат ба шумор меравад. Тракторчӣ-мошинист шаклҳои гуногуни трактор ва мошинҳои боркаш ва дигар намуди воситаҳои техникиро идора мекунад.

Дар бозори меҳнат талабот ба касби тракторчӣ-мошинист баланд шуда истодааст ва шавқу завқи ҷавонон ба ин касб торафт афзоиш меёбад.




**Кишоварз**

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии қишлоқ ба шумор меравад, зеро маҳсулоти кишоварзӣ барои рушду такомули зеҳниву ҷисмонии инсон ғизои муҳим аст. Дар маҳсулоти кишоварзӣ теъдоди муайяни моддаҳое, ки барои

саломатии инсон ва фаъолияти ҳаётӣ заруранд, маҳфуз аст. Бинобар ин, кишоварзон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар мустаҳкам шудани солимии ҷомеа мавқеи арзанда ишғол мекунанд.

Фаъолияти кишоварзӣ ҷанбаҳои эҷодӣ низ дорад, ки аз мутахассис маҳорати пешгӯйӣ кардани таъсири шароитҳои душвору гуногуни табиатро барои рушди рустаниҳо ва ба таври фаврӣ пешгирӣ ва бартараф кардани онҳо тақозо мекунад.

Кишоварз бояд соҳаҳои биология ва физиологияи рустаниҳо, махсусиятҳои зироатҳои сабзавотӣ, маҷмӯи шароитҳои барои рушди рустаниҳо мусоидро бидонад. Натиҷаи кори кишоварз аз ҳарорати ҳаво, равшанӣ, обтаъминкунӣ, моддаҳои ғизоӣ, инчунин равандҳои микробиологии хок, зараррасонҳо ва бемориҳои сабзавот вобаста мебошад.

## 19. МУҲОСИБ

– муҳосиби донандаи компютер;
– баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит;
– андоз ва андозбандӣ;
– кори бонкӣ;
– иқтисоди байналмилалӣ;
– молия;
– менеҷмент;
– менеҷер

**Муҳосиби донандаи компютер**

Муҳосиб шахсест, ки мутахассиси соҳаи муҳосибот буда, дар соҳаи ҳисобу китоби молию пулӣ фаъолият мекунад.Дар муассисаҳо муҳосибон дар самтҳои хазина, воситаҳои асосӣ, амалиёти пулӣ, ҳисоби музди кор фаъолият мекунанд.

Соҳаи асосии фаъолияти муҳосиб бо донистани компютер аз ташкил ва пешбурди ҳисоби муҳосибӣ ва молиявӣ, ҳисоботи молиявӣ-хоҷагидорӣ, назорати истифодаи сарфакоронаи захираҳои молӣ, пулӣ ва корӣ, ҳифзи моликияти ташкилоту корхона иборат аст.

Ба кори муҳосиби донандаи компютер дар бозори меҳнат

талабот зиёд аст, ки асоситарини онҳо аз баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, арзишҳои моддӣ, ҳисобӣ кардан бо молтаъминкунандагон ва фармоишгарон, ҳисоб кардани музди кор, ҷудо кардани андоз ва ғайра иборат аст. Рӯзи кори муҳосибон тибқи меъёр ба роҳ монда мешавад. Муҳосибон метавонанд дар корхонаҳои давлатии соҳа ва хоҷагии гуногун (саноат, сохтмон, кишоварзӣ, соҳаи хидматрасонӣ, корхонаҳои хусусӣ) фаъолият кунанд.



*1. Фаъолияти муҳосиб аз иҷрои кадом вазифаҳо иборат аст?*
*2. Муҳосибон дар куҷо фаъолият карда метавонанд?*
*3. Сифатҳои шахсии муҳосиби донандаи компютерро номбар кунед.*
*4. Махсусияти касби муҳосиби донандаи компютер дар чӣ ифода меёбад?*

## 20. ҲУҚУҚШИНОСӢ

– ҳуқуқи байналмилалӣ;
– ҳуқуқи иқтисодӣ;
– фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.

**Ҳуқуқшиносӣ**

Ҳуқуқшиносӣ касбест, ки бо инсон ва арзишҳои ҳуқуқию ахлоқии ӯ, арзишҳои ҳаёти инсонӣ ва шаъну шараф, баробарӣ ва эҳтироми ҳуқуқи инсон, ҳуқуқу озодиҳои худ ва дигарон сарукор дорад. Барои ҳуқуқшинос донистани мундариҷаи ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ҳатмист. Донистани мафҳумҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «қувваи юридикӣ», «Конститутсия», «қонун», «санади зерқонун» ҳатмист. Дар ҳуқуқшинос рушд ёфтани малакаҳои таҳлилию иртиботӣ, таносуби муайян карда тавонистан, ҷамъбаст кардан, хулоса баровардан, дар команда кор кардан, нуқтаи назари мустақили худро доштан муҳим аст.

Ҷавонон бояд донанд, ки илми ҳуқуқ чист ва чаро зарурати омӯхтани ин фан барои инсон ва хусусан барои шаҳрвандони кишвари ҳуқуқбунёди демократии мо зарур аст. Ҳуқуқ гуфта, сохти дохилии ҳуқуқро мефаҳманд, ки дар муттаҳидгардонӣ ва ҷойгиркунии муттасили маводди меъёрӣ (меъёрҳо, соҳаҳо, институтҳои ҳуқуқ) ифода мегардад.

Низоми ҳуқуқ пеш аз ҳама сохти дохилии ҳуқуқ, аломати фарққунандаи низоми ҳуқуқ аз низоми қонунгузорӣ мебошад. Низоми хуқуқ дар муттаҳидгардонии маводди меъёрӣ ифода мегардад. Ин муттаҳидгардонӣ аз рӯйи аломатҳо, нишонаҳо, хусусиятҳои ба якдигар монанди маводди меъёрӣ (меъёрҳо, соҳаҳо, институтҳо) сурат мегирад.

Ҳамин тавр, ҷавонон бояд донанд, ки низоми ҳуқуқ аз се унсур иборат аст: меъёри ҳуқуқ, институти хуқуқ, соҳаи ҳуқуқ. Ин се унсур дар якҷоягӣ низоми ҳуқукро ташкил медиҳанд.

Илми ҳуқуқ аз соҳаҳои гуногун иборат аст. Ҳуқуқи маъмурӣ яке аз соҳаҳои муҳимми хуқуқ дар низоми ҳуқуқии ватаниву хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Нақши меъёрҳои он дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ниҳоят калон аст ва қариб ба ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқӣ алоқаи зич дорад, вале дар баробари соҳаи намоёни ҳуқуқӣ буданаш ин соҳаи ҳуқуқ хеле мураккаб мебошад.

**Идоракунии давлатӣ**

Ҷавонон бояд донанд, ки мафҳуми идоракунии давлатӣ дар адабиёти ватаниву хориҷӣ ва қонунгузории қисме аз давлатҳои ҷаҳон васеъ истифода мешавад. Пайдоиши ин мафҳум ба давраи ИҶШС рост меояд. Баъд аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи соли 1994 ба ҷойи ин мафҳум мафҳуми ҳокимияти иҷроия мавриди амал қарор дода шуд.

Мафҳуми идоракунии давлатиро чӣ гуна бояд фаҳмид? Асосан идоракунии давлатӣ фаъолияти зерқонунӣ аст, ки дар асоси қонунҳо амалӣ карда мешавад, яъне идоракунӣ

нисбати фаъолияти қонунгузорӣ дуюминдараҷа ҳисобида мешавад.

Идоракунӣ характери иҷрокуниву амрдиҳӣ дошта, сиёсати асосии он иҷрокунӣ буда, татбиқи қонунҳо ва санадҳои зерқонуниро амалӣ мекунад, яъне бояд донист, ки идоракунии давлатӣ як навъи идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки аз дигар навъҳои махсуси фаъолияти давлатӣ ба монанди шаклҳои фаъолияти хокимияти қонунгузор ва судӣ, назорати прокурорӣ фарқ мекунад. **Ҳокимияти иҷроия.** Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бобҳои чорум ба Президент, панҷум ба Ҳукумат ва шашум ба ҳокимияти маҳаллӣ бахшида шудааст. Ин меъёр ба моддаи нуҳуми Конститутсия асос меёбад, ки дар он оварда шудааст: «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти иҷроия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президент амалӣ мекунад.»



*1. Илми ҳуқуқ кадом соҳаҳои ҳаётро меомӯзад?*
*2. Ҳуқуқшинос кист? Вазифаи ҳуқуқшинос аз чӣ иборат аст?*
*3. Кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хусусиятҳои шаҳрванд ва инсонро медонед?*
*4. Малакаҳои касбии ҳуқуқшиносро номбар кунед?*
*5. Принсипҳои давлати ҳуқуқбунёдро номбар кунед?*
*6. Зери мафҳуми «идоракунии давлатӣ» чиро мефаҳмед?*
*7. Асосҳои меъёрии идоракунии давлатиро номбар кунед?*



**Ҳангоми интихоби касб инҳоро ба инобат гиред:**

- Шавқу ҳаваси шумо (кадом амалро дӯст медоред, кадоме аз онҳо метавонад касби шумо шавад?)
- Майл, имконият ва қобилиятҳое, ки муваффақияти корро таъмин хоҳанд кард.
- Маълумот оид ба касб.
- Имконияти тахассуси интихобкардаро соҳиб шудан (таълим).
- Имконияти кор пайдо кардан.
- Дурнамои инкишофи касби интихобшаванда.

## 21. ИДОРАИ ҚИСМҲОИ ҲАРБӢ ВА ТАЪМИНИ НАМУДИ ҚӮШУНҲО

Дар шароити ҷаҳонишавии проблемаҳо, аз ҷумла, таҳдиди хатарҳои терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои трансмиллӣ, хавфи бархӯрди тамаддунҳо, инчунин теъдоди рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон, вусъат гирифтани низоъҳои байнидавлативу байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат барои мо ҳар як шаҳрванди кишвар, хусусан ҷавонон масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад.

Дар шароити муҳим ва мушкили ҷаҳонӣ ба сохторҳои низомӣ зарур аст, ки фаъолияти худро тақвият бахшида, барои ҳифзи марзу буми кишварамон, таъмини оромию бехатарии ҷомеа ҳамеша омода бошанд. Дар баробари омодагии ҳаматарафаи ҳарбӣ масъалаи тарбия ва обутоби ҷисмониву маънавии наврасону ҷавонон муҳим аст. Ба роҳ мондани тарзи ҳаёти солим, обутоби ҷисм, далеру шуҷоъ тарбия кардани насли наврасу ҷавон вазифаи муқаддаси оила ва муассисаи таълимӣ мебошад. Дар муассисаҳои таълимӣ фанни тарби-

яи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ омӯзонда мешавад. Маҳз наврасону ҷавонон мактаби мардонагию ҷасорат, ватандӯстию ватанпарастӣ ва муқаддас будани ҳар ваҷаб хоки ватанро бояд донанд, омӯзанд ва дар зиндагии худ истифода кунанд. Хизмат ба Ватан-Модар қарзи ҳар як шаҳрванд ва ҷавонмарди асил мебошад. Ҷавонон дар давраи хидмати ҳарбӣ ҳаматарафа обутоб ёфта, мактаби ҷавонмардиро мегузаранд ва ҳушёриву зиракиро омӯхта, барои эҳтиром ва таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи суботу оромии Ватан омодагии доимӣ мебинанд. Бинобар ин, тақозо мешавад, ки ҷавонписарон хизматро дар сафҳои қувваҳои мусаллаҳи кишвар қарзи шаҳрвандии худ ҳисобида, ихтиёрона бо сари баланд ба халқу Ватан хизмат кунанд. Худро ҳаматарафа обутоб дода, барои ҳифзу ҳимояи Ватан ҳамеша омода бошанд. Ҷавондухтарон тавассути хизматрасониҳои тиббӣ, алоқа ва дигар намудҳои фаъолият метавонанд дар қисмҳои низомии кишвар сарбаландона ифои вазифа кунанд. Тайёрии касбӣ ва омодабошии низомии қисмҳои ҳарбӣ оромии Ватан, ҳар хонадон ва шаҳрванд мебошад.

*1. Инсон омодагии ҳарбии аввалияро дар куҷо мегирад?*
*2. Барои обутоби бадан чӣ бояд кард?*
*3. «Хидмат ба Ватан-Модар қарзи шаҳрвандии ҳар инсон»-ро шарҳ диҳед.*
*4. «Дӯстдории Ватан-Модар аз гаҳвора огоз меёбад». Андешаҳои шумо доир ба ин гуфтор чист?*

## 22. АМНИЯТИ ДАВЛАТӢ

Кумитаи давлатии амнияти миллӣ як ниҳоди махфӣ набуда, дар бораи фаъолияти ин ниҳод маълумот доштан муҳим аст. Кумитаи амният яке аз муҳимтарин ниҳодҳои давлатӣ ва яке аз сутунҳои асосии давлатдорист. Наврасону ҷавонон бояд дар бораи фаҳми дурусти амнияти миллӣ, зарурати таҳаввули

арзишҳо, зарурати тақвияти ин ниҳоди муҳим ва ҳамкорӣ маълумот дошта бошанд. Ин мақоми давлатӣ дар замони шӯравӣ, агарчи як идораи бисёр қавӣ ва касбиву тавоно буд, вале барои миллати мо, арзишҳои мо ва давлатдории мо худӣ набуд. Он арзишҳои моро то андозаи зарурӣ ҳимоят намекард.

Аммо имрӯз вазъият дигар аст. Мо тоҷикон давлати миллии худ ва Истиқлолияти давлатӣ дар даст дорем. Кумитаи амнияти мо низ акнун он КГБ-и ИҶШС нест, балки имрӯз вазифа ва ҳадафҳои он низ миллист, вазифааш ҳифзи давлату миллат, манфиатҳо, амният ва арзишҳои миллат аст. Ин вазифаҳо чӣ гуна иҷро мешаванд, мавзӯи баҳси дигар аст, аммо он чӣ яқин аст, акнун вазифаҳои ин дастгоҳ аз масъулиятҳои муҳимми миллӣ иборат мебошад.

Дастгоҳи амнияти миллӣ бояд он қадар касбӣ, қавӣ ва огоҳ бошад, ки битавонад, амнияту бехатарии инсон ва шаҳрвандро дар саросари кишвар таъмин кунад. Неруҳо ва қувваҳои бадхоҳи миллати мо, ки ҳадаф ва мақсади онҳо аз ҳадафу арзишҳои мардуму миллати мо фарқ доранд, нисбати миллату давлати мо пок нестанд. Онҳо ҷинояткору манфиатҷӯ ҳастанд ва барои амалӣ кардани мақсадҳои нопоки худ мубориза мебаранд, бинобар ин бояд амнияти миллии мо аз нақшаҳои бадхоҳонаи онҳо ҷилавгирӣ кунад. Аз ин рӯ, ҳар фарзанди миллат бояд бо дарки ин мавзӯъ пуштибони ҳадафҳои неку арзишҳои миллӣ бошад, бояд бо Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ҳамкорӣ кунад.

Вазифаи асоси ин ниҳоди давлатӣ дар ҳама давру замон таъмини амният буда, он сутуни давлат ва миллат аст. Оромии ҷомеа, амнияти шаҳрвандони он ба худи ҳар як ҷомеа вобаста аст. Агар дар ҷомеа шаҳрвандон дар доираи муқаррароти муайянкардаи давлат кору фаъолият ва зиндагӣ кунанд, пас он ҷомеа бисёр босубот ва дар амният аст. Хушбахтона, бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ (09.09.1992) ва Ваҳдати миллӣ (27.06.1997) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амн ва босубот аст. Дар таъмини ин субот нақши мақомоти қудратию амниятӣ бузург аст. Суботу амнияти имрӯзаи Тоҷикистон бар пояи ахлоқу

хиради азалии мардум, бар пояи боварию эътиқоди онҳо ба пешвои сиёсии кишвар ва дигар мақомоту рукнҳои давлатдорӣ барқарор аст. Мутаассифона, гоҳ-гоҳе дар ҷомеа ба шахсоне вомехӯрем, ки фарҳанги костаро ба худ касб кардаанд. Бояд донист ва фаромӯш накард, ки дар ҳоли коста шудани фарҳангу ахлоқ сатҳи суботу амнияти ҷомеа низ коҳиш меёбад. Таҳлилу тадқиқоти илмию сиёсӣ нишон медиҳанд, ки имрӯз коррупсия ва беадолатӣ аз ҷумлаи бузургтарин таҳдидҳо ба суботу амнияти миллии кишварҳост. Ҳодисаҳои охири ҷаҳони араб низ маҳз ҳаминро исбот карданд. Равандҳои муосири сайёра ва вазъи минтақа ҳар як шаҳрванд ва сокини кишварро ҳушдор медиҳанд, ки зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва барои ҳимояи амният, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, волоияти қонун ва оромиву осудагии кишвари маҳбубамон ҳамеша омода бошем ва дар бохабар шудан ё рӯ ба рӯ омадан ба ягон воқеа ё ҳодисаи ғайримуқаррарӣ, мақомоти дахлдорро бохабар кунем.

Вобаста ба маълумоти додашуда, ба шумо наврасону ҷавонон тавсия дода мешавад, ки фарҳангу ахлоқи миллиамонро гум накарда, бар пояи  асолати миллӣ барои рушди ҷомеа хидмати содиқона кунем, дар фазои орому субот умр бурда, дар мақомоти кумитаҳои дахлдори амнияти миллӣ бо доштани донишҳои амиқ ва тафаккури баланд барои халқу Ватан хидмат кунем.



*1. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ чӣ гуна ниҳод аст?*
*2. Барои корманди ин мақомоти давлатӣ шудан кадом хусусиятҳои фардӣ муҳим аст?*
*3. Барои кормандони мақомоти амнияти миллӣ шудан кадом фанҳоро омӯхтан лозим аст?*




## 23. БЕХАТАРИИ ИТТИЛООТӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ кардан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, дар иҷрои фаъолияти касбӣ диққати махсус дода мешавад. Консепсияҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни идоракунии соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа қабул шудааст, ки рушди маълумотнокии ҷомеаро тавассути шабакаҳои интернетӣ метезонад. Ҳамзамон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» қабул карда шуд, ки ҳадафи асосии барномаи мазкур рушди истифодаи технологияи компютерӣ дар ҷараёни таълим мебошад. Таъминоти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва мустаҳкам кардани заминаи моддию техникӣ, адабиёти таълимии электронӣ, компютерҳои замонавии ба шабакаи Интернет пайвастшуда дар омода кардани мутахассисони касбии ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа ва хусусан дар соҳаи маориф истифодаи васеи манбаъҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дастрасии хонандагонро ба технологияи муосир беҳтар карда, фарҳанги

истифодаи он омӯзонда мешавад. Технологияҳои компютерӣ воситаи пурикқтидори алоқаи муносибатҳои инсонӣ бо воқеияти ҳаётӣ мебошад. Интернет робитаҳои мартабавии байни инсонҳоро тағйир медиҳад. Тавсиа ёфтани шабакаи технологияҳои иттилоотӣ, таблиғи тарзи ҳаёти солим, фарҳанги истифодаи технологияи иттилоотӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити имрӯз мебошад.

Вобаста ба фарҳанги истифодаи маводди иттилоотӣ ва барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муқовимат ба истифодаи шабакаи интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ ва ҳадафҳои манфӣ корҳои амалӣ бурда мешавад. Дар ин самт нақши падару модар ва калонсолон дар назорати фаъолияти фарзандон ҳангоми кор бо компютер ва шабакаҳои иҷтимоӣ калон аст.

Амнияти иттилоотӣ яке аз касбҳои навтарин дар ҷомеа буда, зарурати онро ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба хатарҳои глобалӣ дарк кардааст. Ҷавононе, ки мехоҳанд дар ин самт кору фаъолият кунанд, бояд дониши хуби компютерӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, техникӣ дошта бошанд. Наврасону ҷавононе, ки ин соҳаи касбро интихоб мекунанд, пеш аз ҳама дар онҳо бояд тафаккури таҳлилӣ ва баҳодиҳӣ ба воқеияту таъсирот рушд ёфта бошад. Таҳлилу омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ на ҳама вақт бо мақсадҳои мусбат истифода мешаванд. Истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ фарҳанги худро дорад ва зарур аст, ки ҷавонону наврасон онро риоя карда, маводди иттилоотиро танҳо барои пешбурди фаъолияти касбии худ истифода баранд.

*1. Аҳамияти истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот аз чӣ иборат аст?*
*2. Зарурати амнияти иттилоотии ҷомеаро чӣ тавр шарҳ додан мумкин аст?*
*3. Чаро аз бар кардани технологияи иттилоотӣ барои инсон муҳим аст?*

*4. Аҳамияти истифодаи технологияи иттилоотӣ ва амниятӣ аз чӣ иборат аст?*

***Машғулияти амалӣ:***

## ТАРТИБ ДОДАНИ ПОРТФОЛИО

**Супориш:** *портфолиои худро тартиб бидеҳ.*

Портфолиои хонандагони синфҳои болоӣ. Портфолио барои дохилшавӣ.

**Сохтор ва пешниҳод**




Портфолио тарзи сабту қайд, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии комёбиҳои фардии хонандагон мебошад. Вай ба ҷумлаи арзишҳои ҳақиқии фардӣ мансуб буда, на танҳо ба раванди баҳодиҳӣ, балки ба худбаҳодиҳӣ низ равона шудааст. Мақсади асосии баҳодиҳии ҳақиқӣ кумак расондан ба хонандагон дар инкишофи қобилияти онҳо, таҳлили фаъолияти шахсӣ, муқоисаи он бо стандартҳои умумии мавҷуда ва дар ин асос бозбинӣ, такмил ва равонасозии неруву зарфиятҳои худ барои ноилшавӣ ба комёбӣ ва пешрафти шахсӣ мебошад. Портфолио на танҳо шакли муосири баҳодиҳӣ аст, балки дар ҳалли муҳимтарин вазифаҳои педагогӣ кумак мекунад:

**1.** Дастгирӣ кардани мароми муҳимми таълимии хонандагон;

**2.** Ҳавасмандсозии фаъолияту мустақилияти онҳо;

**3.** Ба имкониятҳои таълим ва худомӯзӣ вусъат бахшидан;

**4.** Инкишоф додани фаъолияти рефлексивӣ ва баҳодиҳии хонандагон;

**5.** Ташаккули малакаи хондан – мақсад гузоштан, банақшадарорӣ ва ташкили фаъолияти шахсии таълимӣ ва умуман ба баланд бардоштани сифати таълим мусоидат кардан.

**Сохтори портфолио**

Дафтари фардии корӣ, ки фарогири маводди зерин аст:

муқова ва мундарича;

Бахши 1. «Симои ман»
Бахши 2. «Портфолиои ҳуҷҷатҳо»
Бахши 3. «Курсҳои интихобӣ»
Бахши 4. «Олимпиадаҳо»
Бахши 5. «Озмунҳо»
Бахши 6. «Фаъолияти тадқиқотӣ»
Бахши 7. «Маълумоти иловагӣ»

***Бахши 1. Маълумот дар бораи соҳиби портфолио***

«Симои ман» – мақсадҳо, худтаҳлилкунӣ, натиҷаи ташхиси психологӣ, тарҷумаи ҳол, фарогири маълумоти шахсии хонандае мебошад, ки портфолио ба ӯ тааллуқ дорад.

*Тарҷумаи ҳол*

Дар ин бахш натиҷаҳои ташхиси равонӣ зикр мегардад. Маълумоте, ки ба хонанда дар таҳлили характеру қобилиятҳояш кумак мекунад. Роҳҳои худкомилсозӣ ва худшиносиро меомӯзонад.

Хонанда ҳар сол кори худтаҳлилкунии нақшаҳо ва шавқу ҳаваси худро иҷро мекунад. Мақсад мегузорад ва натиҷаи комёбиҳои онро таҳлил мекунад. Ҳамчунин, натиҷаҳои солонаро мавриди баҳодиҳӣ қарор медиҳад.

*Хулоса*

Ном ва номи падар:
Санаи таваллуд:
Ҷойи таваллуд:
Шаҳрванд:
Нишонӣ:
Е-майл:
Ҷойи таҳсил (номи пурра ва нишонӣ):
Синф:
Мақсади тартиб додани хулоса:
Маълумоти умумии миёна:

| *Солҳои таҳсил* | *Рақами мактаб, шаҳр* | *Синф* |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

Худтаҳлилкунии нақшаҳои шахсӣ ва шавқу ҳавасҳо (дар оғози сол, синфи 10).

**1.** Санаи кор

**2.** Ном ва номи падар

**3.** Муҳимтарин рӯйдодҳои зиндагии ман, ки муайякунандаи ояндаи мананд.

**4.** Ман таҳсилро дӯст медорам (манро ба худ ҷалб мекунад).

**5.** Дар оянда (баъди 5, 10, 20 сол) мехоҳам ба он ноил шавам.

**6.** Ин соҳаҳо ба ман писанд мебошанд.

**7.** Барои он ки дар соҳаи касби писандида таҳсил кунам, қобилият, сифатҳои шахсӣ, дониш ва малакаҳои зеринро доро мебошам.

**8.** Инҳо барои таълиму омӯзиши ин соҳа ба ман кифоят намекунанд.

**9.** Нақшаҳои омӯзиши ман дар ин сол:

| | *Ба чӣ мехоҳам ноил шавам?* | *Барои амалӣ шудани он чӣ бояд кард?* | *Натиҷа* |
|---|---|---|---|
| То охири сол | | | |
| Дар чоряки 1-ум | | | |
| Дар чоряки 2-юм | | | |
| Дар чоряки 3-юм | | | |
| Дар чоряки 4-ум | | | |

**Тарҷумаи ҳол**

*Тавсияҳо барои навиштани тарҷумаи ҳол*

Тарҷумаи ҳол бо калимаҳои «Ман, насаб, ном, номи падар» оғоз мешавад. Баъдан маълумот дар бораи худ ба таври озод баён шуда, зимнан баъзе талабот бояд риоя шавад.

Тарҷумаи ҳол бояд кӯтоҳ бошад ва рӯйдодҳои асосии зиндагии шуморо инъикос кунад; муҳим ин аст, ки маълумоти дар тарҷумаи ҳол омада ба шумо дар тасаввур кардани зиндагӣ дар шакли қобили қабул кумак карда, ҳодиса ва фактҳои воқеии зиндагиатонро таҳриф (ғалат) накунад; зимни тавсифи ҳодисаҳои мушаххаси зиндагӣ зикри муносибататонро бо онҳо фаромӯш накунед. Гузашта аз ин, хулосаҳои таҳлилиеро, ки аз онҳо мебароянд, таъкид кунед. Матни тарҷумаи ҳол ва тартиб додани он бояд барои хондан мувофиқу муносиб бошад. Қайдҳо дар коғази босифат бояд бо ҳарфҳои калон ё хати хоно навишта шаванд. Тарҷумаи ҳол бояд сана ва имзои тасдиққунанда дошта бошад. Агар он аз якчанд варақ иборат бошад, лозим аст, ки ба ҳар варақ имзо гузошта шавад.

*Шарҳ.* Ин тарҷумаи ҳол ҳамчун санади портфолио ба шумор меравад. Аз ин рӯ, зимни ҷавоб ба саволҳои он бояд аз ҷумлаҳои яктаркибаи сода ва маъмулӣ истифода шавад, то тарҷумаи ҳоли мукаммал таҳия шавад.

*Нақшаи навиштани тарҷумаи ҳол*

Насаб, ном, номи падар, таваллуд шудаам (рӯз, моҳ, сол, ҷойи таваллуд).

Маълумот (синф).

Маълумот дар бораи падару модар, хонавода (падару модар, миқдори фарзандон дар хонавода).

**10.** Даврони томактабӣ (дар даврони томактабӣ чӣ шавқу ҳавасҳое доштам, орзуҳо ва хоҳишҳои кӯдакӣ).

**11.** Ҳаёти мактабӣ.

Нахустин таассурот аз мактаб.

Равшантарин рӯйдоде, ки бо мактаб вобастагӣ дорад.

Дар синни 7 ва 9 хоҳиши кӣ шудан доштам ва барои чӣ?

Беҳтарин рӯйдодҳои зиндагии ман (тавсифи онҳо).

Нахустин мукофоти ман. Чӣ гуна мукофот ва барои чӣ?

Маслиҳатҳои муфиде, ки дар натиҷаи таҷрибаи зиндагӣ ба даст омадаанд.

Инсоне, ки дар тағйири зиндагии ман нақш гузоштааст.

Лаҳзаи сарнавиштсоз дар зиндагии ман.

Муносибати дутарафа бо дӯстон, ҳамсолон ва дигар одамон.

**12.** Таълими касбӣ.

Шавқу ҳавас, шуғлҳои дӯстдошта.

Ман дар болои чӣ бояд кор кунам: сифатҳои шахсӣ, дониш ва маҳорат.

Фанҳои дӯстдоштаи мактабӣ, бобҳо ва мавзӯъҳо.

Фанҳое, ки дар азхудкунии касб ба ман лозиманд.

Фанҳои касбии ман.

Комёбиҳои ман дар ин фанҳо (олимпиадаҳо, мусобиқаҳо: кай, дар куҷо, натиҷа, корҳои эҷодӣ, рефератҳо ва ғайра).

Кадом комёбиҳо ё ихтироот таваҷҷуҳи маро ба худ ҷалб мекунанд?

Дар ин ришта кадом масъалаҳои ҳалношуда мавҷуданд?

***Бахши 2. Ҳуҷҷатҳои расмӣ:***

Рӯйхати ҳуҷҷатҳои пешниҳодӣ ба портфолио (насаб, ном, номи падари хонанда).

Портфолиои ҳуҷҷатҳо – маҷмӯи ҳуҷҷатҳои озмудашудаи комёбиҳои таълимии фардӣ. Ба ин бахш дохил мешавад: тамоми ҳуҷҷатҳое, ки комёбиҳои фардиро дар риштаҳои мухталифи фаъолият тасдиқ мекунанд, мисли дипломҳо дар бораи ширкат дар олимпиадаҳои фаннӣ, самтҳои мухталиф, ифтихорномаҳо, ширкат дар озмунҳо, мусобиқаҳои варзишии сатҳҳои мухталиф, сертификатҳо дар бораи курсҳои фаннӣ ё натиҷаҳои имтиҳони тестӣ.

| | *Номи ҳуҷҷати расмӣ* | *Замон ва макони гирифтан* |
|---|---|---|
| 1 | | |
| 2 | | |
| 3 | | |

Нусхаҳои ҳуҷҷатҳо бояд аз тарафи маъмурияти мактаб тасдиқ карда шаванд (дар асоси нусхаҳои аслии ҳуҷҷатҳо, ки барои портфолио пешниҳод шудаанд).

***Бахши 3. Курсҳо аз рӯйи интихоб. Курсҳои тайёрӣ.***

Нақшаи фардии омодагии пешазкасбии хонандаи синфи 10-ум … дар соли 201_ - 201_.

Насаб ва ном

| *№* | *Санаи огоз ва хатми курсҳо* | *Номи курс* | *Ҳаҷми он* | *Номи ташкилоте, ки курсро мегузаронад* |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

Дар ин ҷо курсҳое дохил мешаванд, ки ба хонандагон барои вусъат бахшидани донишандӯзӣ аз фанҳои муайян ёрӣ мерасонанд (курсҳои забони хориҷӣ, курсҳои информатика). Нусхаи диплом ва сертификатҳоро дар бораи хатми курс замима кунед. Маълумоти кори иловагӣ (донистани забонҳои хориҷӣ, компютер, ронандагӣ ва ғ).

Шавқу ҳавас, бартариҳо, шуғлҳои дӯстдошта ва ғайра.

Намудҳои муваффақи фаъолият, фанҳои афзалиятнок.

***Бахши 4. Олимпиадаҳо***

| *Сатҳ (байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, мактабӣ)* | *Фан* | *Ҷойи ишголкарда, ширкат* |
|---|---|---|
| | | |

Дипломҳо, таърифнома ва сертификатҳо замима мегарданд.

***Бахши 5. Озмунҳо (иншо, корҳои эҷодӣ…)***

Портфолиои корҳо – маҷмӯи корҳои гуногуни эҷодӣ, мавзӯӣ ва дигар намуди корҳои хатмкунанда.

Портфолиои корҳо фарогири корҳои лоиҳавӣ (мавзӯи лоиҳа, тавсифи кор, матни кор дар шакли чопӣ) мебошад:

**13.** Эҷодиёти техникӣ: моделҳо, шаклҳо, асбобу анҷом (тавсифи кӯтоҳи кори мушаххас);

**14.** Кору ҳунар (рӯйхати корҳои додашуда, ширкат дар намоишҳои театрӣ, оркестр, хор ва ғайра сабт мешавад).

| *Сатҳ (байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, мактабӣ)* | *Ном* | *Ҷойи ишғолкарда, ширкат* |
|---|---|---|
| | | |

**Ширкати ман дар ҷашнҳо ва чорабиниҳои мактабӣ**

*(иловаи нусхаи таърифномаҳо, раҳматномаҳо)*

| *Сана* | *Чорабинӣ, ҷашн* | *Ширкат, кори мавриди нақшаи иҷрошуда* |
|---|---|---|
| | | |

***Бахши 6. Фаъолияти таҳқиқӣ***

| *Сатҳ (байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, мактабӣ)* | *Номи кор* | *Таърифномаҳо, дипломи, лауреат ва ғайра* |
|---|---|---|
| | | |

***Бахши 7. Маълумоти иловагӣ***

*(ширкат дар кори студияҳо, маҳфилҳо, бахшҳо)*

| *Соли таҳсил* | *Номи муассиса* | *Фан, иттиҳодияи эҷодӣ* |
|---|---|---|
| | | |

Миқдор ва тартиби давомоти бахшҳо метавонад тағйир ёбанд. Муҳим он аст, ки бояд воқеъбинона комёбиҳои худро пешниҳод ва маводро ба таври мантиқӣ гурӯҳбандӣ кард. Ҳангоми тартиб додани портфолио хатти аслиеро пайдо кардан, зарур аст, ки боиси фароҳам омадан, ташаккул ва исботи ҳуҷҷату аснод мешавад.

*Номгӯйи баъзе аз ихтисосу касбҳо барои шиносоӣ ва омӯзиш*

| ИХТИСОС |
|---|
| ***Педагогика*** |
| Педагогикаи давраи кӯдакӣ |
| Инкишофи шахсияти синни томактабӣ |
| Инкишофи шахсияти синни хурди томактабӣ |
| ***Педагогикаи синну соли наврасӣ ва ҷавонӣ*** |
| Тадриси фанҳои таърихию фалсафӣ ва динӣ |
| Тадриси фанҳои фарҳангшиносӣ |
| Тадриси фанҳои филологӣ ва забоншиносӣ |
| Тадриси фанҳои биологӣ, географӣ ва химиявӣ |
| Тадриси фанҳои физикию математикӣ |
| Тадриси технологияҳо |
| ***Педагогикаи умумисиннусолӣ*** |
| Инкишофи эстетикӣ |
| Таҳсилот дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ |
| Таҳсилоти махсус |
| Дастгирии иҷтимоӣ-педагогӣ ва табиӣ-психологӣ |
| **ПЕДАГОГИКА. ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ** |
| ***Таҳсилоти касбӣ*** |
| Таҳсилоти касбӣ |
| ***Санъати дизайн*** |
| ***Санъати тасвирӣ. Санъати ороишӣ-амалӣ*** |
| Санъати тасвирӣ |
| Санъати ороишӣ-амалӣ |
| ***Санъати мусиқӣ*** |
| Санъати мусиқӣ |
| ***Санъати саҳнавӣ ва экранӣ*** |
| Санъати театр, кино, радио ва телевизион |
| Санъати хореографӣ |
| Санъати эстрада ва сирк |
| ***Эҷодиёти халқ*** |
| Эҷодиёти халқ |
| ***Дизайн*** |
| Дизайн |

| |
|---|
| ***Илмҳои гуманитарӣ*** |
| Илмҳои гуманитарӣ |
| Илмҳои забоншиносӣ |
| Илмҳои фарҳангшиносӣ |
| Илмҳои филологӣ |
| Илмҳои диншиносӣ |
| ***Робитаҳо, ҳуқуқ, иқтисодиёт, идора, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот*** |
| ***Робитаҳо*** |
| Робитаҳо |
| ***Ҳуқуқ*** |
| Ҳуқуқ |
| ***Иқтисодиёт*** |
| Иқтисодиёт ва идора |
| ***Идора*** |
| Идораи давлатӣ |
| Бизнес-идора |
| Идораи захираҳои иттилоотӣ |
| ***Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот*** |
| Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот |
| ***Илмҳои табиӣ*** |
| Илмҳои биологӣ |
| Илмҳои географӣ |
| Илмҳои математикӣ |
| Илмҳои физикӣ |
| Илмҳои химиявӣ |
| ***Илмҳои экологӣ*** |
| Илмҳои экологӣ |
| ***Техника ва технология*** |
| ***Таҷҳизот*** |
| Таҷҳизоти мошинсозӣ ва технологияҳо |
| Металлургия |
| Энергетика |
| Радиоэлектроника |
| Комплекси ҷангал |

| |
|---|
| Полиграфия |
| Истеҳсолоти химиявӣ |
| Саноати сабук ва хидмати маишӣ |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ |
| Иктишофи геологӣ ва истеҳсолоти истихроҷи кӯҳӣ |
| Сохтмон ва хоҷагии манзилӣ |
| Истеҳсолоти кишоварзӣ |
| Таҷҳизоти умумисоҳавӣ |
| ***Нақлиёт*** |
| Автомобилҳо, тракторҳо, нақлиёти рӯйизаминии шаҳрии баркӣ |
| Нақлиёти роҳи оҳан |
| Нақлиёти обӣ |
| Нақлиёти ҳавоӣ |
| ***Абзорҳо*** |
| Таъйиноти умумӣ |
| Таъйиноти махсус |
| ***Техникаи радиоэлектронӣ*** |
| Нақшаҳои васила ва низоми радиоэлектронӣ |
| Сохти воситаҳои радиоэлектронӣ |
| ***Техникаи ҳисоббарор*** |
| Воситаҳои математикӣ ва барномавӣ |
| Воситаҳои дастгоҳӣ |
| Низомҳои зеҳнии компютерӣ |
| ***Қисматҳои таҷҳизот*** |
| Техникаи радио, микро ва наноэлектронӣ |
| ***Металлургия*** |
| Металлургия |
| ***Энергетика*** |
| Энергетикаи баркӣ, энергетикаи ҳароратӣ |
| ***Фаъолияти нақлиётӣ*** |
| Таъминоти телекоммуникатсионӣ |
| ***Саноати ҷангал*** |
| Захира ва коркарди чӯбу тахта |
| ***Саноати полиграфӣ*** |

| |
|---|
| Нашриёт |
| Истеҳсолоти полиграфӣ |
| ***Саноати химия*** |
| Истеҳсолоти химиявӣ |
| Истеҳсолоти биохимиявӣ ва микробиологӣ |
| ***Саноати хӯрокворӣ*** |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ |
| ***Саноати сабук*** |
| ***Истеҳсоли маҳсулот аз газвори бофта ва нобофта*** |
| Истеҳсоли маҳсулоти чармӣ ва маводди шухӣ (плёнка) |
| Саноати кӯҳӣ |
| ***Иктишофи кӯҳӣ*** |
| Кашфи маъданҳои зеризаминӣ |
| ***Дигар намудҳои истеҳсолот*** |
| Истеҳсоли бозичаҳо |
| Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ |
| Истеҳсоли зарф |
| Истеҳсолоти намоишӣ-рекламавӣ |
| ***Автоматикунонӣ*** |
| Автоматикунонии ҷараёнҳои технологӣ, истеҳсолот ва идора |
| ***Таъмини сифат*** |
| Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия. Ташхиси техникӣ |
| ***Низомҳои зеҳнӣ*** |
| Низомҳои зеҳнӣ |
| ***Заминсозӣ, геодезия, харитасозӣ ва топография*** |
| Заминсозӣ |
| Харитасозӣ ва топография |
| ***Ҳифзи муҳити зист*** |
| Ҳифзи муҳити зист |
| ***Эргономика*** |
| Эргономика дар низоми иттилоотӣ |
| ***Меъморӣ ва сохтмон*** |
| Меъморӣ |

| |
|---|
| ***Сохтмон*** |
| Масолеҳи сохтмон, масолеҳ ва таркибҳо |
| Биноҳо ва иншоот |
| Роҳҳо ва дигар объектҳои нақлиётӣ |
| Низоми хоҷагии об ва таъмини гармию газ |
| Қубурҳои газу нафт ва нигоҳдории газу нафт |
| ***Кишоварзӣ ва ҷангал. Бунёди боғу истироҳатгоҳҳо*** |
| ***Кишоварзӣ*** |
| Менеҷери кишоварзӣ |
| Истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти рустанӣ |
| Чорводорӣ. Моҳипарварӣ. Занбӯриасалпарварӣ |
| Сохтмони деҳот ва ободии маҳал ё минтақа |
| Обёрикунӣ ва хоҷагии об |
| Агромуҳандисӣ |
| ***Хоҷагии ҷангал ва бунёди боғу истироҳатгоҳҳо*** |
| Хоҷагии ҷангал |
| Бунёди боғу истироҳатгоҳҳо |
| ***Тандурустӣ*** |
| ***Пешгирӣ, ташхис, табобат, эҳё ва ташкили тандурустӣ*** |
| Пешгирӣ, ташхис, табобат, эҳё ва ташкили тандурустӣ |
| ***Таъмини техникию лабораторӣ*** |
| Таъмини техникӣ |
| Таъмини лабораторӣ |
| ***Ҳифзи иҷтимоӣ*** |
| Ҳифзи иҷтимоӣ |
| ***Тарбияи ҷисмонӣ, сайёҳӣ ва меҳмондорӣ*** |
| ***Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш*** |
| Тарбияи ҷисмонӣ |
| Варзиш |
| Сайёҳӣ ва меҳмондорӣ |
| Сайёҳӣ |
| Меҳмондорӣ |
| ***Хӯроки умумӣ. Хидмати маишӣ*** |
| Хӯроки умумӣ. Хидмати маишӣ |
| ***Хадамоти бехатарӣ*** |

| |
|---|
| ***Ҳимояи шаҳрвандон, моликияти шахсӣ ва давлатӣ*** |
| Ҳимояи шаҳрвандон, моликияти шахсӣ ва давлатӣ |
| ***Ҳимоя дар ҳолатҳои фавқулода*** |
| Пешгирӣ ва маҳви ҳолатҳои фавқулода |
| Таъмини бехатарӣ |
| ***Кори ҳарбӣ*** |
| Идораи қисмҳои ҳарбӣ ва таъмини намудҳои қӯшунҳо |
| Фаъолияти ҳарбӣ-муҳандисӣ |
| Фаъолияти штабӣ |
| ***Амнияти иқтисодӣ*** |
| Таъмини бехатарии иқтисодӣ |
| ***Амнияти давлатӣ*** |
| Таъмини бехатарии давлатӣ |
| ***Амнияти иттилоотӣ*** |
| Ҳимояи иттилоот |

## РАВИЯҲОИ МАЙЛИ КАСБИИ ИНСОН



* **Намуди касбҳо аз нуқтаи назари Е. А. Климов**

**Инсон-Инсон**

**Инсон-Техника**

**Инсон-Аломат**

**Инсон-Образи бадеӣ**

**Инсон-Табиат**

## МАРОМҲОИ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ КАСБИИ ИНСОН

***Машғулияти амалӣ:***

## ТАШХИСИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБӢ (САВОЛНОМА)

Бо ёрии саволномаи худмуайянкунии касбӣ касберо муайян кунед, ки ба шумо дар фаҳмишу дарки оянда кумак кунад. Ҳамчунин, соҳаҳои касбиеро муайян созед, ки мутобиқи шавқу ҳавас, шахсият ва қобилиятҳои шумоянд.

1. Шумо касбиояндаатонро интихоб кардаед?
2. Майлу рағбати шумо пас аз хатми мактаб чист:
   - ✎ кор мекунам;
   - ✎ кӯшиш мекунам, ки ба коллеҷ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, мактаби олӣ дохил шавам;
   - ✎ дар ҷавоб додан мушкилӣ мекашам.
3. Манбаъҳои донишҳои худро дар бораи касбҳо номбар кунед:
4. Шумо барои чӣ маҳз ҳамин ихтисосро интихоб кардед?
5. Назари шумо нисбат ба таҳсил ва кориояндаатон чӣ гуна аст?
6. Оё шумо дар бобати омодасозии худ ба касбиояндаатон кӯшиш мекунед?
7. Дар интихоб ва фарогирии касби оянда чӣ корҳоро ба сомон мерасонед?

***Машғулияти амалӣ:***

## МУАЙЯН КАРДАНИ ХУСУСИЯТҲОИ ШАХС БА ВОСИТАИ САВОЛНОМАИ Ҳ. АЙЗЕНК

**Ҳанс Юрген Айзенк** 4-уми марти 1916 дар шаҳри Берлини Олмон ба дунё омада, 4-уми сентябри 1997 дар шаҳри Лондони Англия аз олам даргузаштааст. Ин олими равоншиноси британӣ, яке аз муҳаққиқони барҷастаи биологӣ дар равоншиносӣ ба шумор меравад.

***Дастур:*** Дуру дароз фикр накарда, ба саволҳо ҷавобатонро бо «ҳа» ё «не» интихоб кунед.

1. Муҳити пурғалоғуларо меписандед?
2. Зуд-зуд ба дӯстонатон дар соҳаи қудратӣ муҳтоҷ мешавед?
3. Шумо ҳозирҷавобед?
4. Аз ягон чиз оташин мешавед?
5. Ҳолати рӯҳиатон зуд-зуд тағйир меёбад?
6. Аз ин ки бо рафиқонатон бозӣ кунед, китобхониро афзалтар мешуморед?
7. Ба ором хоб рафтани шумо фикрҳои гуногун халал мерасонанд?
8. Шумо ҳамеша супоришҳоро мувофиқи фармуд иҷро мекунед?
9. Бо касе ҳазл карданро дӯст медоред?
10. Оё худро бе ягон асос бадбахт ҳис кардаед?
11. Худро одами хурсанд ва зиндадил меҳисобед?
12. Ягон маротиба қоидаи рафтори дохилимактабиро вайрон кардаед?
13. Дуруст аст, ки зуд-зуд ба эҳсосот дода мешавед?
14. Ба зудӣ анҷом додани ҳамаи корҳоятонро меписандед? (Агар майли шитобкорӣ надошта бошед, ҷавоби «не» гузоред).
15. Аз ҳар гуна ҳодисаҳои нохуши қариб баамалоянда, вале ба некӣ анҷомёфта андуҳгин мешавед?
16. Ба шумо ҳар гуна сирри махфиро бовар кардан мумкин аст?
17. Бе ягон мушкилӣ базми дилгиркунандаи ҳамсолонатонро ба ҷӯшу хурӯш оварда метавонед?
18. Баъзан дилатон бесабаб (мисол, машқҳои ҷисмонӣ) сахт метапад?
19. Барои бо ягон кас робитаи дӯстӣ барқарор кардан қадами аввалинро шумо мегузоред?
20. Оё ягон вақт дурӯғ гуфтаед?
21. Вақте ки кори иҷрокардаатонро танқид мекунанд, зуд ба ғазаб меоед?
22. Зуд-зуд бо дӯстон ҳазлу шӯхӣ мекунед ва барои онҳо нақл кардани саргузаштҳои хандаоварро дӯст медоред?
23. Худро зуд-зуд бемадор ҳис мекунед?
24. Ба тайёр кардани дарсҳо баъд аз иҷрои корҳои дигар

машғул мешавед?
25. Шумо одатан хурсанд ва аз ҳама чиз розӣ ҳастед?
26. Шумо зудранҷед?
27. Бо бачаҳои дигар муошират карданро дӯст медоред?
28. Оё шумо ҳамеша хоҳиши наздиконатонро барои ёрӣ расонидан ба корҳои хоҷагидорӣ иҷро мекунед?
29. Саратон чарх мезанад?
30. Дигаронро бо рафтору кирдори худ дар ҳолати ногувор мемонед?
31. Зуд-зуд ба дилатон задани чизеро ҳис мекунед?
32. Оё баъзан худситоиро дӯст медоред?
33. Ҳангоми дар ҷамъияти одамони бегона афтидан бисёр вақт хомӯш мешинед?
34. Баъзан чунон ба ҳаяҷон меоед, ки ҷойи нишастан намеёбед?
35. Аксар вақт зуд ба қароре меоед?
36. Шумо ҳеҷ гоҳ, ҳатто дар вақти дар синф набудани омӯзгор ҳам, ғалоғула намекунед?
37. Шумо зуд-зуд хобҳои даҳшатангез мебинед?
38. Оё шумо дар доираи дӯстон ба шавқу завқ омада, ҳамроҳи онҳо хурсандӣ карда метавонед?
39. Шуморо ба осонӣ ранҷонидан мумкин аст?
40. Оё дар бораи касе сухани ноҳақ гуфтаед?
41. Оё дуруст аст, ки шумо одатан дар баробари сухан кардан зуд амал мекунед ва хусусан ҳангоми фикр кардан андармон намешавед?
42. Агар ба ҳолати ногувор дучор шавед, баъди он дуру дароз ғамгин мешавед?
43. Бозиҳои пуршӯру мағалро меписандед?
44. Ҳамеша ҳама гуна хӯроки ба пешатон гузошташударо тановул мекунед?
45. Бароятон илтимоси атрофиёнро рад кардан мушкил аст?
46. Зуд-зуд ба меҳмонӣ рафтанро дӯст медоред?
47. Оё ҳолатҳое мешавад, ки шумо зиндагӣ кардан намехоҳед?
48. Оё ҳолатҳои ба волидайни худ дағалӣ кардан ба шумо

рӯй медиҳад?

49. Оё шуморо рафиқонатон одами хушҳолу зиндадил меҳисобанд?
50. Ҳангоми дарс тайёр каран зуд-зуд диққататон ба тарафи дигар ҷалб мешавад?
51. Одатан дар хурсандии умумӣ фаъолона иштирок мекунед ё ҳамчун тамошобин менишинед?
52. Оё аз таъсири фикрҳои ҳархела бехобӣ мекашед?
53. Иҷрои корҳои ба ухда гирифтаатонро бо боварии комил пайгирӣ мекунед?
54. Ҳолатҳое мешавад, ки худро танҳо ҳис мекунед?
55. Ҳангоми бо одамони ношинос вохӯрдан шарм медоред, ки аввалин шуда суханро оғоз кунед?
56. Агар хато содир карданатонро фаҳмед, дер шуда бошад ҳам, онро ислоҳ мекунед?
57. Агар касе ба шумо дод занад, шумо ҳам ба ӯ дод мезанед?
58. Ҳолатҳое мешавад, ки бесабаб худро гоҳе хурсанд ва гоҳе ғамгин ҳис мекунед?
59. Ба фикри шумо, дар базми ҳамсолон ба даст овардани қаноатмандии ҳақиқӣ мушкил аст?
60. Аз корҳои бе андеша анҷомдодатон зуд-зуд ба ташвиш меоед?

***Таҳлили натиҷаҳо***

Ҷавобҳоятонро бодиққат аз назар гузаронида, дар пушти ҷавобҳои «ҳа» ва «не»-и навъи экстраверсия ҳарфи «э», ба ҷавобҳои «ҳа» ва «не»-и навъи нейротизм ҳарфи «н» гузошта, суммаи онҳоро ёбед?

**Экстраверсия – (э);**

«ҳа» 1, 3, 9, 11, 14, 17, 19, 22, 25, 27, 30, 35, 38, 1, 43, 46, 49, 53, 57. «не»-6, 33, 51, 55, 59.

**Нейротизм – (н);**

«ҳа»2, 5,7, 10, 13, 15, 18, 21, 23, 26, 29, 31, 34, 37, 39, 42, 45, 47, 50, 52, 54, 56, 58, 60.

**Дурӯғ (д);**

«ҳа» – 8, 16, 24, 28, 36, 44; «не» – 4, 12, 20, 32, 40, 48

Дар ҳамвории координатӣ қиматҳои «э»-ро дар тири горизонталӣ ва қиматҳои «н»-ро дар тири вертикалӣ гузошта, навъи характери худатонро ёбед.

***Эзоҳ:*** *Агар дар ҷадвали дурӯғ қимати нишондодаатон аз 5 хол зиёд бошад, пас ҷавобҳои додаи шумо носаҳеҳ ва натиҷаи нишондодаатон қобили қабул нест.*

***Машғулияти амалӣ:***

## ТАШХИСИ МАРОМИ КОМЁБӢ ВА НОКОМӢ

***Дастур:*** «Агар муҳокимаронихои пешниҳодшаванда шуморо қаноатманд гардонад, ба он ҷавоби **«ҳа»** ва дар сурати баръакс, ҷавоби **«не»** бидиҳед. Ҳангоми дудилагӣ мушоҳида кунед, ки ақидаатон ба ҷавоби **«ҳа»** наздиктар аст ё ба ҷавоби **«не»**, пас ҳамон ҷавобро интихоб кунед. Барои интихоби ҷавоб бисёр фикр накунед, аввалин ҷавоби ба саратон омада дурусттар аст».

1. Корро ба хурсандӣ оғоз карда, умеди дар он комёб шуданро дорам.
2. Дар фаъолият одатан серғайратам.
3. Ба ташаббускорӣ майл дорам.
4. Ҳангоми ба иҷрои супоришҳои масъулиятталаб уҳдадор шудан, кӯшиш мекунам, ки баҳонае пеш оварда, аз он даст бикашам.
5. Аксар вақт мисолу масъалаҳои содаро ё ин ки супоришҳои тамоман ҳалшавандаро интихоб мекунам.
6. Ҳангоми ба монеа дучор шудан, одатан ақибнишинӣ накарда, роҳҳои бартараф кардани онро меҷӯям.
7. Ҳангоми паси ҳам ба комёбию нокомӣ дучор шудан, майли аз комёбӣ лаззат бурданро дорам.
8. Маҳсулнокии фаъолияти ман асосан на ба назорати беруна, балки ба мақсадгузории худи ман вобаста мебошад.
9. Дар мавриди маҳдуд будани вақт ҳангоми иҷрои супоришҳои ба қадри кофӣ мушкил маҳсулнокии фаъолияти ман паст мешавад.
10. Барои ба мақсад расидан майлу рағбати қатъӣ дорам.
11. Майли ба муддати дароз ба нақша даровардани ояндаи худро дорам.

12. Агар таваккал ҳам кунам, яқинан онро мулоҳизакорона мекунам.

13. Одатан ҳангоми набудани назорати беруна, барои ба мақсад расидан истодагарӣ мекунам.

14. Дар назди худ гузоштани мақсадҳои аз ҷиҳати душвории ҳал миёна ва ё аз он болотари ҳалшавандаро назар ба мақсадҳои ҳалшаванда авлотар мешуморам.

15. Супорише, ки ҳалли он боиси ба нокомӣ дучор омадан мегардад, одатан, барои ман сабаби паст шудани ҷозибанокияш мешавад.

16. Ҳангоми паси ҳам ба комёбию нокомӣ дучор шудан майли аз нокомӣ лаззат бурданро дорам.

17. Майли барои мӯҳлатҳои наздик ба нақша даровардани ояндаи худро дорам.

18. Одатан ҳангоми маҳдуд будани вақти иҷрои амал, маҳсулнокии фаъолияти ман, агарчанде иҷрои супоришҳо ба қадри кофӣ мушкил ҳам бошад, баланд мешавад.

19. Одатан, аз мақсади дар пеш гузоштаам, ҳатто агар дар роҳи ба он расидан ба нокомӣ дучор шавам ҳам, даст намекашам.

20. Ҷаззобияти супорише, ки худ интихоб кардаму дар ҳалли он ба нокомӣ дучор шудам, бароям боз ҳам зиёдтар мешавад.

***Калиди санҷишнома***

Ба ҷавобҳои мувофиқомадаи **«ҳа»** – 1, 2, 3, 6, 8, 10, 11, 12, 14, 16, 18, 19, 20; **«не»** – 4, 5, 7, 9, 13, 15, 17 якхолӣ баҳо дода, суммаи онҳоро ёбед.

Агар миқдори холҳои дар ҳудудҳои аз 1 то 7 ҷойгир бошад, озмудашаванда гирифтори мароми тарс ва нокомист.

Агар миқдори холҳо дар ҳудудҳои 14 то 20 бошад, озмудашаванда соҳиби мароми комёбист.

Агар миқдори холҳои ҳосилшуда дар ҳудудҳои аз 8 то 13 бошад, мароми озмудашаванда номаълум аст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки миқдори аз 8 то 9 хол ифодакунандаи мароми нокомӣ ва аз 12 то 13 хол ифодакунандаи мароми комёбист.

***Машғулияти амалӣ:***

## ИНТИХОБИ БОШУУРОНАИ КАСБ

***Мақсади машғулият:*** ба иштироккунандагон дар фаҳмидани хусусиятҳои интихоби бошууронаи касб кӯмак расондан.

***Дастур:*** *«Вазифаи мо иборат аст аз интихоби саҳеҳтарин мароми интихоби касб, яъне шинохти сабаби асосӣ, ки боиси интихоби касб аз ҷониби инсонҳо мешавад. Шумо ба воситаи баҳсу андеша ё шояд ба воситаи овоздиҳӣ мароми беҳтаринро муайян кунед».*

Рӯйхати 15 мароми асосии интихоби бошууронаи касбро пешниҳод мекунем:

1. Имконияти ба даст овардани шуҳрат, шарафу обрӯ.
2. Имконияти идома додани суннатҳои хонаводагӣ.
3. Имкони идомаи таҳсил бо ҳамсолон.
4. Имконияти хидмат кардан ба мардум.
5. Маош.
6. Аҳамият доштани касб барои рушди иқтисоди кишвар, аҳамияти иҷтимоӣ ва давлатии касбҳо.
7. Ба осонӣ ба кор қабул шудан.
8. Кори оядадор.
9. Имконияти нишон додани қобилиятҳои худ.
10. Имконияти муошират кардан бо мардум.
11. Донишҳоро бой мегардонад.
12. Кори аз нигоҳи мазмун рангоранг.
13. Хусусияти эҷодии кор, имконияти ихтироъкорӣ кардан.
14. Касбҳои мушкилу мураккаб.
15. Кори поку ором ва осон.

Баранда маромҳои 1, 2, 3, 4, 14 ва 15-умро мехонад. Пас аз он пеши ӯ рӯйхати 8 мароми дигар мемонад. Ӯ дубора маромҳои 1, 2, 3, 4-ум ва ғайраро мехонад.

***Машғулияти амалӣ:***

## КАСБИ ОЯНДААТРО МУАЙЯН КУН

**Оё ту касбиояндаатро медонӣ?**

Мақсади ин санҷиш муайян кардани нақшаи

ташаккулёфтаи касбӣ мебошад. Ба ширкаткунандагон қаламу коғаз дода мешавад. Онҳо дар болои варақ касби интихобкардаи хешро менависанд.

Баъд аз он аз ширкаткунандагон тақозо мешавад, ки ба саволҳои пурсишнома ҷавобҳои **«ҳа»**, **«не»** бидиҳанд.

1.Оё ту мазмуни асосии касбро медонӣ?

2.Оё ту аз шароити меҳнат, маош, имконияти баланд бардоштани ихтисос хабардор ҳастӣ?

3.Оё медонӣ, ки кадом муассисаҳои таълимӣ мутахассисони ин касбро тайёр мекунанд?

4.Оё ту дорои сифатҳое ҳастӣ, ки дар азхудкунии ин касб зарур мешаванд?

5.Чунин меҳисобӣ, ки сатҳи донишат барои соҳиб шудани ин касб кофӣ аст?

6.Оё медонӣ, ки кадом фанҳои мактабӣ ба андозаи зарурӣ барои комёбӣ дар касб лозиманд?

Агар 40%-60% ҷавобҳои саволҳои пурсишнома мусбат бошанд, пас мақсадҳои гузошташуда амалӣ мешаванд. Онҳое, ки ба саволнома ҷавоби манфӣ додаанд, бояд барои гирифтани машварати инфиродӣ ба мутахассисон муроҷиат кунанд.

## «Аҳроми инъикос», модели Громов-Герасимова

| | | |
|---|---|---|
| Муҳаббат | **Ҳаловатхоҳ** | Ҳама чизе, ки ба ҳаловатгирӣ вобаста аст. |
| Озодӣ | **Соҳибихтиёр** | Ҳама чизе, ки ба ҳаракат, вақт ва навгониҳо вобаста аст. |
| Ҳамоҳангӣ | **Зиёиён** | Ҳама чизе, ки ба анъанаҳо вобаста аст. |
| Сарватмандӣ | **Одами одӣ** | Ҳама чизе, ки ба манфиатҷӯйӣ вобаста аст. |
| Ҳокимият | **Мансабхоҳ** | Ҳама чизе, ки ба ҳукмфармоӣ вобаста аст. |
| Шуҳрат | **Шаънпараст** | Ҳама чизе, ки ба шуҳрат, муоширот, мӯд ва маҳфилоройӣ вобаста аст. |

***Машғулияти амалӣ:***

## ТАШХИСИ ХУДБАҲОДИҲИИ ШАХС

***Дастур барои тест.*** Барои ҳар як андешаи тест ҳангоми худбаҳодиҳӣ лозим аст, ки ҷавобҳои зерин дода шавад: «хеле зиёд» – 4, «зуд-зуд» – 3, «гоҳ -гоҳ – 2, «ҳеҷ гоҳ» – 0. Ин вобаста ба он аст, ки андешаҳои зикршуда то чӣ андоза хоси шумо мебошанд.

## ТЕСТ

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Мехоҳам ҳамсолонам, дӯстонам маро дилдорӣ кунанд. | |
| 2. | Ҳамеша барои хондан эҳсоси масъулият мекунам. | |
| 3. | Ман аз ояндаи худ дар ташвишам. | |
| 4. | Бисёриҳо аз ман нафрат доранд. | |
| 5. | Ман аз ҳолати равонии худ мушаввашам. | |
| 6. | Сурати зоҳирии дигарон беҳтар аз ман аст. | |
| 7. | Ман аз суханронӣ назди одамони бегона метарсам. | |
| 8. | Ман зуд-зуд хато мекунам. | |
| 9. | Афсӯс, ман бо одамон ба таври лозим суҳбат карда наметавонам. | |
| 10. | Метарсам, ки дар чашми мардум ҳамчун нодон ба назар мерасам. | |
| 11. | Афсӯс, ки ба ман боварию эътимод кифоят намекунад. | |
| 12. | Мехоҳам, ки дигарон бештар амалу кирдори маро маъқул шуморанд. | |
| 13. | Ман бисёр хоксорам. | |
| 14. | Зиндагии ман бефоида аст. | |

| | | |
|---|---|---|
| 15. | Бисёриҳо дар бораи ман назари нодуруст доранд. | |
| 16. | Касе нест, ки бо ӯ рози дил гӯям. | |
| 17. | Мардум аз ман интизориҳои зиёд доранд. | |
| 18. | Мардум ба камбудиҳои ман таваҷҷуҳи зиёд надоранд. | |
| 19. | Ман гоҳо хиҷолатзада мешавам. | |
| 20. | Ман эҳсос мекунам, ки бисёриҳо маро намефаҳманд. | |
| 21. | Эҳсоси амният намекунам. | |
| 22. | Бисёр вақт беҳуда мушавваш мешавам. | |
| 23. | Вақте ба хонае, ки одамон нишастаанд, ворид мешавам, худро бад ҳис мекунам. | |
| 24. | Худро карахту шахшуда эҳсос мекунам. | |
| 25. | Эҳсос мекунам, ки одамон аз пушти ман бадгӯйӣ мекунанд. | |
| 26. | Боварӣ дорам, ки мардум дигаронро нисбат ба ман беҳтар қабул мекунанд. | |
| 27. | Ба назар чунин мерасад, ки гӯё бо ман ҳодисаи нохуше рӯй медиҳад. | |
| 28. | Муносибати одамон маро безобита мекунад. | |
| 29. | Афсӯс, ки ман хушмуомила нестам. | |
| 30. | Вақте ки дар мубоҳисаҳо сухан мегӯям, ба ҳаққонияти худ бовар дорам. | |
| 31. | Ман фикр мекунам, ки ҳамсинфон аз ман чиро интизоранд. | |
| | ***Ҳамагӣ:*** | |

Коркард ва шарҳу баёни натиҷаҳои тест.

Калиди саволҳои тестӣ.

Ҳисоби холҳо аз рӯйи нақшаи зерин сурат мегирад:

«вақти зиёд» – 4 хол;
«зуд-зуд» – 3 хол;
«гоҳ-гоҳ» – 2 хол;
«ҳеҷ гоҳ» – 0.

*Шарҳу баёни натиҷаҳои тест.*

**Нишондиҳандаи дараҷаи худбаҳодиҳӣ**

**0-25 хол** аломати баланди худбаҳодиҳӣ ба шумор рафта, инсон ба худ боварӣ дорад, ба фикру мулоҳизаҳои дигарон эътибори мувофиқ медиҳад ва гоҳ-гоҳ ба амалҳои худ шубҳа мекунад.

**26-45 хол**. Нишондиҳандаи дараҷаи миёнаи худбаҳодиҳӣ буда, инсон аз маҷмӯи норасоиҳои мавҷуда ранҷ мекашад ва ҳар замон зери назорати дигарон амал мекунад.

**46-128 хол.** Дараҷаи пасти худбаҳодиҳӣ буда, инсон бо душворӣ андешаҳои танқидиро таҳаммул мекунад, ӯ ба худ боварӣ надорад.

**Тавсияҳои тест**

Агар шумо соҳиби дараҷаи баланди худбаҳодиҳӣ бошед, озодона метавонед касби соҳибкориро интихоб кунед.

Дар сурати мавҷудияти дараҷаи миёнаи худбаҳодиҳӣ низ ҷойи ташвиш нест. Бисёриҳо худро ба чунин шакл баҳо медиҳанд.

Вале ҳангоми мавҷудияти баҳодиҳии дараҷаи паст чӣ чора бояд андешид?

Пеш аз ҳама барои худ равшан карда шавад, ки худбаҳодиҳӣ дар қиёс бо дигар сифатҳои шахс раванди тағйирёбанда аст ва бисёр вақт аз вазъият, давраҳои зиндагӣ, ҳодисаҳо вобаста аст. Ба ҷуз ин, як хусусияти рӯҳии инсон мавҷуд аст: инсон ба ҳар шаклу сурате худро дидан хоҳад, он гоҳ бо мурури замон ҳамин хел мешавад. Собит шудааст, ки тағйир додани худ замоне оғоз мешавад, ки агар шахс хоҳиши ба даст овардани комёбиҳои назаррасро дар касби интихобкардааш дошта бошад.

*Машғулияти амалӣ:*

## ҲОЛАТИ САЛОМАТИИ ХУДРО МУАЙЯН КУНЕД

### Пурсишномаи саломатӣ

Дар катакчаҳо бо рақам дар сурати мувофиқат кардани аломати мусбат (+) ва дар ҳолати номувофиқатӣ аломати манфӣ (-) гузоред.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |

1. Баъди кори вазнин ман гоҳ-гоҳ гирифтори дарди сар мешавам.

2. Табъу рӯҳи болидаи маро ҳеҷ чиз вайрон карда наметавонад.

3. Иҷро накардани вазифаҳо ва бебарорӣ дар таҳсил маро безобита месозад.

4. Пеш аз имтиҳон ба ҳаяҷон намеоям.

5. Одатан ман аввалин шуда имтиҳон месупорам ва фикр накарда ба ҷавобдиҳӣ мегузарам.

6. Ба ман барои иҷрои вазифаҳои иловагӣ вақти иловагӣ лозим нест.

7. Хандаву мазоҳи ҳамсинфон табъи маро хира намесозад.

8. Хоби маро имтиҳонҳои дарпешистода халалдор намесозад.

9. Ман худро дар коллектив озоду ором ҳис мекунам.

10. Ман доимо кореро анҷом медиҳам, ки онро ба нақша гирифтаам.

11. Вақте муаллим аз мавзӯи дарс дур мешавад, ин маро ба раҳгумӣ меандозад.

12. Андешаи имтиҳон ва санҷиши дарпешистода маро мушавваш месозад.

13. Гоҳо чунин ба назар мерасад, ки ман дар бораи фанни таълимӣ чизе намедонам.

14. Вақте ба ман иҷрои коре даст намедиҳад, рӯҳафтода мешавам.

15. Саволеро, ки интизораш набудам, маро даступохӯрда месозад.

16. Ба назар мерасад, ки гӯё иродаи ман қавӣ набошад.

17. Ман ҳарчанд фанро хуб медонам, вале аз ҷавоб додан метарсам.

18. Ман бисёр вақт барои масъалаҳои ночиз ба дӯстонам даъво мекунам ва баъд пушаймон мешавам.

19. Муҳити психологии синф ба ҳолати ман таъсир мерасонад.

20. Пас аз баҳсу мунозираву моҷаро то дергоҳ ором шуда наметавонам.

*Миқдори ҷавобҳои мусбатро дар доираи аз 1-10 ва манфиро аз 1-10 ҷамъ кунед. Ҳар қадар ки холҳо зиёд шаванд, асос барои ташвиш аз ҳолати саломатӣ камтар мешавад.*

***Машғулияти амалӣ***

## ТИПИ МИЗОҶИ ХУДРО МУАЙЯН КУНЕД

**Тест барои ташхиси мизоҷ, ки аз ҷониби Г. Айзенк пешниҳод шудааст.**

***Дастур:*** *Ба 56 савол ҷавоби «ҳа» ё «не» гузоред.*

1. Оё шумо зуд-зуд ба таассуроти нав ба нав таваҷҷуҳ зоҳир мекунед, то ки ҳаяҷонро аз сар гузаронед?

2. Оё шумо ба дӯстоне, ки шуморо мефаҳманд ва орому таскин мебахшанд, эҳтиёҷ доштанатонро зуд-зуд эҳсос мекунед?

3. Оё худро шахси беозор меҳисобед?

4. Оё бе мушкилӣ метавонед аз ҳадафу мақсадҳои худ сарфи назар кунед?

5. Шумо бо саросемагӣ дар бораи корҳои хеш андеша мекунед ва ё пеш аз оғози кор сабр карданро афзал мешуморед?

6. Оё доимо ба қавли худ, новобаста аз он ки ин ба фоидаи шумо нест, амал мекунед?

7. Оё зуд-зуд табъи шумо хира ё болида мешавад?

8. Умуман, шумо амал карда, ҳарф мезанед ва барои андеша кардан таъхир намекунед?

9. Оё дар зеҳни шумо чунин эҳсос пайдо шудааст, ки одами бадбахт ҳастед, ҳарчанд барои ин сабаби ҷиддие нест?

10. Оё дуруст аст, ки шумо ба қабули ҳар қароре омода ҳастед, агар кор ба домани баҳсу ҷидол кашида шавад?

11. Оё шумо ҳангоми суҳбат бо мардуми бегона хиҷолат мекашед?

12. Оё чунин иттифоқ меафтад, ки шумо ҳангоми хашму ғазаб аз худ бехуд мешавед?

13. Бисёр иттифоқ меафтад, ки шумо зери таъсири вақт амал мекунед?

14. Оё бисёр вақт ин фикр шуморо озор медиҳад, ки баъзе суханҳо набояд гуфта мешуданд ва баъзе корҳо набояд карда мешуданд?

15. Оё шумо китоб хонданро афзалтар аз мулоқот бо одамон медонед?

16. Оё дуруст аст, ки ранҷондани шумо хеле осон аст?

17. Шумо зуд-зуд дар маҳфилҳо ҳузур доштанро дӯст медоред?

18. Оё шумо чунин андешаҳое доред, ки гуфтанашро ба дигарон муносиб намедонед?

19. Оё дуруст аст, ки гоҳо шумо сар то по неруву энергия доред ва гоҳо афсурдаву сустниҳод ҳастед?

20. Оё шумо кам рафиқ доштан, вале дӯстони наздик доштанро афзал мешуморед?

21. Шумо бисёр орзу мекунед?

22. Вақте ба шумо дод мезананд, шумо ҳам бо доду фарёд ҷавоб мегӯед?

23. Оё шуморо зуд-зуд андешаи гунаҳкор будан озор медиҳад?

24. Оё ҳамаи одатҳои шумо дурусту хостанианд?

25. Оё шумо қобилияти инро доред, ки ба эҳсосот дода шавед ва дар маҳфилҳои пурғавғо шоду хурсанд бошед?

26. Оё метавон гуфт, ки шумо аксар вақт ниҳоят асабиву ғазаболудед?

27. Шумо гоҳе инсони шодобу зиндадил мешавед?

28. Пас аз он ки кореро иҷро мекунед, оё меандешед, ки метавонистед онро беҳтар иҷро кунед?

29. Оё ҳангоме ки шумо дар маҳфиле ҳузур доред, доим худро ором эҳсос мекунед?

30. Оё чунин иттифоқ меафтад, ки овозаеро паҳн кунед?

31. Оё мешавад, ки хоб карда наметавонеду ба саратон андешаҳои гуногун меоянд?

32. Агар шумо бихоҳед дар бораи чизе маълумот пайдо кунед, он гоҳ китоб хонданро афзал мешуморед ё аз дигарон мепурсед?

33. Оё иттифоқ меафтад, ки дилатон сахт мезанад?

34. Оё коре, ки диққати ҷиддиро талаб мекунад, ба шумо маъқул аст.

35. Оё иттифоқ меафтад, ки шуморо ларза фаро мегирад?

36. Шумо медонед, ки гуфтаҳоятон пӯшида мемонанд. Доимо дар ҳадди қабули умум сухан мегуфтед?

37. Оё ҳузур ба шумо дар маҳфиле, ки бо ҳам ҳазлу шухӣ мекунанд, хушоянд аст?

38. Шумо хашмолуд ҳастед?

39. Коре, ки саросемагиро талаб мекунад, ба шумо маъқул аст?

40. Оё дуруст аст, ки шуморо андеша дар атрофи ҳодисаҳои нохуш ва ваҳшатнок, ки бояд рух диҳанд, ором намегузоранд, ҳарчанд ҳама кор бахубӣ ба анҷом расидааст?

41. Шумо дар ҳаракату амал бисёр сабуру таҳаммулпазир ҳастед?

42. Шумо боре ба мулоқот ё кор дер кардаед?

43. Шумо зуд-зуд хобҳои даҳшатнок мебинед?

44. Шумо ба андозае сухан мегӯед, ки фурсати муносибро бо шахси бегона аз даст намедиҳед?

45. Дарду беморие шуморо азоб медиҳад?

46. Оё замоне ки барои муддати дароз бо дӯстону шиносон мулоқот карда натавонистед, худро бадбахт эҳсос кардед?

47. Шумо худро одами асабӣ меҳисобед?

48. Миёни одамоне, ки мешиносед, касе ҳаст, ки ба шумо маъқул нест?

49. Метавонед бигӯед, ки шумо ба худ боварӣ доред?

50. Агар камбудиҳои шумо ва коратонро танқид кунанд, аз ин хафа мешавед?

51. Оё шумо чунин назар доред, ки аз маҳфилу нишастҳои шабона эҳсоси лаззату қаноатмандӣ доштан мушкил аст?

52. Оё чунин эҳсосе, ки бадтар аз дигаронед, шуморо ноором месозад?

53. Оё зинда кардани маҳфили берӯҳу дилмурда барои шумо мушкил нест?

54. Оё чунин мешавад, ки шумо дар бораи арзишҳое сухан мегӯед, ки моҳияти аслиашонро намефаҳмед?

55. Шумо ғами саломатиатонро мехӯред?

56. Шумо бо дигарон шӯхӣ карданро дӯст медоред?

***Коркарди натиҷаҳо***

Агар ҷавоб ба ҷавоби дар калидбуда мувофиқат кунад, пас ба он як хол дода мешавад.

**Самимият:** «ҳа» – ба саволҳои 6, 24, 36; «не» – ба саволҳои 12, 18, 30, 42, 48, 3.

**Ноустуворӣ:** «ҳа» – ба саволҳои 2, 4, 7, 9, 11, 14, 16, 19, 21, 23, 26, 28, 31, 33, 35, 38, 40, 43, 45, 47, 50, 52, 55, 57

**Экстраверсия:** «ҳа» – ба саволҳои 1, 3, 8, 10, 13, 17, 22, 25, 27, 39, 44, 46, 49, 53, 56; «не» – ба саволҳои 5, 15, 20, 29, 32, 34, 37, 41, 51.

Агар нишондиҳандаи самимият беш аз 5 холро ташкил диҳад, пас ҷавобҳо самимӣ нестанд. Акнун бубинем, ки натиҷа аз рӯйи давраи пешниҳодкардаи Г. Айзенк чӣ гуна сурат мегирад?



Гурӯҳбандии характерҳо мувофиқи пешниҳоди Айзенк вобаста ба устувории системаи асаб чунин аст:

**холерик:** экстраверт, ҳиссиёти ноустувор дорад;
**флегматик:** интроверт, ҳиссиёти устувор дорад;
**сангвиник:** экстраверт, ҳиссиёти устувор дорад;
**меланхолик:** интроверт, ҳиссиёти ноустувор дорад.

**Тавсифи типҳои мизоҷ**

Ҳанӯз аз замони Буқрот чаҳор типи асосии мизоҷро ҷудо кардаанд, яъне меланхолик, сангвиник, флегматик ва холерик, вале ба таври равшан ягон типи ин мизоҷҳо дида намешавад. Ин чаҳор мизоҷ дар ҳар инсон ба андозаи муайяне вуҷуд доранд (гоҳ-гоҳ се мизоҷ).

**Меланхолик**

*Раванди ҳаяҷон ва боздорӣ.*

Ба осонӣ ғамгин мешавад. Ташвишангез. Моил аст дар бораи кор ё доир ба масъалаҳое, ки бо кор вобаста нестанд изҳори андеша кунад. Афсурдаву бадбин аст. Бисёр худдор ва каммуошират буда, сахт мутаассир мешавад. Хеле зуд ба фазои тарсу бим ва ғаму андуҳ дода мешавад. Вазъияти нав ӯро ба харос меоварад. Ӯ худро гум мекунад. Нисбат ба зиндагӣ андешаҳои торику нохуш дорад.

Типи дар мувозинатнабуда ва камҳаракат. Тамоми эҳсосоташ дар ботинаш ҷой гирифта, ки сабаби ташвишу изтироби ӯст. Бисёр ҳассос аст, ба қувваи худ боварӣ надорад. Ҳаракатҳои хиҷолатомез дорад. Ба танҳоӣ, дамдуздӣ моил аст. Аз муошират дурӣ меҷӯяд. Дар оила шавқу ҳавас, майлу хоҳишаш устувор аст, дар вазъият ва фаъолияти нав худро гум намекунад.

**Сангвиник**

*Ҳаракаткунии қувваҳои ҳаяҷон ва боздорӣ хос аст.* Хушмуошират, хушсуҳбат, дорои ахлоқи қобили қабул. Зиндадил. Ба ооромӣ майл надорад. Талош мекунад, ки мавқеи ҳукмрониро соҳиб бошад. Ба шароити муҳити атроф базудӣ мутобиқ мешавад. Зуд сухан мегӯяд. Серҳаракат аст. Метавонад базудӣ диққаташро аз як обеъкт ба макони дигар гузаронад. Табъи худро бо камоли матлуб идора

карда метавонад. Хушбин аст. Вазъи ботиниашро метавон дар симояш эҳсос кард. Дар мувозинат буда, дар вазъияти номусоид худро ба даст гирифта метавонад. Нутқи тез, равшан ва баланд дорад. Хушмуомила аст, ба муҳити нав зуд ворид мешавад. Базудӣ қодир аст, ки вориди кор шавад. Ташаббускор аст, вале гоҳе ҳангоми беқарорӣ бенизом аст.

**Флегматик**

*Бартарии қувваи боздорӣ бар ҳаяҷон мушоҳида мешавад.* Фаъолияти заиф дорад, сустҳаракат аст. Дурандеш ва ҳушёр мебошад. Хайрхоҳ ва оромипарвар аст. Хубирода мешавад. Одами боэътимод ва ором аст. Қобилияти зиёди корӣ дорад. Дорои сабру тоқат аст. Ҳангоми муошират бо дигарон ҳамеша эътидолро нигоҳ медорад. Босабру тоқат будан ба сустиҳои дигарон ба ӯ хос аст. Суханбозиву пургӯйиро дӯст намедорад. Ӯро истеҳзо кардану ба ғазаб овардан ниҳоят мушкил аст. Ба ногувориҳои зиндагӣ ва масъалаҳои мушкил оромона муносибат мекунад. Хислатҳояшро зоҳир намекунад.

Типи дар мувозинатбуда ва камҳаракат аст. Эҳсосоташ устувор, вале суст ифодаёбанда аст. Боэҳтиёт, дурандеш ва камҳаракат аст. Ба андозае хушмуошират аст.

**Холерик**

*Ба холерик чун сангвиник фаъолии баланд, суръати тези амали ҷавобӣ хос аст.* Намояндагони ин типи мизоҷ аз дигарон бо барангезиши баланди эмотсионалӣ ва номавзунии рафторашон фарқ мекунанд. Протсессҳои рӯҳӣ дар онҳо зуд мегузаранд. Номувозинатӣ ба таври равшан ба фаъолияти холерик таъсир мебахшад. Ӯ бо завқ ва эҳтироми беандоза барои кор мубориза мебарад, ташаббус зоҳир мекунад ва бо ҳаваси баланд кор мекунад. Холерик бо сабаби оқилона сарфа карда натавонистани қувва зуд бемадор ва рӯҳафтода мешавад. Чунин силсиланок зоҳиршавии рафтор яке аз хусусиятҳои характерноки мизоҷи холерикӣ аст. Холерик дар сурати бартарӣ пайдо кардани ҳаяҷон ба боздорӣ ҳангоми муошират кардан бо одамон метавонад тундмизоҷӣ, густоҳӣ, зудранҷӣ ва худдорӣ накарданро зоҳир кунад ва дар ин замина метавонад низоу ихтилофро дар коллектив ба амал орад.

*Машғулияти амалӣ:*

## МУАЙЯН КАРДАНИ АКСЕНТУАТСИЯ (ЗОҲИРШАВИИ ХИСЛАТ) ДАР НАВРАСОН БО ЁРИИ ТЕСТ

*(пурсишномаи Г. Шмишек)*

1. Аксентуатсия (зоҳиршавии хислат) чист?

2. Асоси тест-пурсишномаро консепсияи шахсиятҳои аксентуатсиядори (зоҳиршавӣ) К. Леонгард ташкил медиҳад, ки мувофиқи он аксентуатсияҳо аз ҳад зиёд равшан ифодаёбии баъзе хусусиятҳои фардии ба ҳар як инсон хос мебошад. К. Леонгард хусусиятҳои аксентуатсиядори характер ва мизоҷро фарқ мекунад.

Тест аз 10 зина иборат аст, ки дар маҷмӯъ 87 суолро ташкил медиҳад. Ба ҳар як суол ду варианти ҷавоб пешбинӣ шудааст: «ҳа» ва «не».

Барои гузаронидани тест варақаҳои тестӣ бо нишондоди стандартӣ ва инчунин варақаи стандартӣ барои ҷавобҳо заруранд, ки дар онҳо озмудашаванда дар баробари рақами пункт вобаста аз варианти ҷавоб аломати «+» ё «-» мегузоранд.

### Рӯйхати саволу ҷавоб

1. Ту одатан ором ва хушҳолӣ?

2. Оё ба осонӣ меранҷӣ ва озурдахотир мешавӣ?

3. Оё ба осонӣ гиря карда метавонӣ?

4. Оё барои ба дурустии корат боварӣ ҳосил кардан онро якчанд маротиба месанҷӣ?

5. Оё ту мисли дигар ҳамсинфонат доно ва боқувват ҳастӣ?

6. Оё ту баосонӣ аз хушҳолӣ ба ғамгинӣ ва баръакс аз ғамгинӣ ба хушҳолӣ мегузарӣ?

7. Ту дар бозӣ шахси асосӣ буданро дӯст медорӣ?

8. Рӯзҳое мешаванд, ки ту бесабаб аз ҳама чиз дар қаҳр мешавӣ?

9. Ту одами ҷиддӣ ҳастӣ?

10. Оё баъзан ба ту чизе ниҳоят маъқул мешавад?

11. Ту метавонӣ бозиҳои навро фикр карда барорӣ?

12. Агар шахсеро биранҷонӣ, базудӣ онро фаромӯш мекунӣ?

13. Ту худро одами нек меҳисобӣ ва оё ба дигарон ҳамдардӣ карда метавонӣ?

14. Мактубро ба қуттии мактубҳо партофта, оё бо дастат тафтиш мекунӣ, ки мабодо дар сӯрох дарнамонда бошад?

15. Оё кӯшиш мекунӣ, ки дар мактаб, маҳфилҳо, сексияҳои варзиш аз ҳама беҳтарин бошӣ?

16. Вақте ту хурд будӣ, аз раъду барқ ва сагҳо метарсидӣ?

17. Оё ту худро аз ҳад зиёд покизакор ва боғайрат меҳисобӣ?

18. Оё ҳолати рӯҳии ту ба корҳои хона ва мактаб вобаста аст?

19. Оё гуфтан мумкин аст, ки бисёре аз шиносҳоят туро дӯст медоранд?

20. Ҳолате мешавад, ки қалбат ноором мегардад?

21.Ту одатан каме зиқ ҳастӣ?

22. Ҳолатҳое буданд, ки ғаму андуҳро аз сар гузаронида истода, гиря мекардӣ?

23. Ба ту дар як ҷой муддати дароз истодан душвор аст?

24. Ҳангоме ки бо ту рафтори ноҳақ мекунанд, оё барои ҳуқуқҳои худ мубориза мебарӣ?

25. Ту ягон бор аз фалахмон ба гурбаҳо тир паррондаӣ?

26. Вақте ки дастархон ва ё парда каҷ овезон бошад, ту асабонӣ мешавӣ?

27. Ҳангоме ки ту хурд будӣ, аз танҳо мондан дар хона меҳаросидӣ?

28. Мешаванд ҳолатҳое, ки ту худро бе сабабе хушҳол ё ғамгин ҳис мекунӣ?

29. Ту яке аз хонандагони беҳтарин дар синф ҳастӣ?

30. Ту баосонӣ ба ғазаб меоӣ?

31. Ту аксар вақт хушҳолӣ ва масхарабозӣ мекунӣ?

32. Ту баъзан худро бисёр хушбахт ҳис мекунӣ?

33. Ту метавонӣ бачаҳоро хушҳол кунӣ?

34. Ту метавонӣ ба касе рӯйирост ҳар чизеро, ки дар бораат меандешӣ, бигӯӣ?

35. Ту аз хун метарсӣ?

36. Ту бо майли том супоришҳои мактабиро иҷро мекунӣ?

37. Ту касеро, ки нисбаташ ноҳаққӣ кардаанд, тарафдорӣ мекунӣ?

38. Ба ту вориди хонаи торику холӣ шудан ногувор аст?

39. Ба ту нисбат ба саросемакорӣ пухтакориву дақиққорӣ писандидатар аст?

40. Ту баосонӣ бо одамон шинос мешавӣ?

41. Ту бо майли том дар шабнишиниҳо ва дар вохӯриҳои пагоҳирӯзӣ баромад мекунӣ?

42. Ту ягон бор аз хона гурехтаӣ?

43. Оё зиндагӣ ба назари ту душвор аст?

44. Ту ягон бор аз рӯйи ҷанҷол бо бачаҳо ва омӯзгорон то андозае озурдахотир шудаӣ, ки ба мактаб рафта наметавонистӣ?

45. Ту метавонӣ ҳатто ҳангоми бебарорӣ ба ҳоли худ биханди?

46. Агар ҷанҷол бо гуноҳи ту нашуда бошад, оё ту кӯшиши оштӣ шудан мекунӣ?

47. Ту ҳайвонотро дӯст медорӣ?

48. Ҳангоми аз хона берун рафтан, мавридҳое мешуд, ки ту бармегаштӣ, то тафтиш кунӣ, ки ягон ҳодисае рӯй надода бошад?

49. Оё баъзан ба назари ту чунин мерасад, ки ба ту ё ба волидонат бояд ҳодисае рӯй бидиҳад?

50. Ҳолати рӯҳии ту аз обу ҳаво вобаста аст?

51. Оё ба ту дар синф ҷавоб додан душвор аст, ҳарчанд саволро медонӣ?

52. Агар аз касе дар ғазаб шавӣ, оё ту метавонӣ ба занозанӣ оғоз кунӣ?

53. Оё миёни бачаҳо будан ба ту писанд аст?

54. Агар ба ту чизе муяссар нашавад, ту ба ноумедӣ меафтӣ?

55. Ту метавонӣ бозӣ ё ягон корро ташкил кунӣ?

56. Ту қатъӣ сӯйи мақсад мешитобӣ, ҳарчанд дар роҳ душвориҳо пеш биёянд ҳам?

57. Ту ягон бор ҳангоми тамошои кинофилм ва ё хондани китоби ғамангез гиря кардаӣ?

58. Оё ҳолате мешавад, ки аз сабаби ташвише барои ту хобидан душвор мегардад?

59. Ту луқма мепартоӣ ё коратро барои рӯйбардор кардан медиҳӣ?

60. Оё ту бегоҳирӯзиҳо ҳангоми гузаштан аз кӯчаҳои торик метарсӣ?

61. Ту назорат мекунӣ, ки ҳама чиз дар ҷойи худаш бошад?

62. Ҳолатҳое мешавад, ки ту бо кайфияти хуб ба хоб меравию бо кайфияти бад аз хоб мехезӣ?

63. Ту худро бо бачаҳои нав озод ҳис мекунӣ? (дар синфи нав, лагер)

64. Оё ту сардард мешавӣ?

65. Оё ту зуд-зуд механдӣ?

66. Агар ту касеро эҳтиром накунӣ, метавонӣ чунин рафтор кунӣ, ки ӯ инро пай набарад?

67. Ту метавонӣ корҳои зиёди гуногунро дар як рӯз анҷом бидиҳӣ?

68. Оё зуд-зуд ба ту ноҳаққӣ мекунанд?

69. Оё ту табиатро дӯст медорӣ?

70. Аз хона баромада истода ва ё ҳангоми хоб рафтан, оё ту тафтиш мекунӣ, ки дар маҳкаму чароғ хомӯш бошад?

71. Ба фикри худат, ту тарсончакӣ?

72. Оё паси мизи идона ҳолати рӯҳият тағйир меёбад?

73. Оё дар маҳфилҳои драмавӣ иштирок мекунӣ ва аз саҳна шеър хонданро дӯст медорӣ?

74. Оё ту хаёл мекунӣ?

75. Оё мешавад, ки ту дар бораи оянда бо андуҳ меандешӣ?

76. Оё дар ту гузариши ногаҳонӣ аз хурсандӣ ба рӯҳафтодагӣ рух медиҳад?

77. Ту меҳмононро хушҳол карда метавонӣ?

78. Ту муддати дароз қаҳрӣ мешавӣ, хафа мегардӣ?

79. Ту нороҳат мешавӣ, агар дӯстони ту ба ғаме гирифтор шаванд?

80. Ту аз рӯйи хатое вараки дафтарро аз нав рӯйбардор ме-

кунӣ?

81. Ту худро нобовар мешуморӣ?

82. Оё зуд-зуд хобҳои даҳшатнок мебинӣ?

83. Оё дар ту хоҳиши аз тиреза ба поён ҷаҳидан ва ё худро зери мошин партофтан пайдо шуда буд?

84. Агар ҳама атрофиён хушҳолӣ карда истода бошанд, ту низ хушҳол мешавӣ?

85. Агар бо ту нохушие рӯй диҳад, метавонӣ замоне онро фаромӯш кунӣ, доим дар бораи он фикр накунӣ?

86. Ту баъзан рафторҳои барои худ ногаҳониро иҷро мекунӣ?

87. Одатан ту камсухан, хаппак ҳастӣ?

88. Оё ту метавонистӣ дар намоишномаҳои драмавӣ иштирок карда, чунон ба нақш ворид шавӣ, ки кӣ буданатро фаромӯш кунӣ?

### Тартиби ҳисоби холҳои тест

*Баъд аз пур кардани варақа шумораи балҳои алоҳида вобаста ба ҳар як типи аксентуатсия шумурда мешавад.*

**1. Типи гипертимӣ**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 1, 11, 23, 33, 45, 55, 67, 77 ҷамъбаст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 3 зарб зада мешавад.

**2. Типи дармондашуда**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 2, 15, 24, 34, 37, 56, 68, 78, 81 ва шумораи ҷавобҳои «не» – ба саволҳои № 12, 46, 59 ҷамъбаст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 2 зарб зада мешавад.

**3. Типи эмотивӣ**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 3, 13, 35,47, 57, 69,79 ва ҷавоби «не» – ба саволи № 25 ҷамъбаст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 3 зарб зада мешавад.

**4. Типи расмиятпараст**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 4, 14, 17, 26, 39, 48, 58, 61, 70, 80, 83 ва ҷавоби «не» – ба саволи № 36 ҷамъ-

баст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 2 зарб зада мешавад.

**5. Типи изтиробнок**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 16, 27, 38, 49, 60, 71, 82 ва ҷавоби «не» – ба саволи № 5 ҷамъбаст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 3 зарб зада мешавад.

**6. Типи циклотимӣ**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 6, 18, 28, 40, 50, 62, 72, 84 ҷамъбаст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 3 зарб зада мешавад.

**7. Типи намоишдиҳанда**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 7, 19, 22, 29, 41, 44, 63, 66, 73, 85, 88 ва ҷавоби «не» – ба саволи № 51 ҷамъбаст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 2 зарб зада мешавад.

**8. Типи ҳаяҷоннок**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 8, 20, 30, 42, 52, 64, 74, 86 ҷамъбаст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 3 зарб зада мешавад.

**9. Типи дистимӣ**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 9, 21, 43, 75, 87 ва шумораи ҷавобҳои «не» – ба саволҳои № 31, 53, 65 ҷамъбаст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 3 зарб зада мешавад.

**10. Типи зуд мутаассиршаванда**

А. Шумораи ҷавобҳои «ҳа» – ба саволҳои № 10, 32, 54, 76 ҷамъбаст карда мешаванд.

Б. Адади гирифташуда ба 6 зарб зада мешавад.

Баъд аз кор кардани натиҷаҳои пурсишнома шумораи холҳо доир ба ҳар як типи аксентуатсия бароварда мешавад. Шумораи максималии холҳо метавонад баробари 24 бошад.

***18-24 хол*** – нишондиҳандаи аксентуатсияи ифоданоки типи додашуда мебошад.

***12-17 хол*** – аксентуатсияи пӯшидаро ифода мекунад.

***Аз 12 хол поён*** – ифодаи мавҷуд набудани аксентуатсия мебошад.

## Ҷадвали 3 – Сохтори васеъшудаи ТДРИТ

| Рамз | Номи соҳа, самти таҳсилот ва гурӯҳҳои ихтисосҳо | Рамз аз рӯйи СБТТ | Таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | Таҳсилоти олӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | | | |
| **А** | **Соҳаи таҳсилот: ПЕДАГОГИКА** | | | | |
| **01** | **Самти таҳсилот: ПЕДАГОГИКАИ ДАВРАИ КӮДАКӢ** | | | | |
| 01 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Инкишофи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ | 141 | - | 2 | 3 |
| 01 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Инкишофи шахсияти синни хурди мактабӣ | 141 | - | 2 | 3 |
| 01 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Инкишофи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ | 141 | - | 2 | 3 |
| **02** | **Самти таҳсилот: ПЕДАГОГИКАИ СИННИ НАВРАСӢ ВА ҶАВОНӢ** | | | | |
| 02 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои таъриху диншиносӣ ва фалсафа | 141 | - | - | 3 |
| 02 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои фарҳангшиносӣ | 141 | - | 2 | 3 |
| 02 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои филологӣ ва забоншиносӣ | 141 | - | 2 | 3 |
| 02 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои биологӣ, ҷуғрофӣ ва химиявӣ | 141 | - | - | 3 |
| 02 05 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои физика ва математика | 141 | - | 2 | 3 |
| 02 06 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси технология | 141 | - | 2 | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **03** | **Самти таҳсилот: ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ-СИННУСОЛӢ** | | | | |
| 03 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Инкишофи эстетикӣ | 141 | - | - | 3 |
| 03 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таҳсилот дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ | 141,81 | - | 2 | 3 |
| 03 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таҳсилоти махсус | 141 | - | - | 3 |
| 03 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Дастгирии иҷтимоиву педагогӣ ва тиббию психологӣ | 141,31, 76 | - | | 3 |
| **B** | **Соҳаи таҳсилот: ПЕДАГОГИКА. ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ** | | | | |
| **08** | **Самти таҳсилот: ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ** | | | | |
| 08 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таҳсилоти касбӣ | 141,52, 54, 58, 62 | | 2 | 3 |
| **09** | **Самти таҳсилот: ИДОРАКУНӢ ДАР СОҲАИ ТАҲСИЛОТ** | | | | |
| 09 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Менеҷери муассисаҳои таҳсилотӣ | | | | 3 |
| **С** | **Самти таҳсилот: САНЪАТ ВА ДИЗАЙН** | | | | |
| **15** | **Самти таҳсилот: САНЪАТИ ТАСВИРӢ. САНЪАТИ ОРОИШӢ-АМАЛӢ** | 21 | | | |
| 15 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати тасвирӣ | | | 2 | 3 |
| 15 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати ороишӣ-амалӣ | | | | 3 |
| **16** | **Самти таҳсилот: САНЪАТИ МУСИҚАВӢ** | 21 | | 2 | |
| 16 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати мусиқавӣ | | | 2 | 3 |
| **17** | **Самти таҳсилот: САНЪАТИ САҲНАВӢ ВА ЭКРАНӢ** | 21 | | | |
| 17 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати театр, кино, радио ва телевизион | | | | 3 |
| **17 02** | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати хореографӣ | | | | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 17 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати эстрада ва сирк | | | 2 | 3 |
| **18** | **Самти таҳсилот: ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚ** | **21** | | | |
| 18 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Эҷодиёти халқ | | | | 3 |
| **19** | **Самти таҳсилот: ДИЗАЙН** | | | | |
| **19 01** | Гурӯҳи ихтисосҳо: Дизайн | | | | 3 |
| **D** | **Соҳаи таҳсилот: ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ** | | | | |
| **21** | **Самти таҳсилот: ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ** | **22** | | | **3** |
| 21 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои диншиносӣ | | | | 3 |
| 21 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои фалсафа | | | | 3 |
| 21 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои таърихӣ | | | 2 | 3 |
| 21 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои фарҳангшиносӣ | | | | 3 |
| 21 05 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои филологӣ | | | 2 | 3 |
| 21 06 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои забоншиносӣ | | | | |
| **E** | **Соҳаи таҳсилот: РОБИТАҲО. ҲУҚУҚ. ИҚТИСОДИЁТ. ИДОРА. ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАШКИЛИ ИСТЕҲСОЛОТ** | | | | |
| **23** | **Самти таҳсилот: Коммуникатсияҳо** | **31,32** | **1** | **2** | **3** |
| 23 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Коммуникатсияҳо | | | | 3 |
| 23 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Технологияи коммуникатсияҳо | | | | 3 |
| **24** | **Самти таҳсилот: ҲУҚУҚ** | **38** | | | |
| 24 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳуқуқ | | | | 3 |
| **25** | **Самти таҳсилот: ИҚТИСОДИЁТ** | **31,34** | | | |
| 25 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Иқтисодиёт ва идора | | | | 3 |
| 25 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти молиявӣ | | | 2 | 3 |
| 25 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳисоби муҳосибӣ ва назорат | | | 2 | 3 |
| 25 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти тиҷоратӣ | | | | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **26** | **Самти таҳсилот: ИДОРА** | **31,34** | | | |
| 26 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Идораи давлатӣ | | | | 3 |
| 26 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Бизнес - идора | | | | 3 |
| 26 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Идораи захираҳои иттилоотӣ | | | | 3 |
| **27** | **Самти таҳсилот: ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАШКИЛИ ИСТЕҲСОЛОТ** | | | | |
| 27 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот | | | | 3 |
| **G** | **Соҳаи таҳсилот: ИЛМҲОИ ТАБИӢ** | | | | |
| **31** | **Самти таҳсилот: ИЛМҲОИ ТАБИӢ** | **42,44** | | | |
| 31 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои биологӣ | | | 2 | 3 |
| 31 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои географӣ | | | | 3 |
| 31 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои математикӣ | | | 2 | 3 |
| 31 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои физикӣ | | | | 3 |
| 31 05 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои химиявӣ | | | | 3 |
| **H** | **Соҳаи таҳсилот: ИЛМҲОИ ЭКОЛОГӢ** | | | | |
| **33** | **Самти таҳсилот: ИЛМҲОИ ЭКОЛОГӢ** | **85** | | | |
| 33 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои экологӣ | | | | 3 |
| **I** | **Соҳаи таҳсилот: ТЕХНИКА ВА ТЕХНОЛОГИЯ** | | | | |
| **36** | **Самти таҳсилот: ТАҶҲИЗОТ** | **52,54** | | | |
| 36 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таҷҳизоти мошинсозӣ ва технологияҳо | | | | 3 |
| 36 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Металлургия | | | | 3 |
| 36 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Энергетика | | | | 3 |
| 36 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Радиоэлектроника | | | | 3 |
| 36 05 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Комплекси ҷангал | | | 2 | 3 |
| 36 06 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Табъу нашр | | | 2 | 3 |
| 36 07 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти химиявӣ | | | | 3 |
| 36 08 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Саноати сабук ва хизмати маишӣ | | | 2 | 3 |
| 36 09 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока | | | 2 | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 36 10 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Инкишофи геологӣ ва истеҳсолоти истихроҷи маъдан | | | | 3 |
| 36 11 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Сохтмон ва хоҷагии коммуналӣ | | | 2 | 3 |
| 36 12 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ | | | 2 | 3 |
| 36 20 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таҷҳизоти умумисоҳавӣ | | | | 3 |
| **37** | **Самти таҳсилот: НАҚЛИЁТ** | **52** | | | |
| 37 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Автомобилҳо, тракторҳо, нақлиёти рӯизаминии шаҳрии барқикунонидашуда | | | 2 | 3 |
| 37 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Нақлиёти роҳи оҳан | | 1 | 2 | 3 |
| 37 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Нақлиёти обӣ | | | 2 | 3 |
| 37 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Нақлиёти ҳавоӣ | | | | 3 |
| **38** | **Самти таҳсилот: АБЗОРҲО** | **52** | | | |
| 38 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истифодабарии умумӣ | | | | 3 |
| 38 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истифодабарии махсус | | | | 3 |
| **39** | **Самти таҳсилот: ТЕХНИКАИ РАДИОЭЛЕКТРОНӢ** | **52** | | | |
| 39 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Нақшаҳои сохт ва низомҳои радиоэлектронӣ | | | **2** | **3** |
| 39 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Конструксияҳои воситаҳои радиоэлектронӣ | | | **2** | **3** |
| **40** | **Самти таҳсилот: ТЕХНИКАИ ҲИСОББАРОР** | **52** | | | |
| 40 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Воситаҳои математикӣ ва воситаҳои барномавӣ | | | **2** | **3** |
| 40 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Воситаҳои дастгоҳӣ | | | **2** | **3** |
| 40 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Низомҳои компютерии зеҳнӣ | | | **2** | **3** |
| **41** | **Самти таҳсилот: ҶУЗЪҲОИ ТАҶҲИЗОТ** | **52** | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 41 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Техникаи радио-, микро- ва наноэлектронӣ | | | **2** | **3** |
| **42** | **Самти таҳсилот: МЕТАЛЛУРГИЯ** | **52** | | | |
| 42 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Металлургия | | | **2** | **3** |
| **43** | **Самти таҳсилот: ЭНЕРГЕТИКА** | **52** | | | |
| 43 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Энергетикаи барқӣ, энергетикаи ҳароратӣ | | | **2** | **3** |
| **44** | **Самти таҳсилот: ФАЪОЛИЯТИ НАҚЛИЁТӢ** | **52** | | | |
| 44 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти нақлиёти зеҳнӣ | | | **2** | **3** |
| **45** | **Самти таҳсилот: ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ** | **52** | | | |
| 45 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъминоти телекоммуникатсия | | 1 | **2** | **3** |
| **46** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ ҶАНГАЛ** | **52,54** | | | |
| 46 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Захира ва коркарди чӯб | | 1 | **2** | **3** |
| **47** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ ПОЛИГРАФӢ** | **21** | | | |
| 47 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Табъу нашр | | 1 | **2** | **3** |
| 47 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти полиграфӣ | | 1 | **2** | **3** |
| **48** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ КИМИЁВӢ** | **52,54** | | | |
| 48 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти кимиёвӣ | | | | 3 |
| 48 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти биохимиявӣ ва микробиологӣ | | | | 3 |
| **49** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ** | **54,62** | | | |
| 49 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти маҳсулоти хӯрока | | | | 3 |
| **50** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ САБУК** | **54** | | | |
| 50 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти маҳсулот аз газворҳои бофта ва ғайрибофта | | 1 | **2** | **3** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 50 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти маҳсулот аз масолеҳи чармин ва сунъӣ | | 1 | **2** | **3** |
| **51** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ ИСТИҒРОҶИ КӮҲӢ** | **54** | | | |
| 51 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок | | | **2** | **3** |
| 51 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Коркарди конҳои канданиҳои фоиданок | | | **2** | **3** |
| **52** | **Самти таҳсилот: НАМУДҲОИ ДИГАРИ ИСТЕҲСОЛОТ** | **21,54** | | | |
| 52 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсоли бозичаҳо | | 1 | **2** | **3** |
| 52 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ | | 1 | **2** | **3** |
| 52 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсоли зарф | | 1 | **2** | **3** |
| 52 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсоли экспозитсионӣ-рекламавӣ | | 1 | **2** | **3** |
| **53** | **Самти таҳсилот: АВТОМАТИКУНОНӢ** | **54** | | | |
| 53 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Автоматикунонии ҷараёнҳои технологӣ, истеҳсолот ва идора | | | **2** | **3** |
| **54** | **Самти таҳсилот: ТАЪМИНИ СИФАТ** | **-** | | | |
| 54 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Метрология, стандартикунонӣ, сертификатсионӣ. Ташхиси техникӣ | | | **2** | **3** |
| **55** | **Самти таҳсилот: НИЗОМҲОИ ЗЕҲНӢ** | | | | **3** |
| 55 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Низомҳои зеҳнӣ | | | | |
| **56** | **Самти таҳсилот: ЗАМИНСОЗӢ, ГЕОДЕЗИЯ, ХАРИТАСОЗӢ ВА ТОПОГРАФИЯ** | **21,54,85** | | | |
| 56 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Заминсозӣ | | | | 3 |
| 56 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Геодезия, харитасозӣ ва топография | | | | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **57** | **Самти таҳсилот: ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ** | **85** | | | |
| 57 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳифзи муҳити зист | | | **2** | **3** |
| **58** | **Самти таҳсилот: ЭРГОНОМИКА** | **85** | | | |
| 58 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Эргономика дар низомҳои иттилоотӣ | | | | 3 |
| **59** | **Самти таҳсилот: ҲИФЗИ МЕҲНАТ** | **85** | | | |
| 59 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳифзи меҳнат дар асоси бозомӯзӣ | | | | 3 |
| **J** | **Соҳаи таҳсилот: МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН** | | | | |
| **69** | **Самти таҳсилот: МЕЪМОРӢ** | **58** | | | |
| 69 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Меъморӣ | | | **2** | **3** |
| **70** | **Самти таҳсилот: СОХТМОН** | **58** | | | |
| 70 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулот ва конструксияҳо | | | **2** | **3** |
| 70 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Биноҳо ва иншоот | | | **2** | **3** |
| 70 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Роҳҳо ва дигар объектҳои наќлиётӣ | | | **2** | **3** |
| 70 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Низоми хоҷагии об ва гармидиҳӣ | | | **2** | **3** |
| 70 05 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Қубурҳои газу нафт ва нигоҳдории газу нафт | | | **2** | **3** |
| **K** | **Соҳаи таҳсилот: КИШОВАРЗӢ ВА ҶАНГАЛ. БУНЁДИ ИСТИРОҲАТГОҲҲО** | | | | |
| **74** | **Самти таҳсилот: КИШОВАРЗӢ** | **62,64** | | | |
| 74 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Менеҷери кишоварзӣ | | | | 3 |
| 74 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти рустанипарварӣ | | | | 3 |
| 74 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Чорводорӣ, моҳипарварӣ, занбӯри асалпарварӣ | | | **2** | **3** |
| 74 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Сохтмони деҳот ва ободкории минтақа | | | **2** | **3** |
| 74 05 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Обёрӣ ва хоҷагии об | | | **2** | **3** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 74 06 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Агромуҳандисӣ | | | | 3 |
| **75** | **Самти таҳсилот: ХОҶАГИИ ҶАНГАЛ ВА БУНЁДИ ИСТИРОҲАТГОҲҲО** | **62** | | | |
| 75 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Хоҷагии ҷангал | | | **2** | **3** |
| 75 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: ва бунёди истироҳатгоҳҳо | | | **2** | **3** |
| **L** | **Соҳаи таҳсилот: ТАНДУРУСТӢ** | | | | |
| **79** | **Самти таҳсилот: ПЕШГИРӢ, ТАШХИС, ТАБОБАТ, ОФИЯТ ВА ТАШКИЛИ ТАНДУРУСТӢ** | **72** | | | |
| 79 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият ва ташкили тандурустӣ | | | **2** | **3** |
| **80** | **Самти таҳсилот: ТАЪМИНОТИ ТЕХНИКИЮ ЛАБОРАТОРӢ** | **72** | | | |
| 80 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъминоти техникӣ | | | **2** | **3** |
| 80 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъминоти лабораторӣ | | | **2** | **3** |
| **81** | **Самти таҳсилот: ФАЪОЛИЯТИ ТИББӢ ВА ДОРУСОЗӢ ДАР АСОСИ ТАҲСИЛОТИ БАЪДИДИПЛОМӢ** | **72** | | | |
| 81 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти тиббӣ ва дорусозӣ дар асоси бозомӯзии аввалин (коромӯзӣ) | | | **2** | **3** |
| 81 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти тиббӣ ва дорусозӣ дар асоси бозомӯзии мутахассисон | | | | **3** |
| 81 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти тиббӣ ва дорусозӣ дар асоси бозомӯзии иловагӣ (ординатураи дармонгоҳӣ (клиникӣ) | | | | 3 |
| **M** | **Соҳаи таҳсилот: ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ** | **76** | | | |
| **86** | **Самти таҳсилот: ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ** | | | | |
| 86 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳифзи иҷтимоӣ | | | | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **N** | **Соҳаи таҳсилот: ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ. САЙЁҲӢ ВА МЕҲМОННАВОЗӢ** | **81** | | | |
| **88** | **Самти таҳсилот: ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ** | | | | |
| 88 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тарбияи ҷисмонӣ | | | **2** | **3** |
| 88 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Варзиш | | | **2** | **3** |
| **89** | **Самти таҳсилот: САЙЁҲӢ. МЕҲМОННАВОЗӢ** | | | | |
| 89 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ | | | **2** | **3** |
| 89 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Сайёҳӣ | | | **2** | **3** |
| 89 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Меҳмоннавозӣ | | | **2** | **3** |
| **O** | **Соҳаи таҳсилот: ХӮРОКИ УМУМӢ. ХИЗМАТИ МАИШӢ** | **81** | | | |
| **91** | **Самти таҳсилот: ХӮРОКИ УМУМӢ. ХИЗМАТИ МАИШӢ** | | | | |
| 91 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Хӯроки умумӣ | | 1 | **2** | **3** |
| 91 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Хизмати маишӣ | | 1 | **2** | **3** |
| **P** | **Соҳаи таҳсилот: ХАДАМОТИ БЕХАТАРӢ** | | | | |
| **93** | **Самти таҳсилот: ҲИФЗИ ШАҲРВАНДОН, МОЛИКИЯТИ ШАХСӢ ВА ДАВЛАТӢ** | | | | |
| 93 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳифзи шаҳрвандон, моликияти шахсӣ ва давлатӣ | **86** | | | 3 |
| **94** | **Самти таҳсилот: ҲИМОЯ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА** | | | | |
| 94 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода | **86** | | | 3 |
| 94 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъмини бехатарӣ | **86** | | | 3 |
| **95** | **Самти таҳсилот: КОРИ ҲАРБӢ** | | | | |
| 95 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Идораи воҳидҳои ҳарбӣ ва таъмини фаъолияти намудҳои қӯшунҳои ҳарбӣ | | | **2** | **3** |
| 95 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти ҳарбӣ-муҳандисӣ | **86** | | **2** | **3** |
| 95 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти штабӣ | **86** | | **2** | **3** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **96** | **Самти таҳсилот: АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ** | | | | |
| 96 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъмини амнияти иқтисодӣ | | | | 3 |
| **97** | **Самти таҳсилот: АМНИЯТИ ДАВЛАТӢ** | | | | |
| 97 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъмини амнияти давлатӣ | | | | 3 |
| **98** | **Самти таҳсилот: АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ** | | | | |
| 98 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳимояи иттилоот | | | | 3 |
| **99** | **Самти таҳсилот: МУОИНАИ СУДӢ** | | | | |
| 99 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Муоинаи тиббию судӣ дар асоси бозомӯзӣ | | | | 3 |

## Ҷадвали 4 – Феҳристи мураттаби ихтисосҳо ва самтҳои ихтисосҳои таҳсилоти касбӣ

| **Рамзи соҳа ва самти таҳсилот, гурӯҳҳои ихтисосҳо, ихтисосҳо, самтҳои ихтисосҳо** | **Номи соҳа, самти таҳсилот ва гурӯҳҳои ихтисосҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Номи ихтисос, самти ихтисос** | **Рамзи сатҳи таҳсилот** | **Таҳсилоти ибтидой- касбӣ** | **Таҳсилоти миёнаи касбӣ** | **Таҳсилоти олӣ** |
| 1 | 2 | 3 | | | |
| **А** | **ПЕДАГОГИКА** | | | | |
| **01** | **ПЕДАГОГИКАИ ДАВРАИ КӮДАКӢ** | | | | |
